Ширинои Досова

# Баҳори ҳамешагии ман

Originally published in Russian as
*Моя вечная весна by* Ширинай Досова
English: *My Eternal Spring*
© Издательство «Свет на Востоке», 2001

© 2003 for the Tajik edition.
Translated by permission. All rights reserved.

# Сарсухан

„Рӯз ба рӯз сухан мегӯяд, шаб бо шаб фикр изҳор мекунад“ (Забур 18:3). Инсон Калом аз болоро на фақат дар давраҳои равшан ва хурсандии ҳаёт пайдо мекунад, балки „шабона“ — дар лаҳзаҳои пуразоб ва озмоиш ҳам. Дар ин вақти „торик“ ба ӯ дониши махсусе, ки ба бартараф намудани зулмот ва ғалаба бар бадӣ мебарад, кушода мешавад. Шояд, ваъдаи пайғамбаронаи машҳур: „Торикиро пеши онҳо ба рӯшноӣ табдил хоҳам дод“ (Ишаъё 42:16), ба ҳамин ноилшавӣ ба рӯшноии осмонӣ дар миёни торикиҳои ҳаёт дахл дорад.

Ба назарам чунин менамояд, ки маҳз чунин қабулкунии ҳастӣ — ҷустуҷӯ ва пайдокунии „равшаниҳо ва торикиҳо“ — мундариҷаи дарунии китоби Шириной Досоваро дар бар мегирад. Дар хотираҳои ӯ чор насли як оила пеши назари мо ҷилвагар мешаванд. Дар ин наслҳо ҳам одамони дорои имони чуқур ва аҷоиб, ҳам одамони беимон ва ҳам одамони шубҳадор ҳастанд. Таҷрибаи ҳамаи онҳо, чеҳра ва дили онҳо дар партави хотираи миннатдорона дар саҳифаҳои китоб намудор мешаванд. Ва ҳамаи бурду бохтҳо гӯё дар шахсият ва фаъолияти муаллиф ҷамъ мешаванд ва ба каломи мавъиза, масал ва мисоли зинда мегузаранд.

Чаро, барои чӣ инсон ҳаёт, ирсият ва хотираро дар ҳамин оила пайдо мекунад, на дар оилаи дигар? Он дар нияти Худо бо гузаштагон ва хешовандони

худ чӣ гуна алоқа дорад?... „Он чи шунидаем ва донистаем ва падарони мо ба мо ҳикоят кардаанд, аз фарзандони онҳо пинҳон нахоҳем дошт; ...ҳамду санои Худовандро ба насли оянда ҳикоят хоҳем кард“ (Забур 77:3–4). Ҳар яки мо „мева“-и дарахти авлодӣ мебошад, ки ба наслҳои аввалин реша давондааст, ва ишораи Инҷил ба ҳар яки мо алоқа дорад: „Писари... Шет, ибни Одам, ибни Худо буд“ (Луқо 3:23–38).

Чӣ хел хурсандибахш аст, вақте ки „мева лоиқи решаи худ аст!“ Он вақт тамоми дарахт дар мева ҷалол меёбад, он вақт роҳҳои душвор ва пурғами падару бобоён дар наслҳо сафед мешаванд. Зеро дар охир сухани забурнигор амалӣ мешавад: „Ва ҷалоли ту бар тамоми замин бод!“ (Забур 56:6). „Замин“ — роҳҳои заминии гузаштагон, андешаҳо ва ташвишҳои зиндагӣ — ҳамаи ин бо ҳамду саное ки аз даҳони насли оянда дар ҳаққи Офаридгор мебароянд, равшан мегардад. „Он гоҳ нури Ту дар зулмот хоҳад дурахшид...“ (Ишаъё 58:10).

...Як масали шарқӣ ҳаст. Муаллиме барои дар фаҳмиши шогирдонаш устувор кардани „системаи арзишҳо“ ба онҳо санги камёбро дода, ба бозор фиристод, то нархи онро аниқ кунанд. Дар бозор ба санг нигоҳ кардан ҳам нахостанд, дар ҳолати беҳтарин фулусеро пешкаш мекарданд. Баъд муаллим амр дод, ки сангро назди мутахассиси бузург — заргари беҳтарин баранд. Ва он кас сарашро дошт: „Ин ҷавоҳирот дар шумо аз куҷост? Вай лоиқи он аст, ки тоҷи подшоҳро оро диҳад!..“

...На ҳар кас алмосро қадр карда метавонад. Софии махсуси идрок — покии дил ва назар — барои баҳодиҳии ганҷинаи рӯҳонӣ талаб карда мешавад. Чӣ чиз метавонад аз ҳаққоният дар баёни воқеаҳо ва аз самимият дар дарки маънои амиқи

онҳо боарзиштар бошад? Китоби Ширинои Досова маҳз бо ҳамин сифатҳо фарқ мекунад. Охир, аз миёни ҳар калимаи он, аз миёни ҳар ҳодисаи дар он зикршуда шуои ҷалоли Худо намоён аст.

Ва хонда, мо мебинем, ки чӣ хел ҳузури нонамоёни Ӯ дар андешаҳои рӯзмарра, дар суханҳо ва корҳои он касе ки худро доимӣ ба дасти Худо месупорад, равшан мегардад: „Ва дурахши Ӯ, шуоъҳо аз дасти ӯст ва ниҳонгоҳи ҷалоли Ӯ дар он ҷост!“ (Авв. 3:4).

*Д.В. Щедровицкий*

**„Дар замони қадим заминро бунёд кардаӣ, ва осмон амали дастҳои Туст. Онҳо фано хоҳанд шуд, валекин Ту қоим хоҳӣ буд; ва ҳамаашон мисли ҷомаи ҷиғда-ҷиғда хоҳанд шуд, мисли пероҳане онҳоро хоҳӣ печонид; валекин Ту ҳамон ҳастӣ, ва солҳои Ту тамом нахоҳад шуд“** (Забур 101:26–28).

*Дар ин дунёи мо ҳама чиз ноустувор ва тағйирёбанда аст. Вақт ногузир мегузарад ва ҳодисаҳои гуногунро водор мекунад, ки ҳамдигарро иваз кунанд. Як насл меравад, дигаре пайдо мешавад. Ва ба назар менамояд, ки ягон чизи доимӣ, устувор, абадӣ — ки ба он такя кардан мумкин бошад, бар асоси он зиндагии худро сохтан мумкин бошад, вуҷуд надорад. Вале Касе ҳаст, ки болотар аз фазо ва вақт аст — Касе ки бетағйир аст. Ва Ӯ на фақат бар ҷаҳон ва берун аз ҷаҳон аст — Ӯ ҳоло ҳам ин ҷост. Ӯ дар ҳар нуқтаи фазо ва дар ҳар лаҳзаи вақт бо ҳар яки мост. Ӯ ба замин омад. Бо як тариқи ақлнорас дар Ӯ абадӣ бо муваққатӣ якҷо шуданд. „Калом ҷисм гардид ва дар миёни мо сокин шуд“ (Юҳанно 1:14). Ӯ омад, то ки ҳаёти серташвиши моро бо худ муқаддас гардонад, онро боло бардорад, бо мундариҷаи нав пур кунад, ба вай мақсад ва маъно диҳад. Ва мо на фақат дар Инҷил оиди Ӯ хонда метавонем. Мо бо Ӯ мушоракат дошта, амалҳои Ӯро дар ин ҷаҳон, иштироки Ӯро дар меҳнатҳо, андӯҳҳо ва хурсандиҳои инсонӣ дида, ҳузури Ӯро дар ҳаёти мо ошкор карда метавонем. „Исои Масеҳ дирӯз ва имрӯз ва то абад айни ҳамон аст“ (Ибриён 13:8). Барои тасдиқ кардани ин ҳақиқат ман мехоҳам дар бораи ҳаёти худ, ва ҳаёти он одамоне ки зиндагӣ маро бо онҳо пайвастаст, нақл кунам.*

Ман дар Ӯзбекистон, дар оилаи калони мусулмонӣ таваллуд ёфтаам. Падарам тоҷик, модарам украинзан ва мо даҳ фарзанд будем. Волидайни модарам — модаркалонам ва бобоям имондорони православӣ буданд. Онҳо ба мо дар бораи Масеҳ ягон чиз намегуфтанд, вале ман бисёр вақт медидам, ки онҳо дуо мекарданд, махсусан модаркалонам. Ёд дорам, ки ӯ гирякунон ба модарам мегуфт: „Ту даҳ фарзанд таваллуд кардӣ ва ҳамаи онҳо ғайримасеҳӣ мешаванд — ин чӣ гуна фалокат аст“.

Модаркалонам ва бобоям бо модарам ва фарзандони дигар соли 1941 аз Украина ба Ӯзбекистон ҳамчун муҳоҷирони махсуси АОХВ (аъзоёни оилаи хиёнаткори ватан) омаданд. Бародари модарам Александр „душмани халқ“ ҳисоб гардида, чун миллионҳо касони бадбахт дар замони Сталин ҳалок гардид.

Ҳамон вақт аз Украина мардум ба Амрико ва Канада мегурехтанд. Бобоям ҳам мехост ба он ҷо бо оилааш биравад, вале барои ин ба киштӣ савор шудан зарур буд, модаркалонам бошад хеле бемор буд ва ӯ чунин гумон дошт, ки дар роҳ мемурад ва ӯро ба баҳр мепартоянд ва моҳиҳо ӯро мехӯранд. Лекин вақте ки ба Ӯзбекистон омаданд, модаркалонам бисёр вақт такрор мекард: „Оҳ хубтар мешуд, агар маро моҳӣ мехӯрд...“ Ба Ӯзбекистон онҳо дар муддати як моҳ дар қаторае ки гӯсолаҳоро мекашонданд, омаданд. Дар охир онҳоро дар биёбон дар зери офтоби сӯзон фуроварда, дар кулбачаҳое ки ба оғили ҳайвонҳо монанд аст, ҷо доданд. Одамон аз гуруснагӣ варам карда ҳамчун пашшаҳо, махсусан аз домана мемурданд. Дар рӯзҳои аввал наҷот барои ҳама сангпуштҳои биёбон буданд, вале ҳамаи онҳоро ба зудӣ тамом карданд. То ин вақт модаркалонам сангпуштҳоро надида буд ва онҳоро „морсар“

меномид. Модаркалонам ба онҳо одат карда наметавонист ва ҳар боре ки сангпушти зиндаро ба деги пур аз оби ҷӯшидаистода мепартофтанд ва ҳангоме ки сангпушт сари худро аз косахона мебаровард, модаркалонам беҳуш шуда меафтид. Дар ҳама ҷо дар пеши чашмонаш сангпушт пайдо мешуд ва ҳатто боре ҳангоме ки ӯ тасвири Модари Худоро баровард, то дуо кунад, ба ӯ чунин намуд, ки аз тасвир сангпушт ба ӯ назар мекунад. Ва аз ҳамон рӯз модаркалонам аз хӯрдани сангпушт рӯ гардонд. Об ҳам набуд — муромурӣ сар шуд.

Модаркалонам қарор дод, ки бо писари хурдиаш Фёдор ба „Украина, кишвари ширин"-и худ гурезад, чунки дар он ҷо се фарзанди дигар монда буданд. Вале дар „кишвари ширин" ӯро дастгир карда, ба ҳабсхонаи шаҳри Красноярск равон карданд. Ӯ тавонист аз он ҷо ҳам гурезад. Ниҳонӣ, бо Фёдори хурдакак вай ба истгоҳи қаторaҳо наздик омад. Баъди якуним моҳ ӯ ба таври мӯъҷизаосо тавонист ба Ӯзбекистон назди хешон расад. Барои зинда мондан онҳо ҳама чизеро, ки доштанд, фурӯхтанд. Модари бистсолаи ман куртаҳои зебои худро ба нон иваз мекард ва баъдан бисёр вақт онҳоро ба ёд меовард. Вай ҳамеша ваъдаеро, ки ба худаш дода буд, ба ёд меовард: „Агар ман бурдаи нони сиёҳ дошта бошам, ҳеҷ гоҳ намегӯям, ки гуруснаам".

Ҳамон вақт дар Ӯзбекистон бисёр асирони ҷанг — немисҳо, италёвиҳо, ҷопониҳои ба монанди мо гуруснаю бараҳна буданд, аммо илова ба ин онҳоро ҳайвонвор мезаданд. Анбӯҳи зиёди онҳо мурданд. Вақте ки бо қаторaҳо асирони ҷангро оварданд, ба онҳо моҳии намакинро ҳамчун хӯрданӣ доданд. Баъди ин хӯрок онҳо оби кӯлмакҳои лойолудро нӯшиданд. Қисми зиёдашон ҳамин тавр нахеста мурданд. Ҷасади мурдаҳоро ба як чуқурӣ

мепартофтанд. Вале вақте баъди марги Сталин фаҳмиданд, ки барои тафтишот аз Москва бояд комиссия биёяд, тамоми шаб дар саҳрои калон салибҳо гузоштаанд, гӯё ҳар асирро алоҳида гӯронда, дар болои қабраш салиб гузоштанд. Амаки ман нақл мекард, ки чӣ хел боре теппаеро барои кишт ҷуфт ронд ва баъди кор дид, ки тамоми майдон пур аз косахонаҳои сари одамон буд. Рӯзе ҳангоми ба кор бурдани асирони ҷанг яке аз асирон хам шуд, то помидори хурдро аз зери пояш гирад, ва худи он лаҳза парронда шуд. Модарам тамоми умр он помидореро, ки барои он одамеро бо хунсардӣ куштанд, ба хотир меовард.

Дар оилаи модарам ҳаёти инсонӣ арзиши баланд дошт. Ҳамин тавр, бобоям Степан Сидорович, падари модарам, ки се ҷангро гузашта, дар замони подшоҳӣ соҳиби салиби Георгий шуда буд, барои як чизи муҳиме дар зиндагяш шодӣ мекард: вай се ҷангро гузашта бошад ҳам, аммо касеро накушта буд. Салиби Георгийро барои он сазовор шуд, ки аввалин шуда ба қандақҳои австриягиҳо ҷаҳид ва австриягиҳои ба ҳарос афтода аз ин воқеаи ғайричашмдошт бе ягон тирпарронӣ дастҳоро боло карданд. Барои ин салиб ба ӯ ҳар моҳ се сӯм медоданд, ки ба ин маблағ „гови хуб“-ро харидан мумкин буд. Бобоям ҷисман бисёр боқувват буд, касе ӯро на аз деҳаи мо ва на аз деҳаҳои ҳамсоя дар гӯштин ғалтондан наметавонист. Вақте ки ба назди аскарони пешгард гӯштингирон бо барномаи фарҳангӣ омаданд ва шахси пурзӯртарин аз миёни онҳо пешниҳод кард, ки бо аскарон қувваозмоӣ кунад, касе ба пешниҳод посух надод, ба ҷуз бобоям, ки баъдан ба ёд меовард: „Ман ӯро бо дастонам чунон пахш кардам, ки ӯ ба нолиш даромад: „Эй бӯзбала, сар деҳ!“ Боре дар вақти амалиётҳои партизанӣ бобоям бо як аскари австриягӣ рӯ ба рӯ

шуд ва дастони ҳар ду ба яроқ дароз шуданд, вале баъд бобоям саросемавор аз борхалтааш нон бароварда ба австриягӣ дароз кард ва ӯ бошад дар навбати худ аз борхалтааш бурдаи чарбуи дудхӯрдаро баровард. Ҳамин тавр онҳо дар зери дарахт шишта ҳамроҳ нону чарбуро хӯрданд. Сипас бобоям гуфт: „Акнун ту ба он тараф рав ва ман ба ин тараф меравам“. Ва онҳо ба ду тараф ҷудо шуда рафтанд. Бори дигар, вақте ки бобоям посбони анбор буд, душман наздик шуда ба сӯяш гранатаро партофт. Граната натаркид ва бобоям ба душмани маргвор тарсида фарёд зад: „Тикай, тикай, хучей тикай! (Гурез, тезтар гурез!)“ — ва ду бор ба боло парронд. Вақте ки ҷанги дастӣ сар мешуд, ҳама „Ура“ — гӯён ба тарафи душман медавиданд. Бобоям ҳам ҳамроҳи ҳама медавид, вале ҳама вақт ба тарафи боло мепарронд. „Хеле хуб шуд, ки ягон касро накуштаам. Онҳо ҷон доранд-ку! Ҳангоме дами маргат фаро мерасад, ту ки ҷони зиндаеро ба ҳалокат расондаӣ, чӣ мекунӣ?“

Мо дар рӯҳияи филми Чапаев тарбия шуда будем. Дар он филм қаҳрамони ҷанги гражданӣ Василий Ивановичро, ки шамшераш сари ҳамаро мебурид, тамошо карда, шарм доштем, ки, бобоямон дар ҷанг касеро накуштааст, ва ӯро тарсончак меҳисобидем, ба ҳолаш механдидем ва таъна мезадем. Ҳатто ӯро таълим медодем: „Бобо, ин чӣ гуна шармандагист, ту бошӣ бо ин худро таъриф мекунӣ. Ту инро ба касе нақл накун, вагарна дар мактаб бар ҳоли мо механданд“. Имрӯз бошад ман пеши пойи бобои ҷасури худ сар хам мекардам, ки худро дар зери хатар гузошта, ҳаёти шахси бегонаро дареғ дошт.

Бобои ман аскаре буд, ки ӯро ба ҷанг барои куштани одамон даъват карданд, вале, аз афташ аҳкоми Масеҳро ӯ чуқур мефаҳмид. Агар ҳамаи

одамон чунин ҷанг мекарданд, он гоҳ ҷангҳо намебуданд. Ман фикр мекунам, ки маҳз барои ҳамин Худо ҳаёти бобои маро нигоҳ дошт ва оилаи ӯро баракат дод: зан ва панҷ фарзанди ӯ, ки ҳамроҳаш ба дашти гуруснагон ба марги ошкоро бадарға шуда буданд, зинда монданд. Дар он давра он ҷо оилае ҳам намонд, ки дар он фарзандон намурда бошанд, дар баъзе оилаҳо яке аз паси дигаре се-чор кӯдак ҳалок мешуданд. Бобоям ба таври махсус дар бораи имони худ намегуфт, танҳоиро дӯст медошт, вале мо бисёр вақт медидем, ки ӯ бо ҳиҷоҳо Китоби Муқаддаси кӯҳнашударо мехонд. Ба бобои ман қисмати осон наафтид: вай бисёр азобҳоро аз сар гузаронд! „Советҳои лаънатӣ“ вайро ҳатто барои пири деҳа буданаш ба Сибир фиристоданд. Вақте ки падарам Сталинро таъриф мекард, бобоям пинҳон накарда туф мекард ва мегуфт, ки „барои сурати Сталин ҳатто дар ҳоҷатхона ҳам ҷо нест“. Бобои ман 84 сол умр дид, пеш аз марг аз ҷойхобаш хеста гуфт: „Ана, дар пеши дар подшоҳҳо истодаанд, барои ман омадаанд“. Ва мурд.

Ман дар деҳае калон шудам, ки дар он ҷо муҳоҷирон зиндагӣ мекарданд: украинҳо, немисҳо, русҳо, финҳо, кореягиҳо, озарбойҷониҳо, булғорҳо, тоторҳои Қрим, эстонҳо, чеченҳо, юнониҳо, карачаевҳо, ибриён. Ҳатто хитоие буд, ки истиқоматкунандагони маҳаллӣ ба ӯ номи русии Володя доданд. Дар Хитой ӯ капитани киштӣ буд, вале дар ин ҷо бо мушкилии зиёд зинда монд, вай бисёр вақт аз тракторчиҳо керосинро хоҳиш намуда, онро нӯшида мегуфт: „Шумо ҳеҷ чиз намефаҳмед, керосин давои ҳамаи дардҳост“. Боз бобои Абдуллоро, ки аз Карачаево буд, ба ёд меорам, ки ӯро кӯдакон бисёр дӯст дошта ба наздаш медавиданд, то кафтарҳои ҳайратовар зеборо тамошо кунанд. Ӯ дар ҳуҷраи

панҷметра, ки фаршаш хокӣ буд, зиндагӣ мекард ва дар ин ҳуҷра кати оҳанин, миз, сандуқи калони чӯбин буд, ки дар дарунаш ӯ ширро турш мекард. Дар гирдогирди мо деҳаҳои калони тоҷикон буданд. Шояд аз боиси он ки ман бо одамҳои миллатҳои гуногун мушоракат доштам, миллатпарастиро дар ҳар шакле, ки бошад, тоб намеоварам.

Бояд гуфт, ки миёни мо одамони хубтарини мамлакат зиндагӣ мекарданд. Онҳо бисёр бовиҷдон ва меҳнатдӯст буданд. Миёни онҳо одамҳои машҳур кам набуданд, вале ҳамон вақтҳо касе ба ин коре надошт. Ва қисми зиёде аз онҳо бе ному нишон монданд. Дар деҳаи ҳамсоя Керер Рудольф Адолфович, пианинонавози хубтарин, дотсенти консерваторияи Москва кор мекард. Ӯ дар филми „Аппассионата“ нақшеро бозӣ мекард. Дар он филм чунин навор аст: Ба хонаи Горький Ленин меояд ва „Аппассионата“-ро дар иҷрои Керер гӯш карда, ӯро таъриф мекунад. Дар миёни мо бошад Керер гил шӯрида, хишт месохт. Кӯҳансолон ба ёд меоранд, ки ин муҳоҷирони аҷоиб баъди кори душвор дар гирди радиоприёмник ҷамъ мешуданд ва ҳамин хел мусиқии аҷиби „кашанда“ — классикӣ ё операро гӯш мекарданд. Онҳо саломатии худро дареғ надошта кор мекарданд: ғундоштани пахта дар гармии 30–40 дараҷа кори осон набуд, лозим меомад аз тамоми саҳро гузашта ба пеши як бочкаи зангзада оянд, то ки оби аз офтоб ҷӯшидаро нӯшанд. Дар мактаби ҳаштсолаи деҳаи мо муаллимаи бисёр хуб Елизавета Рудольфовна аз оилаи аристократҳо, донандаи барҷастаи се забон, таълим медод. Дар Москва вай дар Донишкада забонҳои немисӣ ва франсавиро дарс медод, вале ким-чияш маъқул нашуд ва ба пеши мо фиристода шуд. Имрӯз ҳамаи ин одамон куҷоянд? „Баъзеҳо нестанд, баъзеҳо дуранд...“

Баъди бозсозӣ онҳо ҳазорҳо-ҳазор ба Германия, Россия — рафтанд. Маҳз муҳоҷирон бо дуоҳои худ „заминро кишт карданд“ ва онро барои башорати Инҷил тайёр карданд. Ман шоҳиди он ҳастам, ки чӣ хел имрӯз бисёр истиқоматкунандагони аслӣ — тоҷикҳо, ӯзбекҳо, қазоқҳо, қарақалпоқҳо ва қирғизҳо — ба имони масеҳӣ мурoҷиат мекунанд ва Исои Масеҳро чун Наҷотдиҳандаи шахсии худ қабул мекунанд.

Дар деҳаи мо ҳамагӣ якчанд оилаҳои муҳоҷир, вале тамоман бекӯмак ва ба тақдир ҳаволашуда монданд. Бибии ҳафтоду панҷсолаи танҳо, Мария, модари маъюби садсолаи худро нигоҳубин мекунад, ва ҳар замон барои ҳезум гиря мекунад, ки аз куҷо онҳоро гирад, то гарм шавад, хусусан парпечҳои таги модарро хушк кунад. Бибии Лена, ки дар ҳамин синну сол аст, бо духтари чилсолааш Надя, ки ноқисулақл буда, бисёрии вақт дар замин шишта, ким-чӣ ғур-ғур мекунад, механдад ва регро бар сараш мепошад, азият мекашад ва зиндагӣ мекунад. Ҳамсояи мо бошад, фин Эди, мудири боғчаи бачагона, баъди бозсозӣ бе кор, бе нафақа монд. Ягона наҷоти зиндагӣ говаш буд, вале гов касал шуд ва мурд. Ғами аз ин калонро надидаам — чунин менамуд, ки фарзанди ягонаи вай мурдааст.

Хонаи муҳоҷирони рафтаро қазоқҳо — гурезаҳо аз Тоҷикистон гирифтанд. Ва симои деҳа тамоман дигаргун шуд, чунки тарзи зисти қазоқҳо хайма дар дашт ва галаи аспон аст. Ва боз бо сабабҳои иқтисодӣ дар деҳа барқ ва газро қатъ карданд. Одамон дарахтонро барои ҳезум мебуриданд. Акнун деҳае ки як вақт гулу гулзор буд, тира — бе дарахт, бе роҳ ва пур аз лой аст. Вале аз ҳама даҳшатнок он аст, ки ҳамаи биноҳои ҷамъиятӣ — идораҳо, боғчаи кӯдакон, клуби дуошёна бо китобхона ба вайрона мубаддал

гаштаанд. Аз ин биноҳо хишт, дару тиреза, болопӯши иморатҳоро дуздида ба хонаҳо бурдаанд. Дар миёни ҳамаи ин вайронаҳо фақат як ҳаммоми ҷамъиятӣ, ки соли 1937 аз тарафи финҳои аз Карелия муҳоҷиршуда сохта шуд, ободд истодааст. Мегӯянд, ки чизе аз он бурда намешавад, хишт мустаҳкам, аз ҷояш ҷунбонда намешавад, ҳатто агар битарконӣ — ба монанди сохтмонҳои баъдина не. Вале, ба фикрам, бо сабаби дигаре аз он чизе дуздида бурда наметавонанд: ҳаммом бо мавҷудияти ороми худ дар бораи фалокати даҳшатноке ёдрас мекунад, ки деворҳояш шоҳидони он фалокатанд. Дар як ҳафта як бор ба ҳаммом барои шустушӯ асирони ҷангро меоварданд, ки фақат як қисмашон аз он ҷо ба по роҳ гашта мебаромаданд. Дигаронро бароварда дар болои ароба тӯда мекарданд. Асирон хеле сусту нотавон шуда буданд: онҳо ба ҳаммоми гарм тоб наоварда, дар дарунаш мемурданд. Баъд ин ароба ба кунҷи қишлоқ мерафт, ки он ҷо ҷасадҳоро ба чуқурии калон мепартофтанд.

Пирон ин ҳодисаҳоро ба ёд намеоранд, чунин фикр мекунанд, ки ҷавононро ба ғайр аз пул чизе шавқманд намекунад. Вақте ман дар навиштани ин китоб будам ва дар бораи рӯйдодҳои ватани худ мулоҳиза мекардам, талаботи ботиниро эҳсос кардам, ки бо ҳамдеҳагон дар ҳамон ҷо дуо карда, аз Худо бахшиш пурсем, шояд баъд аз ин ҳаёти мо ва деҳаи мо рӯ ба дигаргунӣ ниҳад. Хонаи бародарам рафта, гулғунчаи калони гули наргисро ҷамъ карда, ба кӯдакони дар кӯча бозӣ кардаистода муроҷиат кардам: „Кӣ хоҳиши гулчанбар гузоштанро дорад, ҳамроҳам ба назди ҳаммом меравем!“ Бачаҳо пурсидан гирифтанд: „Дар пеши ҳаммом ба кӣ гулчанбар гузорем, охир он ҷо ахлот аст?“ „Рафтем — гуфтам, — он ҷо ҳамаашро мефаҳмед“.

Аз қафои ман як тӯда одам, чил-панҷоҳ бачаи синну соли гуногун рафтанд ва баъдтар калонсолон ҳам пайи ҳам рафтанд. Чӣ хел чашмони тааҷҷубовар доштанд бачаҳо аз шунидани ин! Якчанд писарбачаҳо ба хона давида рафтанд, гули лола оварданд ва ба девори ҳаммом монданд. Мо дар он ҷо дуо кардем, ва баъд ман қандҳоро тақсим кардам, то ки мурдагонро ба ёд орем. Ба ман чунин менамуд, ки бачаҳо дар муддати ин вақт калонтар шуданд. Аз рӯйи маълумотҳои расмӣ, дар кишвари мо дар вақти ҷазоҳои сталинӣ ду миллион одам вафот карданд, маълумот дар бораи асирон бошад, тамоман нест, онҳоро ҳеҷ кас ба ҳисоб намегирифт.

Ҳикояи қаҳрамониҳо дар майдони ҷанги пуршиддат
Бо ҳаяҷони оташин хуни маро ба ҷӯш намеоварад;
Ман сӯи осмонҳо дуои гарму ҷӯшонамро мефиристам,
Ки дилҳои пурғазаб аз муҳаббат пур гарданд.

Ки рӯзҳои пурташвиш ва сахтӣ бигзаранд.
Ки душманӣ ва нафрати худро фаромӯш карда,
Ҳама қабилаҳо ба як оила иттифоқ гарданд,
Чун итоаткорони таълимоти олии Масеҳ.
*(А.Н. Плещеев)*

Модари мо, ки ҷояш дар Малакути Осмон бод, одами дилкушо буд. Ва ба фикрам, маҳз Худо ба ӯ муайян кард, ки миссионери аввалин дар Ӯзбекистони баъдиҷангӣ бошад, ҳол он ки ӯ худаш инро пай намебурд. Дар бораи Масеҳ ӯ ягон вақт чизе намегуфт, вале ба туфайли ӯ ду иди асоситарини масеҳият — рӯзи Мавлуди Масеҳ ва иди Фисҳро ҳамаи тоҷиконе ки дар деҳа зиндагӣ мекарданд, медонистанд. Модарам хеле барвақт ба ин идҳо тайёрӣ медид: аз аввали баҳор сар карда, хонаро

сафед мекард, тухмро барои иди Фисҳ ҷамъ карда, бисёр пухтупаз мекард. Дар ёд дорам, ки як ҳафта пеш аз ид ӯ қариб хоб намерафт ва дар якчанд зарфҳои калон тӯҳфаҳои идона тайёр мекард. Баъди шаби бехобӣ, субҳ ӯ ба саҳро ба кор медавид. Махсусан дар вақти ҷамъоварии пахта хеле душвор буд, чунки меъёри рӯзона 60–80 кг-ро ташкил медод ва дар айни ҳол вай дар як рӯз бояд се бор аз саҳро ба боғчаи кӯдакона медавид, то ки тифлони хурдсолро бихӯронад. Мо даҳ нафар будем ва аз байни мо се дугоник. Ҳамон вақт фармоне баромад: „Ҳама ба кор!“ Ҳатто барои модарони навзод ҳам истисно намекарданд. Баъди аз ду ҳафтаи зоидан модарро ба саҳро мефиристоданд, кӯдаконро бошад ба боғчаи бачагона мегирифтанд.

Вақте ки бегоҳӣ модарам аз кор ба хона давида меомад, намедонист аз чӣ сар кунад: ҳайвонҳоро дар оғил хӯрондан, нӯшондан ва дӯшидан, дар полез шинондан ва об додан, кампал дӯхтан, кӯдаконро шуштан ва хӯрок додан лозим буд. Шабона вай ҳама вақт ҷӯроб мебофт ва барои кампал пахта тоза мекард. Гарчанде тамоман бесавод бошад ҳам, ӯ ҳама вақт ба мо шеърҳоро аз ёд мехонд, махсусан аз Тарас Шевченко. Вай ин шоирро дӯст медошт, чунки вай ятими бекас ва крепостной буд.

Модарам гулҳоро бисёр дӯст медошт, махсусан садбарг ва „гилемча“-ро. Ин „гилемча“ ҳатто дар берун дар паҳлӯи хонаи мо мешукуфт. Вайро модарам ҳар сол мешинонд, то ки одамҳо аз кӯча гузашта, ба ин гул нигоҳ карда, хурсандӣ кунанд. Ҳама корро ӯ ҷаста ва давида мекард. Ва вақте ки падарам аз кор меомад (ӯ бригадир буд), модарам ба пеши вай ҳам медавид: мӯзаҳояшро аз по кашидан, болиштро дар зери китф мондан ва чойро овардан даркор. Падарам дар хона ба вай ёрдам намекард, чунки дар оилаи

мусулмонӣ чунин қабул шудааст, дар хона ҳама чиз ба сари зан, барои ҳамин модарам шабона барои Фисҳ тайёрӣ медид. Ва вақте ки ин ид фаро расид, он гоҳ ҳамаи тоҷикони гирду атрофи мо ба хонаи мо меомаданд ва модарам хаста бошад ҳам, вале бо хушнудӣ булка ва тухмҳои рангкардаро тақсим мекард.

Шаҳодати имони ӯ аз ҳамин иборат буд ва инро аз таҳти дил мекард, ва ҳоло ҳам дар деҳа ӯро бо сипосгузории чуқур ба хотир меоранд. Дар аввал хешу табори падарам бо теша ва чоршохаҳо модарамро куштанӣ меомаданд, чунки ӯ „урус“ буд: онҳо намехостанд, ки ӯ ҳамсари тоҷик бошад. Вале вақт гузашт ва ҳамаи онҳо муносибатро нисбати ӯ иваз карданд. Бобои ман, падари падари ман, одами нек буда, ба хонаи мо омаданро дӯст медошт ва ҳама вақт мегуфт, ки аз ҳамаи келинҳои ӯ — „урус“ аз ҳама беҳтарин аст. Модарам чунон рӯҳияи халқеро, ки дар байнаш зиндагӣ мекарданд, қабул карда буд, ки зоҳиран ба тоҷикзан бисёр монанд шуд.

Модарам 64 сол умр дид. Ӯ аз касалии саратон вафот кард. Бисёр азоб мекашид, касалии ӯ мисли ҳаёти ӯ вазнин буд. Ду сол баъди ҷарроҳӣ, вақте ки манаҳи поён, нисфи забон, нисфи ҳалқ ва қисми лабро бурида партофтанд, вай аз дард дод мезад. Нашъа ёрдам намекард. Гиряву нолаи ӯ чунин буд, ки бадан ваҷарас мезад ва ҳама аз ҳуҷраи ӯ мебаромаданд. Ин гиряву нолаи на одам ва на ҳайвон буд, балки ким-кадом мавҷуди сахт азобкашида. Рӯзе бародарам дар сари ҷойгаҳи модарам нишаст ва зор-зор гириста гуфт: „Худо нест! Худо дар куҷост, агар модарам ин қадар азоб мекашад?“ Модарам базӯр кӯтоҳ ба вай ҷавоб дод: „Ҳеҷ гоҳ ин хел нагӯ. Худо ҳаст“. Модарам бисёр маргро мехост ва онро ҳамчун ид интизор буд. Хабари вафоти ягон касро дар деҳа

ӯ бо ҳасади ошкоро қабул мекард ва дар рӯяш саволи оромона мебаромад: „Чаро ин кас ман нестам?“ Он вақт ман фаҳмидам, ки марг метавонад хурсандӣ, халосӣ ҳатто хушбахтӣ бошад.

Ман модарамро нигоҳубин мекардам, аз ҷои кор аз ҳисоби худам рухсат мегирифтам. Дар Тошканд ҳамроҳи вай дар касалхона хоб мекардам ва баъд дар Москва дар маркази онкологӣ, ки бо як мушкилӣ тавонистем вайро ҷо кунем. Вале як моҳ пеш аз марги ӯ, вақте ки ӯ аллакай дар Ӯзбекистон буд, ман аз бехобии дуру дароз хаста шудам ва ба Москва рафтам. Маро бубахш, модарам. Ман айби худамро ҳис мекунам, гарчанде дар нигоҳубин кардани ӯ норасоӣ набуд: бародаронам дар наздикӣ зиндагӣ мекарданд ва як бародарам вақте ки модарам касал шуд, ҳатто аз шаҳри дигар ҳамаи оилаи худро овард, то ки модарамро нигоҳубин кунад. Зани вай Катя, ки ҳамаи мо бо миннатдорӣ дар пешаш сарамонро хам мекунем, ба модари мо то нафаси охирони ӯ содиқона хизмат кард.

Ман аз Москва панҷ рӯз пеш аз марги модарам омадам, вақте ки ӯ аллакай хотирҷамъ ва чеҳрааш кушод бо бинии теғадор ва чашмони ғайриоддии пурмеҳр хоб буд. Ман ба ӯ суханҳои дилхоҳ — он чизеро гуфтам, ки ӯ дар ин дунё аз ҳама бештар интизор буд: „Модарам, ту мемурӣ...“ Вай табассумкунон сарашро ҷунбонд. „Оё ту ҳозир медонӣ, модар, — пурсидам ман, — барои чӣ ту азоб кашидӣ?“. Вай сарашро ҷунбонд. (Ман он вақт ба динҳои шарқ шавқ доштам ва ба кӯчидани ҷонҳо бовар мекардам.) Ман ба ӯ гуфтам: „Модар, мо ҳатман вомехӯрем. Вале фақат вақте ки ту боз ба замин мебиёӣ, то ки ягон бор ин хел азоб накашӣ, майлаш?“ Вай табассум кард ва боз сарашро ҷунбонд. Мо наметавонистем фаҳмем, ки вай

аллакай қариб нафас намекашад, аммо намемурад. Маълум шуд, ки хоҳари ӯ аз Украина аз боиси ҳавои бад дар роҳ чор шабонарӯз андармон шудааст. Худи он вақте ки хоҳараш ба ҳуҷра даромад, модарам дастро ба вай дароз кард ва баъди даҳ дақиқа мурд. Ӯро мувофиқи расму оини мусулмонӣ гӯр карданд ва ҳамаи тоҷикон ба азодории вай омаданд.

Имрӯз ба қафо назар карда, дар бораи ҳаёт ва марги модарам мулоҳиза карда фикр мекунам, ки модари мо тақводори бузург буд. Ман дар ҳаёти худам одами ҳалимтар, оромтар ва ҷоннисортарро надидаам. Инро ман на фақат ҳамчун духтаре мегӯям, ки бешубҳа, модари худро дӯст медорад. Ин хислатҳоро метавонанд ҳамдеҳагонамон тасдиқ кунанд, ва ҳамчун қоида боз илова мекунанд: „Модари шумо бисёр нек, зани бофаҳм ва камгап буд“.

Ба воситаи зиндагии мушкил ва ғамгинона ҷони ӯ медурахшид. Дар Украина ҳамсояи модарам барои қасос, ки ӯ вайро рад кард ва мехост бо одами дигар оиладор шавад, ба идораҳо мактуб навиштааст, ки бародари модарам Александр — бендерачӣ. Ба фикрам, ҳодисаи маъмулӣ, вақте ки яке дӯст медорад ва фигаре не; вале чӣ хел ин фоҷиавӣ гардид: барои ҳамин тӯҳмат тамоми оила азоб кашид. Баъди се моҳ, вақте ки онҳо аллакай дар Ӯзбекистон буданд, ин ҳамсояро дар хонаи худаш бо корд зада куштанд. Шояд ӯ дар бораи каси дигаре хабаркашӣ кард ва тез ҷазо дид. Халқият дар чунин ҳолатҳо мегӯяд: „Худо фиребгарро тамға мезанад“. Ва шавҳаршавандаи модарам, писари ягонаи волидайнаш, вақте фаҳмид, ки модари маро бадарға мекунанд, қарор дод, ки ҳамроҳи вай ба бадарға меравад, вале модараш намонд, метарсид, ки писараш дар дашт мемурад. Вай баъд аз як сол дар ҷанг мурд. Модараш вақте фаҳмид, ки арӯси писараш зинда монд, мӯйи худро

меканд. Дар танҳоӣ модарам бисёр вақт сурудеро, ки шавҳаршавандааш ба ӯ мехонд, тараннум мекард ва бар рӯяш ашкҳо мерехтанд:

Офтоб поён, шом наздик,
Ба назди ту саросемаам, ба назди ту парвоз дорам,
Дили ман.

Оҳ, агар бароям ва туро наёбам,
Дастони сафедамро рӯи ҳам бимонам,
Ва бимирам.

Вақте ки мо майда будем ва модарамон ҷавон буд, ӯ тез-тез такрор мекард: „Кош ман намурам, то даме ки Борисро — кенҷагиро дар оила — ба аскарӣ гусел кунам, баъд бе ман биёяд ҳам ҳеҷ гап не“. Ва ҳамин тавр шуд: Боря дар аскарӣ буд, вақте ки модарам мурд. Ӯро ба маросими дафн ҷавоб доданд, вале ӯ дар вақташ нарасид, чунки аз рӯи расми мусулмонон мурдаро дар худи ҳамон рӯз дафн мекунанд — то даромадани офтоб. Ва боз аз ҷавониам ман дар ёд доштам, ки модарам мехост дар назди роҳ ӯро ба хок супоранд. Вақте барои ӯ қабрро дар маркази гӯристон, дар паҳлӯи хешовандон канданд, маълум шуд, ки он ҷо оби зиёд будааст, чунки бисёр паст будааст. Маҷбур шуданд, ки ӯро дар ҷои баланди сари роҳи мошинагард ба хок супоранд.

Мо ин суханҳои пайғамбаронаи ӯро дертар ба хотир овардем. Бо ин роҳ сӯи қабристон меравӣ: аз чап — бозори серғавғо, дар он ҷо ҳама кисаҳои худро сахт меқапанд, то ки дузд назанад, бо ҷӯшу хурӯш савдо мекунанд, дод мезананд ва механданд — ин бозори шарқӣ-ку, дар ин ҷо ҳаёт дар ҷӯшу хурӯш аст. Ва аз он тарафи роҳ, камтар пештар, — қабристони ором. Фақат порчаи сими каҷу килеб ду

табақаи дарвозаи оҳанинро мепайвандад. Дарвоза қабристонро аз гӯсфандон ҳимоя мекунад, то ки поймол накунанд. Ва дар ин ҷои воҳиманок, „байни ҳаёт ва марг“, истода, ман фақат дар бораи як чиз фикр мекардам: ҳақиқати ҳаёт дар куҷост — аз чап ё аз рост? Ҳамаи ин касоне ки аз рост оромона хобанд, камакак пеш аз чап буданд — дар ин бозори серғавғо ва барои онҳо ҳам бисёр чиз даркор буд, чӣ хеле ки барои мо имрӯз. Вале ана ҳозир дигар ҳеҷ чиз даркор нест — фақат порчаи сими майда... Ва ман ҳама вақт гумон мекунам, ки аз чап — фақат як театри оддӣ ва бозӣ бо зиндагист, ва аз рост ҳақиқати қатъӣ. „Ба ҳаёт бо фикр дар бораи марг назар кун, ва ба марг — бо фикр дар бораи ҳаёт“ — мегуфтанд мӯйсафедон. Модарам дар сари роҳ хоб аст ва гӯё дар бораи ҳамин мегӯяд.

Ҳама хокистар, шабаҳ, соя ва дуд аст,
Мисли тӯфони чангӣ нест гардад,
Дар пеши марг мо истодаем,
Беқувват ва беярок ҳастем.

Эй бародарон, ку нуқра ва тилло?
Ку ғуломони беҳисоб?
Дар байни қабрҳои ношинос
Кӣ бой аст ва кӣ қашшоқ?

Ҳама хокистар, дуд, чангу хок аст,
Ҳама монанди шабаҳ ва сояанд –
Фақат бароят дар осмонҳо,
Худованд наҷотдиҳанда аст!

*(А.К. Толстой)*

Падари мо бар акси модарам одами сахтгир буд. Дар хотири ман аз хурдсолӣ чунин манзараи ҳузновар ҷой

гирифтааст: модари майдаякам аз мағоза ба хона дар сараш халтаи пиёзро мебурд, вале падари боқувват ва зӯрам бе шитоб дастҳоро ба пушт гузошта аз қафои ӯ мерафт. Боиси тааҷҷуб нест: маҳз ҳамин хел тақсимкунии вазифаро урфу одати мусулмонӣ барои зан ва мард таъин кардааст. Боре модарам сахт касал шуд: ӯ чунин радикулит дошт, ки ҷунбидан наметавонист ва бо реги гарм ва дарзмол бар пушт, дар фарш хоб мекард. Падарам ба хона даромада, ба модарам нигоҳ карда гуфт: „Хобӣ, дам гирифта истодаӣ...“ Ва норозӣ берун баромад. Охир, зан дар оила аз рӯи қоидаҳои аҳли суннат ҳама вақт бояд бо кор банд бошад. Падарам кори бисёр дошт — ҳамаи кӯдаконро ҳар қадар метавонист ба ҳар кор „мебаст“. Доимо мо пахта ва ҷуворимаккаро тоза мекардем, гӯсфандонро мечарондем, ҳама вақт чизеро мекандем ва чизеро мекашидем — умуман ҳанчун мӯрчаҳо кор мекардем. Бародаронам — наврасонро ба хотир мебиёрам, чӣ хел онҳо тамоми шаб маҷбур буданд юнучқа дарав кунанд, гарчанде онро бо нархи тамоман арзон харидан мумкин буд. Вале дар байни тоҷикони ин ҷо чунин қабул шудааст: юнучқаро шаб дарав кардан. Бечораҳо онро соати 3–4-и саҳар дар ароба меоварданд, модарам, хоҳаронам ва мо онро холӣ мекардем. Саҳар барвақт падарам бедор мешуд, ҳамаро бедор мекард ва дод мезад: „Чӣ қадар хоб рафтан мумкин аст, аллакай нисфирӯзӣ!“ Дар хона, махсусан зимистон, хунук буд, мо хоболуд ба кунҷҳо зада мешудем ва хунук мехӯрдем, интизор мешудем, ки кай ба мактаб рафтан мумкин аст.

Мо, фарзандонро ӯ тез-тез бо зонуҳои луч ба ҷуворимакка мешинонд, ва баъзан ҳатто барои чизу ночиз ҷазо медод. Дар ёд дорам, як рӯз ман бо ҳамсоядухтарҳо гап мезадам, ӯ бошад маро ҷеғ зад ва дар пеши чашми ҳама маро торсакии хубе зад ва

гуфт: „Ба хона рав, кор кардан даркор!“ Ман даҳ-ёздаҳсола будам. Намедонам, барои чӣ баъд ман ба ин духтарҳо фаҳмондам, ки падарам маро даъват кард, рухсораҳоямро сила кард ва гуфт: „Ба хона рав, духтарам, дарсҳоятро тайёр кун“, гарчанде ки онҳо маро напурсиданд.

Ба калонҳо бисёртар мерасид, хусусан ба бародаронам, онҳо ҳафт кас буданд. Падарам ба онҳо мефармуд, ки барои задан худашон чӯб биёранд. Мо зарби чӯбҳоро чӣ қадар санҷида будем, ки хуб фарқ мекардем, кадомаш на он қадар сахт дард меовард. Баъд бо якдигар сирро мегуфтем, чӣ хел чӯбчаро интихоб кунем: он бояд на чун химча бошад, чунки он вақт тамоми бадан месӯзад, ва онро бо дандонҳо аз шохчаҳо тоза кардан даркор, чунки шохчаҳо то хун баромадан захмдор мекунанд. Боре бародаронам дар ҷӯй моҳӣ меқапиданд. Инро онҳо пинҳонӣ мекарданд, то падарам нафаҳмад, чунки ӯ ин машғулиятро бекорхӯҷагӣ мешумурд. Вале бо ҳар гузашта, ӯ тасодуфан онҳоро дар байни қамишҳо дид ва дод зад: „Ман ба шумо моҳиро имрӯз дар хона нишон медиҳам!“ Ба худ тасаввур кардан мумкин аст, бо кадом табъ бачаҳо дар он рӯз ба хона мерафтанд. Худи падарам доминобозӣ мекард ва шавқи калон ба қиморбозӣ дошт. Ҷои шубҳа нест, ки баъдтар қариб ҳамаи фарзандони ӯ ба ин бозӣ шавқ пайдо карданд. Мутаассифона, ба баъзеи мо ин сахтӣ дар муносибат ба фарзандон гузашт. Ҷияни ман ба наздикӣ нақл кард, чӣ хел падараш, акаи ман, ӯро барои итоат накарданаш луч болои барф монд, рӯзи дигар бошад пои ӯро дар оғил ба занҷир баст. Маҳз ҳамин бародар, чил сол пеш монанди инро аз сар гузаронд: барои рафтори ношоям падарам ӯро маҷбур кард либосҳояшро кашад ва бараҳна дар болои барф хоб равад, модаркалонам бошад — модари падарам — барои

ҷазо набераашро аз пояш ба мехи харон занҷирбанд кард. Ҳам чизи хуб ва ҳам бад қариб ҳамааш ба воситаи наслҳо такрор меёбад. Он дар хотир чуқур мемонад ва дар вақташ ба берун мебарояд.

Хубиро ба мо касе тавонад ёд дод,
Ки бо аъмоли неки худ ёд диҳад...

...Намуна дар дилҳои ҷавонон
Таъсири сахттар аз суханҳои некро дорад.
*(В.А. Жуковский)*

Модарам ба худ раво намедид аз падарам пурсад: „Ту дар куҷо будӣ?“ Ӯро чунон воҳима фаро мегирифт, ки ин гуна саволҳо ҳатто ба сар ҳам намеомаданд. Ӯ ба модарам бевафоӣ мекард ва вай барои ин бисёр ғам мехӯрд ва гиря мекард, вале барои мардони шарқ бевафоӣ ба зан кори оддӣ менамуд, бо ин онҳо боз фахр мекарданд.

Боре ман аз модаркалонам хоҳиш кардам, то ба ман нақл кунад, ки модарам чӣ хел ба шавҳар баромад ва тӯяш чӣ хел буд. Бибиям табассуми талхе кард... ва кӯтоҳак ҷавоб дод: „Бар модаратон раҳм кунед, зеро вай бисёр азобҳо кашидааст“. Як рӯз модарам аз бозор ба мо ниқобчаҳои солинавӣ харид. Худоё, чӣ қадар хурсандӣ буд, мо аз хурсандӣ чунон дод мезадем, ки ҳатто фаромӯш кардем, ки дар хонаи дигар падарам хоб аст. Чунки вақте ӯ дар хона буд, оромие меистод, ки ҳатто вақте пашша мепарид, шунида мешуд. Падари бедоршуда аз ҷойхоб хест, ниқобчаҳоро дарронд ва баъд ҳам мо ва ҳам модарамонро зад. Мо аллакай барои ниқобҳо хурсандӣ намекардем, барои модар раҳмамон меомад. Ашкҳоро ниҳон карда, ӯ ба хонаи дигар рафт ва хеле дароз гиря кард. Вале падарам дар роҳрав нишаст ва худ ба худ гуфт: „Афсӯс, барои чӣ

ман инро кардам?“ Хоҳарам, ки ин суханонро шунид, онҳоро ба модарам расонд. Модари бечораи мо аз хурсандӣ бист бор аз ӯ пурсид: „Бигӯ, бигӯ, ӯ чӣ хел гуфт, як бори дигар гӯй“.

Мо ҳеҷ гоҳ бозича надоштем. Бозичаи ягонаи писарбачаҳо „лянга“ — порчаи сурби дар пӯсти барра часпондагӣ буд, ки бо пойҳои худ онро мезаданд. Бародар хиштро ба рӯи асфалт кашола мекард ва тасввур мекард, ки ин танк аст. Ман аз чӯбчаҳо ба худ лӯхтакча мекардам ва барояш аз газета курта мепӯшодам. Бо чӣ қадар ҳасад ман ба лӯхтакҳои ҳақиқии духтарҳои ҳамсоя нигоҳ мекардам, вале ягон бор барои худам ҳамин хел лӯхтак хариданро хоҳиш намекардам, чун мефаҳмидам, ки ин номумкин аст. Ва боз чун ҳозир, лентаҳои гуногунранги Лариса Пономарёваро, ҳамсинфам ва аълочиро, дар хотир дорам. Онҳо дар ман чунон шавқро пайдо мекарданд, чунки дар кокули ман ҳама вақт ришта ва ресмон бофта шуда буд. Вале лента хариданро ҳам хоҳиш накардам. Бар сари ман ҳама вақт шабушкҳо медавиданд — магар модарам метавонист ҳама чизро назорат кунад? Вай фақат метавонист бегоҳӣ пеш аз хоб аз рӯи сарҳоямон моро шуморад. Вале ман худам берун кардани шабушкҳоро ёд гирифтам, сари худро ба сатили керосин хам карда, онро як шаб бо латта мебастам.

Лариса аз касалии саратон мурд. Ҳафт сол ман ба вай дар бораи Масеҳ нақл кардам: аввал вай гӯш кардан намехост ва мегуфт, ки ман девона шудаам. Вале як сол пеш аз марг самимона ба Худо бовар кард, Китоби Муқаддасро бисёр мехонд, ва вақти касали сахт будан ҳам аз ман хоҳиш кард дар гирди ӯ ҳамсояҳоро ҷамъ кунам, то ки Инҷилро хонанд ва Забурро сароянд. Дар ин вақт дарди вай ором мешуд. Вай хоҳиш кард ӯро чунин гӯронанд, ки дар сари

тобуташ Каломи Худо садо диҳад. Вай бисёр мехост, ки дар деҳаи мо одамон ҷамъ шуда, Худоро якҷоя ҷалол диҳанд. Орзӯи ӯ аз боло шунида шуд: ба зудӣ баъди марги Лариса дар қишлоқ ҷамоат ташкил шуд, илова бар ин чунон оддӣ ва ногаҳонӣ, ки ангушти ҳайрат мегазӣ. Ҳашт шахси аввалини тоҷик бо Худо ба воситаи таъмиди обӣ ба аҳд даромаданд.

Вақте Лариса мурд, ман дар Москва будам ва бародари ман ба дафнкунӣ аз шаҳри ҳамсоя шубон Иван Братанро овард — миссионереро, ки бо оилаи калони худ, бо даҳ фарзанди худ аз Молдавия ба Қазоқистон, барои наҷот додани калисое ки аз он ҷо қариб ҳамаи 700 аъзои немис ба ватани худ, Германия рафтанд, кӯчид. Ман ба наздикӣ ба ин калисо рафтам: дар деворҳо плакатҳо бо порчаҳо аз Каломи Худо бо забони немисӣ овехта шуда буданд, дар нимкатҳо бошад қазоқҳои фарохрӯ бо чашмони танг менишастанд. Мумкин барои ҳамин ҳам немисҳо рафтанд, то ки ҷои худро ба қазоқҳо диҳанд?... Беҳуда онҳо дар он ҷо ҷамъ намешуданд ва дуо намекарданд, аз он ҷумла ҳам дар ҳаққи халқи мусулмон, ҳам дар ҳаққи ҳамсояҳои худ. Ва гарчанде ки онҳо худашон ҳосили дуояшонро дида натавонистанд, вале ман боварӣ дорам, ки дар абадият бисёриҳо бо хурсандии калон онҳоеро вомехӯранд, ки дилашон барои онҳо гиря карда буд.

Мусулмонон бисёр афсӯс мехӯрданд, ки немисҳо мераванд, чунки онҳо барзаговҳои зотӣ доштанд, ки шири зиёд медоданд. Ба ошхонаи мо шири барзиёдро мегирифтанд: муҳоҷирон назар ба истиқоматкунандагони маҳаллӣ, ки ба як сатил шир камаш ду-се литр об ҳамроҳ мекарданд, ҳеҷ вақт онро бо об омехта намекарданд. Мусулмонон то ҳол барои рафтагон хафа ҳастанд: ибриён духтурони бисёр худ буданд, русҳо — муҳандис, кориягиҳо биринҷи бисёр

бомаза мерӯёнданд, финҳо сохтмонро медонистанд ва моро дар ҳаммом буғ гирифтанро ёд доданд, юнониҳо таоми бисёр аҷоиб доштанд ва ҳама аз онҳо намаккунӣ ва дар сирко хобондани бодирингро ёд гирифтанд ва ин хел ҳамаи миллатҳоро номбар кардан мумкин аст. Ҳар яке аз онҳо ягон чизи такрорнашаванда ва зебое дошт. Тоҷикон ва ӯзбекҳои маҳаллӣ ҳам халқҳои аҷибанд, ки бо меҳмондӯстиашон машҳуранд. Ҳар як одамеро, ки ба хона медарояд, бар сари миз мешинонанд, меҳмондорӣ мекунанд. Ана баъд мепурсанд, ки барои чӣ омад. Онҳо мунтазам ва бешитоб зиндагӣ мекунанд, заминро дӯст медоранд, дар рӯи он оҳиста қадам мезананд, мисле ки нафаси онро гӯш мекунанд.

Вақте ки шубон Иван дар дафнкунии Лариса гуфт, ки вай одами имондор буд, Исои Масеҳро дӯст медошт ва барои ҳамин ҷони вай ҳозир бо мо аст, он гоҳ шавҳари масти Лариса ҳақорат кардан ва дод задан гирифт: „Чӣ хел зинда? Вай аллакай бо касалии худаш ба дилам зад… Боз зинда? Тезтар вайро аз ин ҷо баред!“ Вале як вақт ӯ талабаи беҳтарини мактаб буд, академияи ҳарбиро тамом кард, унвони ҳарбӣ дошт, вале бо мурури вақт нӯшидан гирифт. Ана гӯё оилаи рус, ки дар он ҳама маълумотноканд, вале чӣ қадар ғамро Ларисаи бечора бо се фарзандаш аз шавҳари худ дида буд. Бе Масеҳ зиндагӣ кардан ин тавр аст: аз русҳо мардҳо бисёр вақт арақхӯр ҳастанд, аз мусулмонон бошад — бисёр вақт бераҳм.

Вақте ки ман саҳифаҳоро дар бораи падарам ба бародарони худ хондам, онҳо ба ман маслиҳат доданд, ки инро дар китоб дохил накунам, барои он ки барои ҳамаи мо аз боиси падарамон дарднок буд. Ҳамаи ин дар гузашта буд, вақте ки мо хурд будем, баъдтар ӯ тамоман дигар шуд, ва мумкин гапи хонаро ба кӯча баровардан даркор нест. Вале охир, дар ҳақиқати

ҳол сухан на танҳо дар бораи падари ман меравад. Ман одамони зиёдеро вохӯрдам, ки тақдири онҳо ба ман монанд аст. Ва на танҳо аз мусулмонон падар бераҳм аст: ба наздикӣ ман ин саҳифаҳоро ба зани шиноси рус Наташа хондам, вай фарёд кашида гуфт: „Падари мо аз падари шумо бадтар буд, вай косахонаи сари бародари маро шикаст“. Ба мо лозим намебуд, ки мо дирӯз чӣ кор кардем, агар ин бо имрӯз алоқа намедошт.

Китоби Муқаддас мегӯяд: „Касе ки аз химчазанӣ афсӯс хӯрад, ӯ фарзанди худашро бад мебинад; вале касе ки дӯст медорад, ӯ аз хурдӣ ӯро ҷазо медиҳад“. Вале ҷазо аз ҷазо фарқ дорад. Ҷазои масеҳӣ — тарбият аст, ки бо муҳаббат алоқаманд аст, ҳаргиз на бо нияти ҷазо додан.

Магар ҷазоеро, ки Китоби Муқаддас таълим медиҳад, бо ҷазои падари ман муқоиса кардан мумкин аст? Ана як мисол. Боре барои ҳақорат (гуноҳи бисёр вазнин дар пеши чашми мусулмонон) падарам бародари маро маҷбур сохт, ки забонашро барорад ва бо тасма ба забони ӯ задан гирифт. Модарам инро дида, ба хона гурехт, дар ҷойпӯш чизу чораашро ҷамъ кард, то ки равад ва ба кӯча баромад. Вале бо кӯдакони майда ба куҷо равад? Ба ғайр аз ин ҳамаи муҳоҷирон чун зиндонӣ зиндагӣ мекарданд ва бе иҷозати махсусе ки камендатура медод, ҳатто ба бозоре ки чор километр аз мо дур буд, рафтан мумкин набуд.

Вақте ки мо калон шудем, дар оилаамон чунин воқеа рух дод. Хоҳарам Фотимаро вақти кӯдак буданаш хостгорӣ карда номзад намуда буданд, вале вақте ки дар донишкада мехонд, ба дигар кас ба шавҳар баромад. Падарам дод мезад: „Тамоми хонаро месӯзонам!“ Вай шармандагии вайрон кардани ваъдаи расмии худро ба домод тоқат карда

наметавонист. Ман шабҳо дар даҳшат мечастам ва ба кӯча мегурехтам. Падарам дар хонаи дигар хоб мекард ва баъди ҳар як садо ба ман чунин менамуд, ки ин вай аст, ки мехезад, то ҳамаи моро бо ханҷари калон кушад. Ин ханҷар ҳама вақт дар таги болишти ӯ монда шуда буд, чуноне ки аз рӯи урфу одати мусулмон дар таги сар корд ё пораи нон мемонанд. Аз он вақт дили ман сих задан гирифт, ва дар оилаи мо қариб ҳама касалии сактаи дил доранд.

Хоҳари дигари ман, Зина дар ин лаҳзаи душвор падарамро хурсанд кард: вай розӣ шуд, ки ба номзади Фотима ба шавҳар барояд. Ин ҳам дар урфу одати мусулмонӣ аст: агар ба домод духтари калониро надиҳанд, духтари хурдиро медиҳанд. Ба ин никоҳ розӣ шуда, хоҳари ман зор-зор мегирист ва мегуфт: „Ман инро фақат барои модарам ва хоҳарам Шира мекунам“ (дар хона маро ин хел ном мебурданд). Ҳамаи ин воқеа вақте авҷ гирифт, ки ман дар синфи ҳаштум мехондам ва падарам гуфт, ки ман дигар ба мактаб намеравам, балки барраҳоро мечаронам, то ки монанди апаам рафтор накунам. Вале Зина ба шавҳар баромада, маро наҷот дод ва ман ба синфи нӯҳум гузаштам. Ташаккур ба ту, Зина.

Ман бисёр хоҳиши хондан доштам ва бо ашк зорӣ мекардам, ки маро дар шашсолагӣ ба мактаб диҳанд. Як ҳафта хонда, мудири мактаб гуфт, ки барои хондан соли дигар биёям, зеро ки барои қади пастам маро аз паси парта намедиданд. Рӯзи дигар, саҳарии барвақт ман ба мактаб омадам, вале муалимаам маро ба синф намонд. Ман аз мактаб ба хона мерафтам, сумкаамро бар замин кашола карда бар тамоми кӯча дод зада мегиристам ва ба пешвози ман ҷонишини директори мактаб, Александр Иванович меомад ва аз ман пурсид: „Шира, ту чӣ ин қадар гиря мекунӣ?“ „Ана, — гуфтам ман, — маро

аз мактаб пеш карданд, гуфтанд, ки ман хурд ҳастам... Онҳо худашон хурданд!“ Чӣ хел маро бовар кунондан мумкин буд, ки ман ҳанӯз хурд ҳастам, агар дар синни панҷсолагӣ ман як моҳи пурра дар касалхона, дар палата танҳо хоб рафта будам ва худ худамро нигоҳубинӣ мекардам, барои он ки модарам кори зиёд дошт, дигарҳо бошанд, ҳама мехонданд. Вақте ки модарам ба касалхона, ба хабаргирии ман омад ва маро таклиф кард, ки бо ман он шаб хоб кунад, ман гуфтам: „Не модарҷон, ба хона рав, ман аллакай калон ҳастам, туро Боряи хурдакак интизор аст“. Боря дусола буд. Модарам гиря кард ва рафт. Ҳамаи кормандони тиббӣ ин касалхона ҳар рӯз аз ман хондани ҳамон як сурудро илтимос мекарданд:

Аз кишвари дур
Лаклакон парвоз мекарданд,
Болҳои як лаклакча
Монда шуданд.
Қувватро хушконид
Кишвари бегонаи лаънатӣ,
Маро, лаклакчаҳо,
Ба болҳоятон бигиред.

Боз якчанд байти дигар ҳам буданд, вале ман онҳоро фаромӯш кардам. Фақат ҳозир ман мефаҳмам, ки чаро одамон тез-тез аз ман хондани суруд дар бораи турнаҳоро хоҳиш мекарданд ва онро бо гиря гӯш мекарданд, охир ҳамаи онҳо муҳоҷир буданд.

Дар оилаи мо ҳама вақт кор бисёр буд. Дар синфи чорум ман аллакай гов мечӯшидам ва хамир мекардам. Дар мактаб бошад мо дар як сол фақат се-чор моҳ мехондему халос, чунки тамоми мактабро ба пахтачинӣ, аз моҳи сентябр то декабр „мегирифтанд“, моҳи апрел ва май боз барои пахтаро

ягона кардан „мегирифтанд“. Пахтаро мо то моҳи декабр мечиндем, ҳатто якчанд бор Соли Навро дар саҳро пешвоз гирифтем. Ин таҳқир буд: пахта нест, барои ҷамъкунӣ чизе нест, мо бошад хунук хӯрда, то соати шаши бегоҳ дар саҳро мегаштем, чунки чунин фармон буд: то он вақте ки мамлакат нақшаро насупорад, дар ноҳияҳо бояд ҳама дар саҳро бошанд, новобаста ба он ки пахта дар саҳро аст ё не. Бо меҳнати сахт мо ин пахтаро ба даст меовардем. Ва баъд шабона дар бункер онро месӯзонданд: панҷ тоннаро месӯзонданд, дар коғази ҳисобот бошад менависанд, ки панҷоҳто сӯхт. Ҳамин хел нақшаро иҷро мекарданд. Ва дарси мо ҳамин хел буд. Тасаввур кардан осон аст, бо чӣ гуна дониш ман бо даъвати донишгоҳи Москва барои супуридани имтиҳонҳои дохилшавӣ омадам (ман дар курсҳои тайёрии ғоибона мехондам). Ва гарчанде ки фанни асосӣ — адабиётро ман бо баҳои панҷ супурдам, ба ҳар ҳол аз конкурс нагузаштам, чунки он бисёр баланд буд: дар як ҷо ҳашт нафар. Ба хона барнагаштам, дар Москва мондам.

Ман дар бораи падарам бисёр фикр мекардам. Мо, бачаҳо ҳатто хурсанд будем, вақте ки ӯ аз хона мерафт, хусусан агар ба муддати дароз мерафт, мисол ба курорт. Кӯдакон дар бораи чӣ орзу мекунанд? Дар бораи паридан ба кайҳон, дар бораи сайру гашти ғайриоддӣ (аҷиб)... Ман бошам дар бораи як чиз орзу мекардам: то ки падарам дар курорт бисёртар истироҳат кунад. Ин орзуи махфии кӯдаконаи ман буд! Фақат ба ман чунин менамуд, ки он иҷронашаванда аст. Вақте ки падари ман вафот кард, ман аллакай одами калон будам, ман 32 сола будам. Чӣ қадар пуралам ман ҳангоми дафни ӯ гиря кардам: ба падарам раҳмам меомад. Ӯ зиндагии душворро аз сар гузаронд. Мумкин ӯ золимии аз ҳад

зиёдро нишон дод, вале ин барои он ки бо ӯ ҳам сахт рафтор карда буданд, ва ҳамаи он чизеро, ки ӯ дар замони кӯдакиаш аз сар гузаронд, бо фарзандони худаш низ гузаронд. Хуб аст, ки хотираи мо хосияти фаромӯшкуниро дорад. Якчанд вақт гузашт, мо оилаҳо барпо кардем ва мо дар бисёр чиз падарамонро фаҳмидем ва ӯро дӯст доштем.

Бадбахтона, ин на танҳо тасвири оилаи ман аст: дар бисёр оилаҳои мусулмон мардҳо беҳад бераҳм ва ҳатто бадхашм ҳастанд. Ман дар ёд дорам, чӣ хел амаки ман бо занҷир дар даст фарзандони худро таҳқиб мекард. Ҳатто маълумот ва сохти шӯравӣ низ кам чизҳоро тағйир дод: насли ҷавонон аз насли кӯҳна беҳтар ба воя нарасиданд. Ҳамин хел, ҷияни ман ҳафт сол пеш ба хеши тоҷикаш ба шавҳар баромад, вале бародари шавҳараш дар вақти моҳи ҳаштуми ҳомиладориаш бо мӯза чунон ба шикамаш зад, ки кӯдак дар шиками модар мурд, вайро бошад базӯр наҷот доданд, ҷарроҳӣ карданд, ки баъди он вай дигар кӯдак дошта наметавонад. Ва ҷиянам дар оилаи шавҳараш зиндагӣ карданро давом дод, барои тамоми оила хӯрок тайёр мекард ва либосашонро мешуст, аз ҷумла, аз хешованди зикршудаਰо ҳам. Вале чӣ қадар бисёр мусулмонзанҳо аз болои худ керосин резонда, худашонро месӯзонданд! Зани чиҳилсола аз авули ҳамсоя, модари панҷ фарзанд, қарор дод, ки ҳаёташро бо худкушӣ қатъ намояд ва аз манора худро партофт, вале зинда монд. Ҳозир бе ҳар ду пояш хобидааст, на танҳо мардҳо сангдил ҳастанд. Ҳамин хели дигар хушдоман ҳам ба келини ҷавони худ керосин рехт ва ӯро сӯзонд ва баъд келини сӯхтаро дар оғиле маҳкам кард, барои он ки вай иҷозат напурсида, порчаи нонро ба бачаҳои ҳамсоя додааст. Баъди якчанд рӯз ҳамсояҳо нолаҳои ӯро шуниданд, вале ӯро наҷот дода натавонистанд,

чунки дар бадани ӯ аллакай кирмҳо пайдо шудаанд. Ва агар бо мусилмондухтар гуноҳи зино рух медод, он гоҳ ба ӯ раҳм намекарданд. Мардҳо бетакаллуфона ба ин машғул мешаванд, бисёр вақт ҳатто инро пинҳон намекунанд. Вале Қуръон гуноҳи зиноро аз ҳар ду тараф маҳкум мекунад ва Муҳаммад низ чунин одамонро бо санг задан амр намудааст. Вале ана, як воқеае бо духтари бешавҳар шуда буд. Вай ҳар навъ пинҳон мекард, ки ҳомиладор аст. Вақте ки модараш дар бораи ин донист, дар тарсу ҳарос хост худаш ҷарроҳӣ кунад ва ҳомиладориро худаш бартараф кунад: шиками духтарашро чок кард ва вақте ки ӯ мурд, вайро ба кӯрпача печонд ва сӯзонд, кӯдакро бошад ба ҳоҷатхона партофт. Дар чунин рафтор тарс ва даҳшати зан дар пеши шавҳар, хешовандон, ҳамсояҳо ва дар пеши тамоми ҷаҳон ифода ёфтааст. Ин даҳшате аст, ки дар қаъри дил гузошта шудааст ва аз марг мудҳиштар аст.

Боз камтари дигар дар бораи падарам гуфтан мехоҳам: ӯ одами ғайриоддӣ ва мураккаб буд. Ӯ дар авлоди худ оқсақол (куҳансол) буд ва ба хонаҳои мо зуд-зуд барои маслиҳатҳои гуногун ва инчунин барои оштӣ кунондан меомаданд, барои он ки падарам моҷароҳоро ором кардан метавонист. Ва боз ӯ бисёр намоз мехонд (дуо мекард). Падари ман абераи мулло буд. Падари бобокалони ман Тош муллои машҳур буд. Мумкин барои ҳамин падарам ба хона даъват кардани муллоро дӯст медошт ва ҳар бор аз ӯ хоҳиш мекард, ки бо худ китобҳои муқаддас биёрад. Падарам бо диқат гӯш мекард, вақте ки ин китобҳоро бо овози баланд мехонданд, ва ҳатто гиря мекард. Ӯ худаш бесавод буд, вале донишро қадр мекард ва қариб ба ҳамаи фарзандонаш маълумоти олӣ дод. Пулро барои ин дареғ надошт, барои он ки дар Ӯзбекистон ба донишкада бепул дохил шудан

ғайриимкон буд. Дар байни мо муаллимон, табибон ҳастанд, панҷтоямон маълумоти юридикӣ гирифтем.

Ёд дорам, вақте ки падарам бори аввал ба назди ман, ба Москва, ки дар он ҷо дар хонаи коммуналӣ, дар ҳуҷраи масоҳаташ 11 метри мураббаъ зиндагӣ мекардам, омад, ӯ дарҳол ҳамаи ҳамсояҳоро ба ҳуҷраи ман, ба хӯрдани ош даъват кард. Ва вақте ман ба ӯ фаҳмондам, ки дар Москва ин хел пазируфта нашудааст, ӯ тамоман инро нафаҳмид ва гуфт: „Пас ман меравам“. Дар хона шаш оила зиндагӣ мекарданд. Ҳама омаданд. Падарам онҳоро бо арақ ва ош меҳмондорӣ кард, вале худаш нанӯшид. Вақте ки ман ба хона меомадам, дар навбати аввал падарам мепурсид: „Ҳамсояҳоят чӣ хел?“ — ва батафсил ҳар яки онҳоро мепурсид.

Як рӯз ман ба падарам гуфтам, ки як бибӣ дар хонаи мо мемурад ва ман вайро нигоҳубин мекунам. Писари ин бибӣ, ки дар райони дигар зиндагӣ мекард, аз ман хоҳиш кард ҳуҷраи ӯро бо ман иваз кунад, ҳуҷра аз даст меравад, он бошад аз ҳуҷраи ман се баробар калон аст. Ман нахостам ба ивазкунӣ машғул шавам, зеро медонистам, ки комиҷроия баъди марги бибӣ ин ҳуҷраро ба ман медиҳад, зеро масоҳати аз ҳама хурди хона аз ман буд. Падарам он вақт чизе нагуфт, вале вақте ки ман рафтанӣ шудам, дар вақти хайр гуфтан дасти маро фишурд ва фақат як сухан гуфт: „Ҳамон хонаатро иваз кун“. Ман хонаро иваз кардам. Баъдтар маълум шуд, ки дар яке аз ҳуҷраҳои хонаи мо одамоне дар қайд буданд, ки бо мо зиндагӣ намекарданд ва барои масоҳати бибӣ даъво мекарданд. Чӣ тавр падарам аз дурӣ инро дид? Баъд приватсизатсия омад, дар иваз кардани хона масоҳат ба назар гирифта мешуд, ва ин метрҳои зиёдатӣ ба ман бисёр даркор шуда монданд.

Падарам одами бисёр меҳмондӯст буд: дар хонаи мо ҳамеша меҳмонон ҷамъ мешуданд, ва чизи аз ҳама хуб барои онҳо буд. Як рӯз падарам як сатил асал овард ва онро дар зери қулф нигоҳ медоштанд. Вале тасодуфан гурбаеро ҳам қулф карданд. Гурба сахт аррос мезад, зеро ба сатил даромада, то гардан ба он ғӯтидааст. Гурбаро халос карданд, вале асалро аллакай ба меҳмонон додан мумкин набуд, чунки дар он пашми зиёд буд. Барои сарфакорӣ аз ин пишак низ асалро тоза карданд. Хурсандии мо ҳадду канор надошт: он вақт мо аз таҳти дил аз ин асал сер шудем. Аз курорт пада рам ҳамеша афлесун меовард. Барои мо онҳо чизи аҷиб буданд ва мо онҳоро бо пӯсташ мехӯрдем. Ман ҳозир ҳам пӯсти афлесунро нағз мебинам: он кӯдакиамро ба хотир меоварад. Падарам пул ҷамъ кардан наметавонист, ҳама вақт кӯшиш мекард барои хона ё барои бачаҳо чизе харад. Чӣ қадаре ки метавонист, ғамхорӣ мекард. Мо гурусна намемондем, дар хона нон, шир буд, барои хӯроки шом бошад қариб ҳама вақт гӯшт буд. Ва боз падарам ягон бор дурӯғ намегуфт ва худситоёнро дӯст намедошт. Дар совхоз аввалин шуда дар хонаи мо мошини „Волга“ пайдо шуд, онро падарам соли 1959 харид. Мошинро харида ӯ ба дигар одамон ёрӣ доданро қарзи худ медонист, ҳатто вақте ки мошин пур буд, ӯ ҳама вақт меистод ва одамонро ба мошин медаровард, то ки то марказ барад, пулро барои ин намегирифт. Вақти гуруснагӣ бошад, вақте ки ба волидайни ӯ дар ивази як халта ҷуворӣ оилаи қарачойҳо аз қишлоқи ҳамсоя гилеми худро доданд, чун падарам аз кор омада инро фаҳмид, сахт ба ғазаб омад: ӯ гилем ва як халта ҷувориро гирифта, ҳамаи онро ба хар бор кард ва ба қарачойҳо баргардонда дод. Онҳо то ҳанӯз инро ба хотир меоранд.

Қариби охири умр падарам бисёр дигаргун шуд: мулоимтар шуд, набераҳоро доягӣ мекард (вале химчаро дар зери болишт доимо тайёр мемонд) ва ҳатто ба оғил барои хӯрок додан ба говҳо мерафт. Ӯ ду оила дошт. Зани дуюм, тоҷикро волидайнаш ба ӯ доданд ва мо якбора ду модар доштем. Модари маро бисёр дӯст медошт, агарчи дар муносибат бо ӯ сахтгир буд. Инро фаҳмидан мушкил аст, вале ин ҳамин тавр аст. Мумкин, модарам ҳам ӯро дӯст медошт. Ӯ якчанд бор бо модарам ба хабаргирии волидайнаш ба Украина рафт, ки ба он ҷо онҳо солҳои 70-ум рафта буданд. Ин барои баъзеҳо аҷиб буд, зеро ҳамроҳи зан рафтан ба мардҳои мусулмон хос набуд, хусусан дар он замон. Ва баъди марги модарам ӯ худро нодаркор ҳис кардан гирифт. Ба пеши зани дуюмаш падарам накӯчид, дар хонаи мо зиндагӣ мекард. Оилаи дуюм як километр аз мо дур буд, вале ӯ тез-тез ба он ҷо намерафт, гарчанде модари дуюми мо, Ҷонғил, зани бисёр хуб буд. Инро ман ҳозир мефаҳмам, он вақт бошад ман барои модарам бисёр ғам мехӯрдам. Вай баъди модарам ду сол зист. Вақте ки вай мурд, мо фарёд мекардем: „Апа! Апа!" (Модар! Модар!) Ҳамчунин фарзандони вай ҳам дар дафнкунии модари мо дод мезаданд ва гиря мекарданд. Мусулмонон марги марҳумро бо навҳаи баланд мотам мегиранд. Мурдаро нағз мешӯянд: гӯшҳо, дандон, бинии ӯро тоза мекунанд. Баъд ба матои сафеди 22-метра мепечонанд ва ба нардбон ба берун мебаранд. Нардбонро давида мебаранд, ва ҳамаи мардҳо аз қафояш медаванд. Агар одами мурда калонсол бошад, аз болои марҳум пул мепартоянд. Занҳо дар ин маврид дар пеши дари хона меистанд, навҳа мекунанд ва аз пас маросимро тамошо мекунанд. Ба қабристон рафтан барои онҳо фақат рӯзи дуюм иҷозат мешуд.

Баъди марги модарам падарам ғамгин ва лоғар шуд. Ба ман як ҳамсоязан нақл кард, ки чӣ хел як рӯз вай аз падарам пурсидааст: „Мирзо, чаро ту ин хел ғамгинӣ? Ту худатро чӣ хел ҳис мекунӣ?“ Ӯ ба вай ҷавоб дод: „Хотяи ман нест ва ман худро дар хона танҳо ва ҳамчун ҷевони ба ҳеҷ кас нодаркор ҳис мекунам“.

Ӯ касалии қанд дошт, вале доруро истифода намекард, ва дар охирҳои умр дилаш дард кардан гирифт, аммо бо вуҷуди ин ӯ ҳама вақт ба по меистод. Як ҳафта пеш аз маргаш хоҳарам ӯро ба хӯрдан розӣ мекунонд, зеро ки иштҳояш гум шуда буд. Ӯ гуфт: „Наход шумо намебинед, ки ман мемурам?“ Вале бо мо гоҳ-гоҳ чунин мешавад: мо ба чунин суханон диққати махсус намедиҳем. Дар рӯзи маргаш, бегоҳӣ, вақте ки ҳамаи писарҳояш аз қишлоқҳои ҳамсоя ба хабаргирияш омаданд, ӯ бо онҳо хеле кам шишт, чой нӯшид, ва баъд шитобкорона онҳоро барои ба хона рафтанашон саросема кард. Худаш бошад ба ҳуҷраи худ рафт. Додарам, ки ҳамроҳи ӯ зиндагӣ мекард, ба назди ӯ даромад. Падарам дар ҷойгаҳаш нишаста дуо мекард, баъд гӯё ки худаш ба худаш мегуфт: „Барои чӣ вай намеояд?“ Додарам аз ӯ пурсид: „Шумо киро интизоред, ака?“ (бо падарам мо ҳамеша бо „шумо“ гап мезадем ва ӯро „ака“ ном мебурдем). Ӯ чизе ҷавоб надод, дуо карданро давом дод. Додарам нақл кард, чӣ хел ӯ дар ин вақт ҳузури чизи ғайриоддии асрорангезро ҳис кард ва ин ҳузур чунон ҳисшаванда буд, ки ҳатто даҳшатнок шуд. Ногаҳон падарамон дуо карданро бас кард ва гуфт: „Омад“, ва баъд сарашро ба қафо ба болишт хам кард ва мурд.

Ҳар як одам дар замин азоб мекашад ва зиндагии осон вуҷуд надорад. Вале ба ҳар кас Худо меъёри худашро медиҳад. Намедонам барои чӣ, вале дар

муқоисаи ҳаёти модарам ҳаёти падарам тамоман дигар буд, дар бораи марг бошад гуфтан ҳам лозим нест. Дар маросими дафнкунии падарам одами хеле зиёд буд, дар деҳа дар хотир надоштанд, ки киро боз ин хел гӯрондагӣ буданд. Аз ҳар ҷо одамон меомаданд, то ки бо вай хайрухуш кунанд. Гуфтан даркор аст, ки вай ҳам ба роҳи охирин гусел кардани одамро қарзи муқаддаси худ ҳисоб мекард ва барои ҳамин вай ба маросимҳо мерафт, агар ин бисёр дур ҳам мебуд.

Ба қафо нигариста дар бораи гузашта ва ояндаи худам мулоҳиза карда, ман мехоҳам ҳақро ба падарам диҳам ва ӯро барои он ки муаллими калон дар ҳаёти ман буд, сипосгузорӣ кунам. Раҳмат ба Шумо, ака. Ӯ моро маҷбур мекард, ки кор кунем, волидайн ва калонсолонро ҳурмат кунем, дар мо интизомнокӣ, ирода ва меҳнатдӯстиро тарбия намуд. Ӯ бо мо бигзор ба воситаи тарс ҳам бошад, баъзе сифатҳои хубро ёд дод. Вақте ки 25 сол пеш ман ба Москва омадам, ман маҷбур будам аз рӯи лимит кор кунам. Дар пойтахт бошад лимитчикҳо ҳатто на одамони навъи дуюм, балки номаълум кадом навъ буданд. Он вақт манзил мисли ҳозир набуд: кунҷро иҷора гирифтан он қадар осон набуд ва он ҷое кор кардан фақат мумкин буд, ки ягон кас бо хоҳиши худаш он ҷо намерафт. Бисёр чизро аз сар гузарондан даркор буд ва ҳатто дар вокзалҳо хоб кардан ҳам. На ҳамаи мусофирон ин хел зиндагиро дар Москва тоқат мекарданд, вале барои ман он мушкил наметофт, чунки падарам маро ба ҳаёти вазнин тайёр кард. Рост, падарам дар ҷазодиҳӣ аз ҳад зиёд кӯшиш мекард, аммо мумкин ин хубтар буд назар ба он ки тамоман моро ҷазо намедод.

Барои чӣ падари ман бисёр одами боҳикмат, одами нек ва дар айни замон бисёр сахтгир ва

сангдил буд? Ӯ ғами одамонро мехӯрд ва ба бисёриҳо ёрдам мекард, вале бо хонагиҳои худ аз ҳад сахтгир буд. Ман фикр мекунам, ки вай ин хел тарбия шудааст. Чунки оилаҳои худамонро ташкил карда, мо ба онҳо чизеро, ки дар кӯдакӣ дидем ва аз сар гузарондем, дохил мекунем, бисёр вақт ба волидайни худ тақлид мекунем.

Ин сахтгириро падарам метавонист аз модари худаш — бибиам мерос гирад. Бисёр гадоён вайро бо миннатдорӣ ёдоварӣ мекарданд, чунки чизи охиринро аз хона дода, вай намемонд, ки аз гуруснагӣ муранд, вале фарзандон ва набераҳои худаш, махсусан келинҳо нимгурусна зиндагӣ мекарданд. Замон чунин буд — гуруснагӣ, вале вай нони худро ба гуруснагон тақсим кардан метавонист. Бо вуҷуди ин табиати вай золимона буд ва ӯ хеле сахтгир буд. Ман ба хотир мебиёрам, ки келини вай Давлат дар ҳар қадам хоб мекард, вай ҳатто метавонист истода хоб кунад. Як чӯбро ба тандур мемонад ва то даме ки дасташ бо чӯби дигар дароз мешавад, сараш аллакай ба поён хам мешавад, баъд тарсида як қад мепарад, бедор мешавад ва боз худи ҳамон хел такрор меёбад. Ман ба наздикӣ ба вай гуфтам: „Хола, шумо дар хотири ман абадан хоболуд ва қадпарида нақш бастед“. Вай табассумкунон ҷавоб медод: „Ба туфайли бибии ту, ки шабу рӯз моро бо кор азоб медод“. Ман фикр мекунам, ки маҳз аз вай ба падари ман хоҳиши ҳамаро бо кор банд кардан гузаштааст. Дар навбати худ бибии ман Ҳурмат ин хел хислатро аз модари худаш — яъне модаркалонам Гавҳар, ки дар бораашчун зани босалобат баҳо медоданд, мерос гирифтааст. Тағоям нақл мекард, ки вақте вай гӯши касе аз кӯдаконамро тоб медод, овоз то дур шунида мешуд. Дар рӯзҳои истироҳат падарам ба пеши бибиам бародарони калониамро

мефиристонд. Бачаҳо баланд дод мезаданд ва худро канор мегирифтанд. Онҳо ба пеши бибӣ рафтан намехостанд, чунки барои ҳар як айб вай онҳоро дар анбори намноки монанди таҳхона маҳкам мекард ва боз ғур-ғур карда мегуфт: „Ин ҷо шуморо морҳо мехӯранд“, дар ин ҳол бо ангуштони худ дандони даҳшатноки морро тасвир мекард. Ана ҳамин хел буд кӯдакии мо.

Мо бо бародарам дугоникем, дар иди калони православӣ — рӯзи ҳаввориёни муқаддас Петрус ва Павлус 12 июл таваллуд шудаем. Бибиам (аз тарафи модарам) аз падарам бисёр хоҳиш мекард, ки маро ба шарафи ид Павлина ва бародарамро — Пётр ном монад. Вай православӣ буд ва ман дар хотир дорам чӣ хел вай бо дард хоҳари калонии худ Аннаро, ки он вақт дар Украина зиндагӣ мекард, маҳкум карда буд, барои он ки вай „имони худро иваз кард ва ба штунда“ рӯ овард, яъне масеҳии инҷилӣ шуд. Ба он ҷо вай ба воситаи шавҳари худ омад, ки „пайваста арақ менӯшид“ ва баъд бо штундистҳо шинос шуда, арақхӯриро бас кард ва баъд ба пеши онҳо ба ҷамоат зани худ Аннаро овард. Ҳамаи фарзандони онҳо имон оварданд — ва имрӯз писари онҳо Павлус — шубони калисо дар Костопол, дар Украина мебошад. Ман ҳамаи инро ба хотир мебиёрам ва фикр мекунам: решаи имони ман аз куҷост? Ин ҳам ашкҳои бибиам дар бораи „ғайримасеҳиҳо“ ва дуои хоҳари ӯ, штундистка Анна аст, ки дар авлоди бибиам аз ҳама дароз зиндагӣ кард — аз 90 сол зиёд. Ва албатта, имони аҷиби бобои ман ва самимияти ғайриоддии модари ман, муҳаббати ӯ ба идҳои масеҳӣ нақши худро бозиданд.

Хоҳиши бибиро дар бораи номҳои мо падарам иҷро накард. Маро Шириной („моҳтоби ширин“) номид, бародарамро бошад Шакар. Вале ашкҳои

бибиам ва хоҳишҳояш ба осмон расиданд. Имрӯз ман дар Москва дар калисо хизмат мекунам, Шакар бошад — шубони калисо дар Ӯзбекистон. Ва аз падарам ман миннатдорам, ки вай ба ман номи аниқ: „моҳтоб“ додааст. Чунки моҳ, чӣ хеле ки маълум аст, рӯшании худашро надорад, вай рӯшноии офтобро инъикос мекунад. Монанди ҳамин ҳаёти ман ҳам бе Худо торик мебуд, мисли моҳи торик.

Вале ид шуд: ман бо баҳори ҳамешаи ман — бо Исои Масеҳ вохӯрдам. Офтоби калон ва равшан ҷони моро пур намуд ва дунё барои ман бо рангҳои дигар дурахшид. Пайғамбар Мико дуруст гуфтааст: „Барои шумо... Офтоби адолат мебарояд — ва дар нурҳои вай шифоёбӣ ...ва шумо ба авҷ медароед“.

Мавъизаи якумро дар бораи Масеҳ ман дар Арбат, дар солҳои бозсозӣ ва ошкорбаёнӣ шунидам. Ана ман дар Арбат бе ягон маънои зиндагӣ ва бемақсад рафта истодаам (ҳамин тавр дар сисолагӣ ман худамро ҳис мекардам) ва дидам, ки одами миёнсол дар бораи Китоби Муқаддас гап зада истодааст. Пойҳои ман „ба замин часпиданд“, ман як чизи худӣ ва наздикро ҳис кардам. Вале ин чизи наздик дар куҷое дер боз гум буд ва инак ман бо ӯ вохӯрдам. Ва аз ҷони хушкшуда монанди осмони калон хушбахтӣ канда шуд ва ба пешвози ин чизи наздик ва абадӣ давид.

Як моҳии аҷоиб вуҷуд дорад — мормоҳии европоии дарёӣ, ки фақат тухмро дар баҳри Саргас мегузорад. Тухмчаҳоро маҷро чунон дур мебарад, ки онҳо ба баҳрҳои дигар меафтанд ва аз онҳо ба дарёҳо ва кӯлҳо. Ва инак, рӯзе ин мормоҳие ки бо майли табиӣ ҳамаи монеаҳоро аз сар гузаронид, то ки „пиёда равад“, ҳатто ба хушкӣ парид, агар ба таври дигар мумкин набошад, ҳазорҳо чиқрим пеш майл мекунад — ба он ҷое ки ӯ як вақт тухмча буд,

дар баҳри Саргас. Вай метавонад то ҳашт моҳ бе ғизо шино кунад ва мақсади ӯ як — хона, ватан аст. Маҳз чунин ҳиссиётро ман аз сар гузарондам, вақте дар бораи Худо ва Китоби Муқаддас гӯш кардам.

Ман рӯзи дигар ин одамро ба хонаи худ даъват кардам. Номи ӯ Виктор Павлович буд, ӯ 60 сола буд, дувоздаҳ сол ӯ барои имонаш дар ҳабсхона нишаста буд. Ӯ саҳарӣ омад ва бегоҳӣ рафт, то ки ба поезди охирини метро дар вақташ расида равад. Тамоми рӯз мо ҳатто чойро нанӯшидем. Вақт чун як лаҳза чунон тез гузашт, ки ман дар бораи хӯрок ҳам фаромӯш кардам. Он вақт ман якумин бор ҳолатеро ҳис кардам, вақте ки ҷон сер мешавад. Дар охири сӯҳбат ман хитоб кардам: „Ман ба Исои Масеҳ имон дорам! Акнун ман чӣ кор карданам даркор?“ Ӯ ҷавоб дод: „Ду чизеро, ки Китоби Муқаддас таълим медиҳад, дар хотират нигоҳ дор: якумаш — тарзи дурусти зиндагиро бурдан даркор, ва дуюмаш — Инҷилро мавъиза кардан даркор“.

Рӯзи дигар баъди кор ман ба Арбат барои мавъизаи Инҷил рафтам. Барои ман чизи аз ҳама аҷиб дар замони „бозсозӣ“ он буд, ки ҳама чизро гӯш кардан ва ошкор гап задан мумкин буд. Ҳазорҳо одамон ба Арбат фақат барои он мерафтанд, то ки ба ин мӯъҷиза нигоҳ кунанд: чӣ хел бо овози баланд он чизеро гуфтан мумкин аст, ки ҳатто аз фикр кардан дар бораи он метарсиданд. Асосан, ин гурӯҳчаҳои сиёсие буданд, ки бо ҷӯшу хурӯш баҳс мекарданд.

Ва ана ман ба Арбат меравам дар даруни ман бошад — кашфиёти тамоми ҷаҳон аст: „Масеҳ барои гуноҳҳои мо мурд, барои мо эҳё шуд ва бори дуюм барои гирифтани мо мебиёяд“. Ман ҳамту намеравам, ман бо худ ваҳйро чун чизи муқаддас мебарам ва фикр мекунам: „Ана онҳо, одамони бечора ва

бадбахт, дар зиндагӣ мегарданд, хурсандии ҳақиқиро намедонанд ва ҳозир ба онҳо дар бораи Масеҳ мегӯям ва даррав ҳама чиз хуб мешавад!“ Ва ба чунин гурӯҳи сиёсӣ зада даромада, ман савол додам: „Хайр, шумо дар бораи чӣ баҳс мекунед? Ин холигии ҳақиқӣ аст! Масеҳ барои гуноҳҳои мо мурд, рӯзи сеюм эҳё шуд ва ба наздикӣ боз мебиёяд! Ин баҳсу мунозира ба чӣ оварда мерасонад? Наҷот ёфтан даркор!“ Ин вақт ҳама сари худро ба сӯи ман гардонданд ва савол додан гирифтанд. Ман он вақт Китоби Муқаддасро намедонистам ва дар зиндагӣ чизи камеро мефаҳмидам, вале ба ҳамаи саволҳо ман ҳамон як ҷавоб доштам: „Бовар кунед, ки Исо мурд, эҳё шуд ва зинда аст ва ба шумо дар зиндагӣ бисёр чизҳо кушода хоҳад шуд, аз ҳама муҳимаш — барои шумо бисёр хуб мешавад! Ба ин шумо худатон бовари ҳосил хоҳед кард ва зимнан ба наздикӣ“.

Вуҷуд доштани Худоро исбот кардан мумкин нест, вале шахсан боварӣ доштан ба он ки Ӯ ҳаст, мумкин. Китоби Муқаддас мегӯяд, ки „онҳое ки бо ин роҳ мераванд, ҳатто одамони бетаҷриба ҳам, роҳгум намешаванд“. Масеҳият бо ин беназир аст, ки он „ҳам ба подшоҳ ва ҳам ба духтари осиёббон“ як хел дастрас аст. Одамон бошанд дар ҷои хеле дур ҷустани ҳақиқатро нағз мебинанд, чӣ хеле ки дар ҳодиса бо Хоҷа Насриддин. Ҳамсоя ӯро дар хонаи худ ба зону истода ва машғули ҷустуҷӯи чизе дида, пурсид: „Ту чиро гум кардаӣ?“ „Калиди худро“ — ҷавоб дод Хоҷа. Ҳамсоя барои кофтани калид ба ӯ ёрӣ додан гирифт ва баъд пурсид: „Ту онро дар куҷо гум кардӣ?“ „Дар хона“, — оромона гуфт Хоҷа, ва ба саволи ҳамсоя: „Пас чаро онро дар ин ҷо кофта истодаӣ?“ — ҷавоб дод: „Барои он ки дар ин ҷо равшантар аст“. Дар зиндагӣ, чӣ хеле ки ба мо

менамояд, дар бисёр ҷойҳо равшантар аст, вале дар он ҷо „калид“-и Исои Масеҳ нест.

Баъди мавъизаи якум ман ба хона равона будам, ки ҷавоне бо мӯйҳои дароз ва ҷинсҳои дарида давида ба ман наздик шуд ва гуфт: „Ман имондор нестам, вале ҳис мекунам, ки дар суханони шумо ҳақиқат ҳаст“. Ман суроғаи калисои протестантиро донистам ва ӯро ба Малый Вузовский, хонаи 3 бурдам. Тааҷҷуби ман чӣ қадар буд, вақте ки ин ҷавони ҳабдаҳсола (Боря аз Новосибирск) ба назди минбар тавбакунӣ рафт. Ман худам ҳанӯз тавба накарда будам! Боря ба зону дар пеши минбар истодааст, ман бошам ба ӯ аз балкон нигоҳ мекунам ва фикр мекунам: „Ин барои ман аломати он аст, ки бо ҳаёти худам чӣ кор кунам, ба „Боряҳо“ Инҷилро расондан даркор“. Ҳанӯз дина ин ҷавон чизи ислоҳнопазирро карда метавонист. Баъдтар ман дар колонияи кӯдаконаи Можайск бисёрии чунин касонро дидам, ки ба он ҷо ё аз рӯи нодонӣ ё аз рӯи иштибоҳ ғалтидаанд. Ба онҳо танҳо дар вақташ дар роҳ касе вонахӯрд, то онҳоро боздорад ва дар бораи хатар таъкид кунад. Оқибати чунин тақдирҳо ғамангез аст: одам қисми аввали зиндагиашро барои он мебарад, то қисми дигарашро вайрон кунад. Ва чӣ қадар хушбахт аст касе ки ба ӯ аллакай дар солҳои ҷавониаш имконияти дигар хел зистан кушода мешавад!

Дар бомдоди пагоҳии ҳаёти рӯҳониям
Ман таълимоти Масеҳро дӯст доштам.
...
Кӣ медонад дар пирӣ бо ман чӣ мешуд!
Агар дар он рӯзҳо сӯи ман
Файзи Каломи Инҷилӣ сарнишон намешуд!

*(А.М. Жемчужников)*

Чор сол пеш ҳамин хел як одами ҷавон бо номи Саша баъди мавъизаи Арбат ба назди ман омад ва гуфт: „Ман имрӯз қарор додам зиндагиамро бо худкушӣ тамом кунам. Аз барои духтари дӯстдоштаам. Вай вафот кард“. Бачаи ҷавон бошад ҳаждаҳсола буд. Ба одамони ҷавон ва нозукдил ин бисёр хос аст. Муддати зиёд ман ӯро бовар кунондам, ки инро накунад: „Ту, Саша ҳанӯз бисёр ҷавон ҳастӣ, ҳама чиз ҳанӯз дар пеш аст. Ҳама чиз соз мешавад, ҳама чиз хуб мешавад. Ва Худо ҳам ин корро манъ кардааст“. Вале одамро аз ақидааш гардондан мушкил аст, агар ӯ бисёр ҷиддӣ ба ин майл дорад. Дар охир, шояд аз нотавонӣ, ман ба ӯ гуфтам: „Медонӣ, ман бисёр мехоҳам барои ту дуо кунам, мумкин? Ва баъд рав ва чизе ки хоҳӣ кардан гир“. Ӯ розӣ шуд. Ман дуо кардам ва хайрухуш намуда, фикр кардам: „Худовандо, бо ӯ чӣ мешавад?!“

Ва Худо ба ман баъди ду сол ҷавоб дод. Вақте ки мо дар вокзал мавъиза мекардем, ногоҳ ба пеши ман худи ҳамон ҷавон бо чунин суханон давида омад: „Ту маро шинохтӣ, шинохтӣ? Раҳмат ба ту, ман ҳеҷ гоҳ он шом ва он дуоро фаромӯш намекунам!“ Чӣ қадар ин барои ман хурсандӣ буд, охир ӯ на танҳо зинда монд, балки имондор шуд ва ба парастишҳо меравад.

Албатта, ҳаёт ва марг дар зери қудрати Худо аст, вале барои чӣ бошад, ҳамаи мо дар ин ҷаҳон зиндагӣ мекунем, ва ман фикр мекунам, ки ҳамаи ҷонҳо ва тақдирҳо ба таври аҷоиб печдарпечанд. Пас як одам ҳам дар ҷаҳон тасодуфан бо мо вонамехӯрад. Бо ҳар як одам дар ин замин ман бисёр монандиҳо дорам: танҳоӣ, андӯҳ, ташнаи хушбахтӣ будан, ноумедӣ, заифӣ дар пеши чизи бебозгашт ва вақт, ва дар охир, чизи аз ҳама боазамат ва асрорангез, ки моро муттаҳид месозад ва наздик мегардонад, — ин марг

аст. Ба ҷои он ки аз раҳм ҳамдигарро оғӯш кунем, мо дар бораи ин фаромӯш мекунем ва ҳукм мекунем, ҳасад мебарем, ҷанг мекунем. Чӣ қадар бисёр одамоне ки дӯстони нағз шуда метавонистанд, барои майда-чуйдае дар адоват мемонанд, монанди Иван Иванович ва Иван Никифорович аз повести Гогол, вақте яке дигареро ғоз гуфта ҳақорат кард. Сатри Пастернак ба хотир мебиёяд: „Дар кӯча бӯрон кайҳо боз бозӣ дорад, ва ба назди ҳамдигар роҳ кушодан ба мо дода нашудааст“. Барои ба назди ҳамдигар „роҳ кушодан“ ба мо Масеҳ кӯмак мекунад.

Якчанд сол пеш дар Арбат ман духтари хушрӯеро вохӯрдам. Вай ҳар рӯз байни издиҳоме ки мавъизаи моро гӯш мекард, меистод, ва боре ман аз вай пурсидам: „Шумо, мумкин дар ин наздикӣ кор мекунед, чунки ман шуморо тез-тез мебинам“. Вай бошад мегӯяд: „Не, ман махсус ба Арбат мебиёям, то ки мавъизаро гӯш кунам. Ҳама чиз аз сайру гашт сар шуд. Дар Арбат роҳ рафта ногаҳон шунидам: «Дар бораи подшоҳ ва қарздорони ӯ гӯш кунед». Истодам, гӯш кардам ва шах шуда мондам, ҳатто ба гирду атроф, ба одамон нигоҳ кардан метарсам: ба ман чунин менамуд, ки ҳама дар гирду атроф медонанд, ки ҳамаи ин дар бораи ман аст“.

Маълум шуд, ки вай ҳашт сол бо модараш муносибат надошт ва модарашро душмани аз ҳама калонтарин дар зиндагии худ мешумурд. Ҳувайдост, ки модараш ҳам одами нағз набудааст, агар аз ӯ на танҳо духтараш, балки шавҳар ва писараш низ рафта буданд. Духтар Ира ном дошт, вай балерина буд ва вай ба ман гуфт, ки вай дар бораи ин муносибатҳо ба касе гап задан шарм медошт, дар дилаш бошад вазнинии калон буд — модар аст-ку. Вале баъди гӯш кардани масал худи рӯзи дигар ба Владимир рафт ва бо модари худ оштӣ шуд.

Ман дар бораи ин баъди он фаҳмидам, ки вай аллакай ин корро иҷро кард. Каломи Худо ҷонро шифо мебахшад ва умед ба он медиҳад, ки ҳаёти мо метавонад ба хубӣ иваз шавад, поктар, хурсандонатар ва равшантар шавад. Он дарро ба биҳишти гумшуда мекушояд. Сабаби асосии ҳамаи нохушиҳои одамро бо суханони шоҳзодаи хурд баён кардан мумкин аст: „Одамон?... Онҳоро дар куҷо ҷустан мумкин — номаълум аст. Шамол бурдагӣ барин. Онҳо реша надоранд...“ Ана барои ҳамин мо гоҳ ин ҷо, гоҳ он ҷо ҳастем — куҷое ки рост меояд. Решаи мо, манзили мо — хонаи абадии Падари Осмонии мост ва берун аз ин хона хушбахтӣ нест, оромӣ нест — танҳо даҳшат ва ғаму андӯҳи беохир.

Дар калисои мо як зан нақл кард, ки ҳанӯз вақте ки имондор набуд, ҳамроҳи шавҳар ва писараш дар командировка, дар як мамлакати африқоӣ буд. „Ҷонам бисёр ноороҳат буд — мегӯяд вай, дар гирду атроф дурӯғ, дар кор ҳама оиди якдигар хабаркашӣ мекунанд. Дар хона ҳам мушкилиҳо: шавҳар менӯшад, кӯдак идоранашаванда аст. Чӣ кор бояд кард, бо ин ба пеши кӣ бояд рафт? Ба мағоза даромадам ва суратро бо тасвири Масеҳ гирифтам. Дар роҳ мерафтам, дар сарам бошад чунин фикр: „Инро бинед-а, дар сумкаам Худоро бурда истодаам!“ Ба хона омадам, суратро дар назди девор мондам ва қарор додам: „Ана ҳозир ман ба Ӯ дар бораи зиндагии тоқатфарсои худ ва одамони бади гирду атроф ба ӯ нақл мекунам“. Вале ногаҳон ашкҳои ман қатор-қатор рехтанд ва ман намехостам дар бораи дигарон гап занам, ман худамро дидам, ки чӣ хел бад ҳастам. Ман ҳатто аз ин ҳолат тарсидам, ба кӯча баромадам, бисёр гаштам ва фикр кардам: ин чӣ буд? Ба хона ман бо сулҳ ва осоиштагӣ дар дил баргаштам.

Тамоми ҷаҳон дар атрофи мо дар ҳолати ҷанг қарор дорад, барои он ки ҳама дар бадбахтиҳои худ

айбдоронро мечӯянд. Чӣ хеле ки касе дуруст қайд карда буд: „Чашме ба ивази чашме — ва ба зудӣ тамоми ҷаҳон кӯр мешавад“. Халқҳо ва миллатҳо, оилаҳои алоҳида ҷанг мекунанд, модар бо духтараш ҷанг мекунад, ва ҳамаи аъзоёни оила — дар ҳолати ҷанг байни худ ҳастанд. Ва ҳамаи ин ҷанги беохир, ки характери умум касб кардааст, аз ҷони алоҳидаи одамӣ, ки бо Худо мубориза мебарад, оғоз меёбад.

Одами бо Худо сулҳ надошта чӣ қадар айбдори фалокатҳои таърихии харобиовар аст. Айбдор барои беақлӣ ва бисёртар барои корҳои саҳл ва ночиз. Маликаи Миср Клеопатраро (с. 69–30 то милод), ки бисёр зебо буд, аввал император Гай Юлий Цезар дӯст дошт, баъд сипаҳсолори Рум Марк Антоний, ки баъди ба Миср ҷанг эълон кардани Рум, аз боиси ишқи пурҳарорат ба малика ба тарафи душман гузашта буд. Чӣ хеле ки Блез Паскал гуфта буд: „Бинии Клеопатра... кӯтоҳтар мебуд, тарҳи замин ҳам дигар мешуд“. Ҳамаи бадбахтиҳо дар рӯи замин ва ҷангҳо бисёртар барои шавқу рағабатҳои хурд ва беаҳамияти одамӣ ба амал меоянд.

Вале хушбахтиро дар замин ҷустан бефоида аст, зеро дар он ҳама чиз бебақо ва нопойдор аст, чӣ хеле ки Фауст мегӯяд: „Дастҳоямро дареғ надошта ганҷро кофтам, вале тӯдаи ахлоти оддиро баровардам“. Ва фақат дар Худо ҷони мо ором мешавад — дар Худо ва Каломи Ӯ.

Тааҷҷубовар аст, ки чӣ гуна Каломи Худо ба ҳамаи сатҳҳои ҳаёти инсон таъсир мерасонад. Он на танҳо ба рӯҳ ва дили инсон, балки ба ҷисми ӯ ҳам мерасад. Вақте ки мо дар Арбат мавъиза мекардем, боре як зан ба наздамон давида омад ва бо ваҷд гуфт: „Ана ман дина мавъиза гӯш кардам, саҳар бошад поҳоям шифо ёфтанд. Аниқ медонам, ин аз боиси шумо“. Ва бовар кунондан лозим меояд,

ки мо ба шифодиҳӣ машғул нестем, вале Худо ҳама чизро карда метавонад ва Каломи Ӯ қудрати шифо додан ва ҳатто эҳё кардани мурдагонро дорад. Як мард иқрор шуд, ки чӣ хел ӯ гӯш карда, фикр кард: „Ана, агар чизе ки онҳо мегӯянд рост бошад, бигзор сарам аз дард кардан бозмонад“. Баъди мавъиза дарди сари худро фаромӯш кард ва баъд бошитоб баргашт ва гуфт: „Оҳ, чӣ хел хуб аст, ки ман шуморо ёфтам, ман тарсидам, ки агар дар бораи ин нақл накунам, сарам боз ба дард медарояд“. Дар ҳар як одам беихтиёрона тарси Худо ҳузур дорад, ҳатто агар бо хурофотпарастӣ вайрон кардашуда ҳам бошад.

Дар яке аз донишгоҳҳои Ӯзбекистон ман имконият пайдо кардам, ки хабари хушро ба донишҷӯён расонам. Баъди лексия ҳамаи хоҳишмандон „Инҷил“-ро бо забони ӯзбекӣ гирифтанд. Рӯзи дигар, саҳарии барвақт ба назди ман узбеки ҷавон мебиёяд ва Инҷилро мепурсад. Ман мепурсам, чаро ӯ, дирӯз нагирифт, ӯ бошад мегӯяд: „Бо ман дирӯз мӯъҷиза рух дод. Вақти лексия аввал ман ба ғазаб омадам, чӣ хел мумкин аст Қуръонро — китоби муқаддаси мусулмононро бо Библия баробар кардан ва боз тасдиқ кардан, ки тамоми Қуръон дар Библия асос ёфтааст, охир Библия — ин китоби русии барои мо бегона аст, масеҳият бошад — дини бегона! Вале вақте ман хостам хеста шуморо манъ кунам, аз ҷоям ҷунбида натавонистам, хостам даҳан кушоям — ҷоғамро кушодан натавонистам, баъд дуру дароз баданамро ларза фаро гирифт. Ва вақте ки ба хона омадам, бори аввал дар давоми ҳашт соли охир хобам бурд. Аниқ медонам, ки ин ба он чизе ки шумо дирӯз гуфтед, алоқаманд аст, ва ин китоб оддӣ нест. Илтимос, онро ба ман диҳед“.

Дар синни 12-солагӣ ин одами ҷавон аз боиси кадом як изтироби сахт хоб карданро бас кард. Дар давоми ҳашт сол ба куҷое ӯро намебурданд ва намекашонданд: ба пеши духтурҳо, ба пеши рӯҳшиносон, ба назди экстрасенсҳо, ҷодугарҳо — ҳеҷ чиз ёрдам накард. Вале вохӯрӣ бо Калом... Ва чун ҳарвақта, дар аввал ошӯб ва эътирози дарунӣ... „Лагад заданат ба сихак душвор аст“ — шунид ҳаввориӣ Павлус, вақте ки зидди Инҷил буд. Ҳамин хел ин донишҷӯйи узбек ҳам баъди ду ҳазор сол зидди Инҷил баромадан натавонист.

Дар бораи Китоби Муқаддас гуфтан дар ин донишгоҳ марҳамати Худо ва аломати Ӯ буд. Духтари холаи ман дар он ҷо кор мекард ва аз ман хоҳиш кард, ки ба ҷавонон дар бораи маънои зиндагӣ нақл кунам. Ман вайро таъкид кардам, ки агар ман дар бораи Масеҳ гап занам, ӯро метавонанд аз кор пеш кунанд. Он вақт ман аз ҷавоби вай дар ҳайрат мондам: „Ман аллакай ду сол имондор ҳастам ва ҳанӯз барои Масеҳ чизе накардаам. Ба ҷавонон дар бораи муҳаббати ҳақиқӣ ва мақсади зиндагӣ гуфтан зарур аст. Охир дар гирду атроф нашъамандӣ, мастӣ, дуздӣ аст, кӣ ба онҳо ёрӣ мерасонад? Инҷил ба дӯст доштани ҳамаи миллатҳо ва халқҳо, ҳурмати калонсолон ва сардорон даъват мекунад — дар ин чӣ чизи бад аст?“ Вале баъд маълум шуд, ки ман, мутаассифона, он вақт ҳақ будам, ва хоҳари маро, ки 20 сол дар донишгоҳ кор карда буд ва соҳиби мукофот ва фахрномаҳои бисёр гашта, вазифаи баландро соҳиб буд, дар ҳақиқат аз кор пеш карданд ва маҳз барои ҳамин сабаб.

Ва, ана, вақте ки ман бо донишҷӯён сӯҳбат кардам, дар як дастам Қуръон ва дар дигараш — Библия доштам. Ба мусулмонон Инҷилро башорат дода, ман ҳеҷ гоҳ гуфтугӯро бо муқоисакунӣ ё бо

бартарии Библия дар пеши Қуръон сар намекунам. „Пеш аз он ки баҳс кунем, дар бораи чизҳои бебаҳс маслиҳат кардан зарур аст“ (Честертон). Ҳақиқатҳои бебаҳс ҳастанд, ки ин ду китобро муттаҳид мекунанд: пайғамбарон, баъзе шариатҳо, идҳо ва аз ҳама муҳимаш якхудоӣ. Дар Қуръон ҳатто нишондод ва даъвати хондани Китоби Муқаддас аст, масалан: „...Шумо дар чизе истодан наметавонед, то ки Таврот ва Инҷилро равшан муайян кунед...“ (Сураи 5:68). Ё ки: „Ва мо Исо, писари Марямро аз пайи онҳо равона кардем, бо тасдиқи он ҳақиқате ки дар Таврот то Ӯ ато шудааст, ба Ӯ Инҷилро бахшидем, ки дар он роҳнамо ва нур аст...“ (Сураи 5:46).

Сураи якуми Қуръон, „Кушояндаи китоб“ бошад ба таронаи якуми Забур Китоби Муқаддас бисёр монанд аст, ки дар бораи ду роҳ нақл мекунад: роҳи одилон, ки „мисли дарахте хоҳад буд, ки назди ҷӯйҳои об шинонда шудааст“ ва роҳи шарирон, ки „монанди пари коҳанд, ки онро бод пароканда мекунад“. Роҳи дурустро чӣ хел бояд интихоб намуд? Мо дар Қуръон мехонем (Сураи 3:55, 56): „О Исо! Ман туро таскин медиҳам ва Туро ба пеши худ мебардорам, ва Туро аз онҳое ки имон наоварданд, пок мекунам, ва онҳоеро, ки Туро пайравӣ карданд, аз онҳое ки ба Ту имон наоварданд, то рӯзи эҳёшавӣ баландтар хоҳам кард... Онҳоеро, ки имон наоварданд, ман бо азоби сахт дар ҳаёти аввалин ва охирин ҷазо хоҳам дод, ва онҳоеро ёридиҳанда нахоҳад буд!“ Дар ин ҷо рӯйрост дар бораи марг ва эҳёшавии Исои Масеҳ („таскин медиҳам ва мебардорам“) гуфта шудааст ва инчунин дар бораи дуюмбора омадани Ӯ („рӯзи эҳёшавӣ“) вақте ки ҳамаи мурдагон эҳё мешаванд ва аз рӯи он ки онҳо ба Исои Масеҳ чӣ хел муносибат доштанд, доварӣ хоҳанд шуд. Ва онҳое ки Исои Масеҳро қабул накарданд, „сахт

ҷазо хоҳанд ёфт“, ҳам дар ин ҷаҳон ва ҳам дар „охират“, яъне дар ҳаёти абадӣ.

Рӯзе баъди чунин лексия дар аудиторияи калон яке аз шунавандагон бо овози баланд аз ман паурсид: „Бигӯед, шумо масеҳӣ ҳастед ё мусулмон?“ Ман даррав фаҳмидам, ки ин саволи иғвогарона аст, зеро ки лексия аллакай тамом шуда буд ва ҳама хайрхоҳона тайёр буданд Инҷилро гиранд. Он гоҳ ман аз одами ҷавон мепурсам: „Бигӯед, калимаи «мусулмон» чӣ хел тарҷума мешавад?“ Хомӯшӣ — ҳеҷ кас намедонад. Маънои „мусулмон“: „Худотарс ва итоаткунандаи Худо“ аст, яъне одами дар пеши Худо ва дар пеши одамон фурӯтан. Ин бошад таманнои аз ҳама муҳими Китоби Муқаддас барои одамон аст: тарси Худо доштан — ларзаи боэҳтиром дар пеши Офаридгор ва итоат ба Худо аст, зеро „оғози хирад тарси Худост“ — мегӯяд Сулаймони хирадманд. Ман бисёр мехоҳам ба чунин одамон тааллуқ дошта бошам, фурӯтан ва итоаткор, ва ман боварӣ дорам, ки дар дили ман Исо зиндагӣ дорад. Ин ҷавоб ба саволи шумо, — гуфтам ман, — ҳоло бошад иҷозат диҳед аз шумо пурсам: мо чӣ хел мусулмон ҳастем, агар мо чунон зиндагӣ мекунем, гӯё ки Худо нест, агарчи ба синаи худ мезанем, ки мо „вафодори ҳақиқӣ ҳастем“? „Мусулмон“-и ҳақиқӣ Исо буд, барои он ки Ӯ „то марг дар салиб ба Худо содиқ буд“. Ӯ худро барои мо, гуноҳкорон ва одамони нолоиқ дод, ва ба онҳое ки Ӯро пайравӣ мекунанд, Исо озодиро аз гуноҳ ва „ҳаёти абадӣ“ хоҳад дод. Дар ёд дорам, он вақт қариб ҳама дар аудитория Инҷилро гирифтанд ва имрӯз баъзеи он шунавандагон Исоро пайравӣ мекунанд ва ба Ӯ хизмат мекунанд.

Вақте ки ман ба Москва рафтам, аз бародари дугоники худ хоҳиш кардам, ки ба ин донишҷӯён барои сабзиши рӯҳонӣ кӯмак кунад. Вале бародари

ман худаш навакак имон оварда буд ва дар дигар шаҳр зиндагӣ мекард ва бисёр метарсид чунин хизмати муҳимро ба гардан гирад. Лекин ман ӯро розӣ кунондам, ваъда додам, ки ба наздикӣ мебиёям. Вале „ба наздикӣ“ нашуд, ва вақте ки баъди нӯҳ моҳ омадам, бисёр хурсанд шудам, ки ҷӯяндагони Худо хеле бисёр шуда буданд, ва онҳо бо бародарам вохӯрданро давом медиҳанд. Ва бародарам нақл кард, ки Худо дар ин вақт дар ҳама чиз ба ӯ бисёр ёрдам кард. Боре бо ӯ чунин воқеа рух дод. „Ман бо мошин ба парастиш мерафтам, — мегӯяд ӯ, — ин сад километр аз хонаи ман, ва фикр мекунам: «Ман чӣ хел ҳақ дорам ин одамонро таълим диҳам, агар худам ҳанӯз дар бисёр чизҳо шубҳа дорам ва худам саволҳои пуразият дорам?» Ва ногоҳ мебинам: дар паҳлӯи ман марде нишастааст. Ман натарсидам ва ҳатто ҳайрон ҳам нашудам, балки ба ӯ саволҳои худамро додан гирифтам. Ӯ ба саволҳо пурра ҷавоб дод. Ва фақат вақте ки ман ба хона расидам ва моторро хомӯш кардам, дидам, ки дар паҳлӯям ҳеҷ кас нест. Ман фаҳмида натавонистам, ки чӣ хел ман сад километр ҳай кардам, чунки ягон чароғаки роҳ, ягон гардиши роҳро дар хотир надоштам. Вале баъди ин воқеа ҷони ман ором шуд ва ман дилпурона ба Худо хизмат кардан гирифтам“.

Ҳамин хел оҳиста-оҳиста дар Ӯзбекистон ҷамоати динӣ ташкил шуд. Чӣ қадар хурсандибахш аст барои ҷӯяндагони Худо! Онҳо Каломи Худоро бисёр дӯст медоранд! Як ҷавони узбек, донишҷӯй Диля дар муддати се моҳ Китоби Муқаддасро ба забони русӣ пурра хонд ва ду бор Инҷилро бо забони узбекӣ хонд. Ҳол он ки ин китобҳоро дар хона нигоҳ доштан ба вай иҷозат надоданд ва ӯ онҳоро ҳар замон пинҳон мекард ва фақат пинҳонӣ, шабҳо мехонд. Вақте ки бародари ӯ ба парастиши якшанбегӣ омад, то ки бо

зӯрӣ вайро барад, дар пеши дар суруде ба дили ӯ расид. Чӣ хеле ки баъдтар ба хотир меовард, ӯ ба пеши мо омадан гирифт, танҳо ба хотири он ки ин сурудро гӯш кунад: „Ба дарҳои пӯшида дар бевақтии шаб касе тақ-тақ мекунад... Ин Наҷотдиҳанда дар пеши дар истодааст... дилатро кушо, Ӯ касалиро шифо мебахшад. Боз Масеҳ тақ-тақ мекунад“. Ин суруд дили ӯро ба тавбакунӣ бедор кард ва ҳоло ӯ ҳамроҳи хоҳараш ба Худованд хизмат карда истодааст. Ҳар бор, вақте ки онҳо аз маҷлис ба хона бармегаштанд, модарашон дар пеши дарвоза бо бел дар даст онҳоро пешвоз мегирифт. Баъд вай онҳоро аз хона пеш мекард. Дар охир ба гулӯи худ кордро монд гуфт: „Интихоб кунед — ё ман, ё ки Масеҳи шумо!“ Писараш ба ӯ ҷавоб дод: „Оча, мо туро бисёр дӯст медорем, вале беҳтараш кордро ба гардани ман мон ва гӯй: „Ё ту, ё ки Масеҳ“ ва ман ба ту бечуну чаро ҷавоб хоҳам дод — Масеҳ“. Корд аз дасташ ғалтид ва вай дар беқувватӣ ба ду по нишаста, ба гиря даромад. Баъд якчанд ҳафта бо кӯдаконаш гап назад.

Модари дигар бошад ба ду духтари худ хондани Китоби Муқаддас ва ба парастиш рафтанро дар аввал манъ кард, вале роҳҳои Худованд даркнашавандаанд. Вай қарор дод пинҳонӣ Инҷилро ба забони узбекӣ хонад ва баъди он ки хонд, ҳамчунин пинҳонӣ як кафлес об ба сараш рехт ва гуфт: „Ба Ту имон дорам, Исои Масеҳ, Писари Худо, ва худро ба номи Ту таъмид медиҳам!“ Вале чунин воқеаҳое буданд, ки волидайн фарзандонро бо сарашон ба девор мезаданд, барои он ки онҳо пайравони Исо шуданд. Бисёр дилҳо бар зидди Каломи Худо сахт мешаванд ва чӣ хеле ки Исои Масеҳ гуфта буд, „намедонанд, ки чӣ кор мекунанд“. Язнаи ман рӯзе Китоби Муқаддасро дар болои миз дида, бо қаҳр ба аппаам гуфт: „Ман ин

китобро месӯзонам, агар як бори дигар бинам, ки ту онро мехонӣ!“ Ба ин хоҳарам оромона ҷавоб дод: „Китобро сӯзон ва маро ҳам метавонӣ сӯхтан, вале аз дили ман ту инро ҳеҷ гоҳ сӯзондан наметавонӣ“. Язнаам то дараҷае аз ҷавоби вай ва аз ҳолати махсуси дилаш дар ҳайрат монд, ки дар тааҷҷуб ва гарангӣ дарро зада, аз хона баромад. Ба ман як донишҷӯй — қазоқдухтар нақл кард, ки дар аввал вайро ба парастиш падару модараш намемонданд, вале баъд модари аз дарди сахти сар азобкашида диққат додан гирифт, ки вақте ба китобҳои масеҳӣ даст мерасонад, дард аз байн меравад. Он гоҳ модар аз духтараш хоҳиш кард ба парастишҳо равад ва ба хона адабиёти рӯҳонӣ биёрад. Бисёр одамон бо қувваи палид баста шудаанд ва фақат бо ин сабаб Каломи Худоро бад мебинанд, наздикони худро мезананд ё аз хона пеш мекунанд, агар бифаҳманд, ки онҳо ба Китоби Муқаддас шавқ доранд. Дилҳои самимӣ бошанд ба назди мо мебиёянд ва миннатдорӣ изҳор мекунанд: „Ташаккур бар шумо, чӣ хел хуб аст, ки шумо ҳастед. Ҳамин ки писарам ба назди шумо омад, ҳамоно дуздиданро бас кард, нашъамандиро бас кард, аллакай ҳақорат намекунад...“

Инҷилро кӯдакон хеле нағз қабул мекунанд. Ман бисёр ҷиянҳои синнашон аз панҷсола то шонздаҳсола дорам. Рӯзона онҳо говҳоро мечаронанд. Вақте ки ман мебиёям, бегоҳиҳо мо соатҳои библиявӣ мегузаронем. Онҳо дар гирди ман мешинанд, чиркин, монда шуда, пойҳо дар шахшӯлӣ ва дар чанг, вале бо диққат гӯш мекунанд. Боре ман ба онҳо мегӯям: „Инҷил зинда аст, он ҳар рӯз дар мо дигаргуниро ба амал меорад. Оё шумо дар давоми ин ҳафта дар ҳаёти худ дигаргуниеро дидед? «Дидем, — хурсандона дод заданд онҳо, — вақте ки мо бегоҳӣ дарс дорем, он рӯз говҳо аз чарогоҳ ба хона осонтар мераванд!»

Боре бачаҳо ғамгин омаданд: аспи онҳо касал шуд. «Биёед барои вай дуо кунем»“, — таклиф кардам ба онҳо. „Не-е, не-е, — бо тарс дастҳояшро афшонд бародар... — магар мумкин аст барои асп Худоро норохат кунем? Ба замми ин вай аз ду сар то саҳар мемурад“. Мо бо бачаҳо дуо кардем ва рӯзи дигар асп давидан гирифт. Бародари дигарам бачаҳоро сахт ҷазо медод. Рӯзе вай аз қафои ҷиянам давид, ба ӯ расид, аз гиребонаш гирифт ва аллакай тасмаашро аз болои сараш бардошт, ки ӯ нафастанг шуда гуфт: „Тағо, баҳри Масеҳ, маро назан!“ Аз ҳайрат тасма аз дасти акаам афтид, ӯ гашта ба хона рафт. Эронибачаи ҳамсоя ба ман иқрор шуд: „Мо дар мактаб як муаллима дорем, ман ба дарсҳои вай намерафтам, чунки вай ҷавон аст, сахтгир нест ва ҳама аз ин истифода бурда, ӯро фиреб медиҳанд. Ҳозир бошад ман меравам, охир Худо ҳама чизро мебинад. Ба ӯ раҳмам меояд“.

Акаи ман дар замони азнавсозӣ як сол дар мактаб таърихро дарс медод, вақте ки барнома барои таърих набуд, зеро ки тамоми таърихи мо дурӯғ баромад, таърихи навро бошад ҳоло нанавишта буданд. Дарсро чӣ хел бояд гузаронд, агар ягон китобе набошад? Бародарам қарор дод ин норасоиро бо воқеаҳои библиявӣ пур кунад. Бачаҳо ӯро бисёр дӯст доштанд. Агар пеш онҳо ба синф танҳо аз тиреза медаромаданд ва ғалоғула дар тамоми мактаб паҳн буд, акнун ҳама чиз ботартиб буд. Ва вақте ки мудири мактаб аз маъмурият фармон гирифта, аз бародарам хоҳиш кард барои гузаронидани дарсҳои библиявӣ аз кор озод шавад ва ӯ маҷбур шуд аз мактаб равад, бачаҳо як ҳафта ба мактаб нарафта, аз мудир талаб карданд муаллими таърихи онҳоро бозгардонад.

Ба хонаи ӯ кӯдакон аз хонаҳои ҳамсоя барои тамошои филми „Исо“ меомаданд. Ва дар байни

онҳо немисбача буд, ки ӯро модараш ба парастиши кӯдакон намемонд. Ӯ ҳама вақт пинҳонӣ меомад. Вале ҳафт сол гузашт ва ин оила ба Германия рафт. Ва вақте ки модараш ба Тошканд омад, он гоҳ аз ҳама дар бораи бародари ман мепурсид, ӯ куҷо шуд, чунки вай бисёр мехост барои писараш ба ӯ миннатдорӣ намояд. Ҳангоме вай дид, ки ҷавонони мо дар Германия ба чӣ кор машғул ҳастанд — ҳамон нашъамандӣ ва арақхӯрӣ — барои ояндаи писараш бисёр тарсид. Вале писараш, ки аллакай одатҳои нек дошт, ба калисо рафт, ва аз қафои ӯ модараш ҳам шитофт, чунки барои наҷот ёфтан аз ин ҷаҳони бад дигар ҷое нест. Ва аз ҳамаи ҳамсояҳои собиқи худ вай хоҳиш кард, ки ба „ин тоҷик“ раҳмати калон гӯянд, ки ӯ писарашро наҷот дод.

Бародарам қарор дод бо оилааш ба шаҳр кӯчад — ба он ҷое ки ҷамоати донишҷӯён ташкил шудан гирифт. Ва дар рӯзҳои аввал ҳамсояҳо аз онҳо ҳабдаҳ мурғ бо хурӯс дуздиданд. Вақте ки зани бародарам аз ҳамсояаш хоҳиш кард, ки мурғҳояшро диҳад, ҳамсояаш ба таври қатъӣ рад кард. Баъди ду соат тундбод хест ва девори хонаи ҳамсояро бурд. Хона ба таври аҷиб меистод: аз се девор, дарунаш бошад ҳама намоён буд. Ҳамсоя сарашро дошта дар назди хона менишаст, занаш бошад ба оғил давида саросема мурғҳои дуздидаро аз қафои девор ба пеши бародарам партофтан гирифт ва ғур-ғур кард: „Гиред, мурғҳоятонро гиред, ҳамаашро бармегардонем, фақат яктояшро имрӯз хӯрдем“.

Баъди чанд вақт ташкилотҳои ҳукуматӣ ба ҷамъомадҳои имондорон мамониат кардан гирифтанд, барои ин бошад ҳама вақт бадномӣ аз тарафи ҳамсояҳо даркор аст. Аз тарс дар назди милиса чизе ки талаб мекунанд, имзо мекунед. Ва ҳамсоя ҳам аризаи пешакӣ тайёршудаи милисаро имзо кард, гӯё

дар хонаи бародарам ким-кадом одамони аҷиб ҷамъ мешаванд ва намефаҳмем чӣ кор мекунад, ба ҳамаи гирду атроф халал мерасонанд. Ба оилаи бародарам он вақт бо ин тафтишот ва таҳдидҳо осон наомад. Вале баъди чанд вақт ин ҳамсоя бо занаш ҷанҷолу занозанӣ кард, чунон ки занаш ба беморхона ғалтид. Акнун ба сараш кормандони милиса омаданд, бо ариза, то ки ӯро ҳабс кунад, вале асосан барои он ки аз ӯ ришваи хуб гиранд. Барои гувоҳӣ ба бародарам муроҷиат карданд, ки ӯ он чизеро, ки дидааст ва шунидааст, нависад, чӣ хел ҳамсоя занашро задааст. Вале бародарам ҳеҷ чиз нанавишт. Зани ҳамсоя аз касалхона ба назди шавҳараш баргашт. Баъд ҳамсоя ба пеши бародарам омад ва гуфт: „Маро бубахш. Мумкин ту намедонӣ, ки ман аз болои ту ариза додам, гарчанде ки ту айбдор нестӣ. Ман бошам гунаҳкор ҳастам-ку ва маро ҳабс таҳдид мекард, вале ту аз ин истифода набурдӣ, то ки аз ман қасос гирӣ. Раҳмат ба ту“. Вай Инҷилро бо забони узбекӣ гирифт ва баъд занаш омад ва якчанд Инҷилро барои хешовандони худ дар авул гирифт.

Рӯзе ба назди бародари ман як кампир омад ва гуфт: „Ман шунидам, ки дар ин ҷо имондорон зиндагӣ мекунанд, ба ман ёрӣ диҳед, ман аллакай пеши рӯҳонӣ будам, назди мулло ҳам будам — ҳеҷ чиз ёрдам намекунад“. Бибӣ бо бобо ба хонаи дигар кӯчиданд, дар он ҷо бошад зиндагӣ кардан номумкин буд: дар хона бе ҳеҷ сабаб ашёҳо паридан мегиранд. Бобоям шабҳо бо курсӣ сарашро мепӯшонад, чунки ин ашёҳо ба сар задан қасд мекунанд. Бародарам он вақт дар хона набуд, занаш бошад ба бибиям мегӯяд: „Ман ба шумо Инҷилро медиҳам, шумо онро хонед, вақте ки ҳама чиз паридан мегирад, шумо дуои «Эй падари мо»-ро хонед ва бо ҷидду ҷаҳд дуо кунед“. Бибӣ Инҷилро гирифт хатчӯбро дар он саҳифае ки

ин дуо буд, монд, боз нохунаш ба зери он хат кашид ва ба хона рафт.

Баъди як моҳ бибӣ бо шишаи селитраи қаймоқ мебиёяд ва бо хурсандӣ мегӯяд: „Духтарам, ман ба ту тӯҳфа овардам. Воситаи ту ёрдам кард! Дар аввал вақте ки ҳама чиз паридан гирифт, ман дуо хондан гирифтам, он бошад бисёртар девона мешуд, бобо аз таги миз ба ман дод мезад: «Кампир, хонданро бас кун, бадтар шуд!» Ман бошам ҳис мекунам, ки дили ман аз ин дуо гарм шудан гирифт, чунон ки тамоми ҷонам ба дуо рафт. Баъди чанд вақт «он» хомӯш шудан гирифт ва аҷоибаш ин буд, ки пеш, вақте хомӯшӣ мешуд, ҳамаи ашёҳо дар хона бетартибона хоб буданд, ҳоло бошад ҳама чиз дар ҷои худаш буд. Рӯзи дигар, вақте ки боз сар шуд, ман Инҷилро қапидам — дар зону монда хондам. Фавран тамом шуд ва дигар намешавад“.

На як бор ман шоҳиди он будам, ки одамони бо қувваи палид басташуда ба Исо барои ёрӣ мурочиат карда, аз он озод мешуданд. Духтари 10-солаи озорбойҷониро, ки дар қишлоқи қазоқӣ зиндагӣ мекард, ба ёд меорам. Ба ман гуфтанд, ки ба назди вай аз ҳама ҷо меоянд, чунки вай истеъдоди пешгӯӣ ва шифодиҳӣ дорад. Ҳама чиз аз он сар шуда буд, ки ба ӯ шабона ким-кӣ дар скафандр ҳозир шуд, сангчаи майда дод ва гуфт, ки саҳарӣ вай бо арабӣ хоҳад навишт ва одамонро шифо хоҳад дод. Ҳамин тавр ин ба вуқӯъ омад. Вай намедонист, ки ҳарфҳои арабӣ чӣ хел шакл доранд, вале номаҳо бо забони арабӣ менавишт. Волидайн онҳоро ба масҷид бурданд ва мулло тасдиқ кард, ки ҳамаи навишташуда дар бораи Худо мегӯяд.

Вақте ки ман ба наздаш омадам, вай аз остона баъзе воқеаҳоро аз гузаштаи ман ба ёд овард. Ман вайро боздоштам ва гуфтам, ки ман барои ин

наомадам ва ба ман ягон чиз даркор нест, на аз гузашта, на аз оянда, ман фақат дидан мехоҳам, ки вай чӣ хел бо арабӣ менависад. Вай бошад ба ман ҷавоб дод: „Ман навиштан наметавонам, вале як мебинам“. Баъд ба кунҷи болои рости хона нигоҳ кард ва дасташ бо ручка дар рӯи қоғаз аз рост ба чап навиштан гирифт. „Акнун, — гуфтам, — хон“. Вай ба ман: „Ман хондан наметавонам, вале як мебинам“. Боз ба кунҷи болоии хона назар карда бо лафзи софи арабӣ хондан гирифт. Духтарак — чун қамишкак буд, лоғар бо чашмони калони боҳаяҷон. Ва боз ман диққат додам, ки вай аз танҳо мондан метарсад, ҳатто рӯзона ҳам. Ҳамаи одамон аз гирду атроф ва аз дур пеши вай барои шифоёбӣ меоянд, ҳатто модари вай ҳам мегӯяд, ки ин аз Худо аст.

Вале вақте ки мо бо вай як ба як мондем, ман ба вай рӯйрост гуфтам: „Духтарам, ин аз Худо нест“. Вай ба ман оромона ҷавоб медиҳад: „Ман медонам, ин аз Худо нест, балки аз шайтон аст, вале ман аз шайтон бисёр метарсам, чунки ӯ гуфт, ки маро мекушад, агар ман ба ин кор машғул нашавам“. Ман ба вай дар бораи Масеҳ нақл кардам, ки Исо аз шайтон пурқувваттар аст, ва шайтон аз Исо бисёр метарсад ва Исо ба воситаи дуо метавонад ба дили ӯ дарояд ва аз он ҷо иблисро берун созад. Вай оромона гӯш кард бо ҳама чиз розӣ буд, вале вақти дуои тавба вақте ки вай аз паси ман суханони „Исо, ба дили ман даро“-ро такрор мекард, дилашро қапид, ва дод задан гирифт: „Дар дилам месӯзад, дар дилам ҳама месӯзад!“ Ман ба вай гуфтам: „Масеҳ ба дидани ту омад ва ба дили ту даромад“. Баъди дуо вай ором шуд ва тамоми рӯяш дигаргун шуд ва аз хурсандӣ медурахшид.

Духтарак ҳашт моҳ аз боиси ин тарс ба мактаб намерафт, ҳоло бошад дарров ба хондан рафт. Ва

мудири мактаб баъдтар ба ман нақл мекард, ки чӣ хел духтарак ба мактаб давида рафт ва ба пешвозаш шитофта гуфт: „Акнун дар дили ман Исо зиндагӣ мекунад!“ Ва вақте ки ба бачаҳои ҳавлӣ қандҳои чақчақи дандон (леденцы) тақсим карда додам, духтарак қанди худро ба хона бурд. Онро ба пораҳои майда зада шикастанд ва ба ҳар кас барои чашидан доданд, чунки донистанд, ки ин конфетро ман додам, яъне он оддӣ нест, балки „муқаддас“ аст ва метавонад шифо бахшад. Аз ҳама зиёд модараш хурсанд буд, охир духтараш сиҳат шуд ва ба мактаб рафт.

Мардуми Осиёи Миёна бо иблис сахт вобаста шудаанд! Дар ҳар кӯча яктоӣ ё дутоӣ ҷодугар зиндагӣ мекунад. Таҷрибаи додани ин „қувва“ одатан ба хешовандон вуҷуд дорад. Бисёр вақт ин дар лаҳзаҳои мушкили зиндагии одамон рух медиҳад: нотинҷӣ дар оила ё мушкилот бо саломатӣ. Барои ҳамин ин „қувва“-ро пешкаш мекунанд ва гӯё ки он вақт дар оила ҳама ҳал мешавад ва саломатӣ хуб мегардад. Фаҳмост, ки барои чӣ бисёрии ҷодугарҳо занҳо ҳастанд: охир онҳо ба ҳар роҳ мехоҳанд оила ва фарзандонашонро наҷот диҳанд. Вале баъд баромадан аз ин доираи иблис бисёр мушкил мешавад ва ба ман чунин менамояд, ки бе кӯмаки Худо ин тамоман номумкин аст. Дар бораи Масеҳ онҳо оромона гӯш мекунанд, вале баъди чанд муддат чунон сахт хамёза мекашанд, ки ҳатто ҳавлангез мешавад. Вақти дуои рӯгардонӣ аз иблис ман чунин ҳолатро мушоҳида мекунам: аз даҳон кафк мебарояд, чашмҳо фурӯ мераванд, ва номи „Исо“-ро гуфтан наметавонанд — номафҳум ғур-ғур мекунанд, вале баъди дуо, вақте ки ғалаба бар шайтон ба амал меояд, чеҳраҳои онҳо нуронӣ ва хушбахт мешаванд.

Бисёр вақт ин „қувва“ аз насл ба насл мегузарад. Бобои ман (аз тарафи модари дуюми ман) дар кӯҳҳо

зиндагӣ мекард, мор парвариш мекард, ва бо онҳо гап мезад. Ӯ қувваи мӯъҷизакорона дошт ва то ҳол онҳое ки ӯро дар хотир доранд, ё дар борааш аз мӯйсафедон мешунаванд, қабри ӯро зиёрат мекунад.

Фарзандони якуми модари дуюми мо яке паси дигаре мемурданд, он гоҳ бобоям ба духтари худ гуфт: „Вақте ки кӯдаки дигар таваллуд мешавад, ман «қувваамро ба ӯ медиҳам» ва ӯ зинда мемонад“. Ҳамин хел хоҳари ӯгаи калонии ман, одами меҳрубон ва хуб, таваллуд шуд. Дар ҳақиқат, вай қобилиятҳои ҷодугариро соҳиб буд: масалан, одамонро бо мурғи сиёҳ ё сафед табобат кардан — вобаста ба он ки бо кадом касалӣ одам мебиёяд, ё ба воситаи ба доира задан ягон чизро мефаҳмад. Ба бачаи ширмак, ки бетанаффус дод мезанад, метавонад ба теғи поку дар баданаш буриш кунад ва кӯдак ором мешавад. Вақте ман вайро бовар кунондам, ки аз ҳамаи ин даст кашад, чунки ҳамаи ин кори хуб нест, вай оҳиста розӣ шуд, вале гуфт, ки ин хел якбора ҳал карда наметавонад, ва баъди чил рӯз ҷавоб медиҳад. Вале баъди чил рӯз вай ба ман гуфт: „Наметавонам, ана ба ту корд, маро кушӣ ҳам, рад кардан наметавонам, ва ҳама чизро ба ту гуфтан наметавонам“. Ҳамаи ин чил рӯз дар тамоми баданаш думмалҳои даҳшатнок буданд. Иблис, душмани инсон, ҷонҳои одамонро сахт мекапад. Барои онҳо дуои боқувват зарур аст.

Вақте ки ман боз дар Тошканд будам, маро ба пеши духтари ҳаждаҳсолае бурданд, ки нав мактабро тамом карда буд. Модараш гиря мекунад: бо духтараш чизе рух дод, вай дағал шудааст ва талаб мекунад, ки қӯчқор кушанд ва маросими ба вай дода шудани унвони ҷодугариро ба ҷо оранд. Дар хонаи онҳо дасте мепарад, ки онро ғайр аз ин духтар дигар ҳеҷ кас намебинад ва ин даст вайро мезанад ва амр

медиҳад, ки ин маросимро тезтар иҷро кунанд. Равшан намудан душвор буд, чӣ чиз сабаби ин шуда буд, вале ман дар бораи дугонаҳои мактабиаш пурсидан гирифтам ва донистам, ки бисёрии онҳо аллакай бо ҷодугарӣ машғуланд. Рӯзе духтаре ба мактаб ба ҷои модараш, ки дар он ҷо чун фаррош кор мекард, барои шустани фарш рафт, вале латта бо швабра ба вай „дарафтод" ва вайро чунон „зад", ки вай базӯр зинда монд. Гап задан бо духтар мушкил буд, вай дарров дар хона руст мешуд. Умуман, чунин одамон дар бораи он ки бо онҳо чӣ рух медиҳад, гап заданро нағз намебинанд, гӯё касе ба онҳо хомӯш буданро амр медиҳад. Онҳо ҷаҳони худашонро доранд, ки худашон бо он хурсанд нестанд, вале халос шудан аз он бениҳоят душвор буд. Бо вуҷуди ин, вай ба дуо кардан розӣ шуд ва вақте мо бо вай дуо кардем, ман дидам, ки чеҳраи рӯяш мулоимтар шуд ва рухсораҳояш сурх шуданд.

Имрӯз на танҳо дар Шарқ, балки дар Ғарб ҳам симиё ва сеҳру афсун инкишоф ёфта истодаанд. Дар ин ҷо, дар Москва, дар калисо ман мебинам, ки ҳамон як одамон доимо дар вақти парастиш хоб мераванд, вале на танҳо хоб мераванд, чӣ хеле ки ин аз хастагӣ мешавад ё аз мавъизаи дилгиркунанда, балки маҳз ба ҳолати сомнамбулизм (моҳпарма) медароянд. Ҳамаи онҳо ё аз гуноҳи кӯҳна даст кашидан намехоҳанд ё гузаштаи симиё доранд.

Рӯзе дар Арбат баъди мавъиза воқеаи аҷибе рух дод. Тобистон. Бегоҳӣ. Қариб даҳ нафар дар гирди ман ҷамъ шуда савол медиҳанд. Як духтари зебои қариб 20 сола бо табассуми зебанда ва лабони суп-сурх бо савол ба ман муроҷиат мекунад. Вақте ки ман ҷавоб додан гирифтам, ногаҳон чашмонаш тағйир ёфтанд, мардумакҳои чашмонаш „мегурезанд" ва ду давраи сафеди пурдаҳшат ба ман нигоҳ

мекунанд, ба ҷои табассум бошад — даҳони гиз. Чеҳраи ваҳшиёна! Вақте ки ман инро дидам, хотираамро гум кардам: ман фаромӯш кардам, ки ман кистам, номам чист ва чаро ин одамон дар гирдам ҷамъ шудаанд. Ногоҳ ким-кӣ дар даруни ман номи „Масеҳ"-ро якчанд бор баён кард. Ва хотираам баргашт. Мумкин ин дер давом накард, ҳама дар ҷояшон меистоданд, аз афташ, чизеро диққат надоданд. Духтарак бошад боз савол медиҳад. Ман пуштамро ба сӯяш гардонда истодам, тоб нахӯрда ҷавоб медиҳам ва ҳис мекунам, ки чӣ хел вай шамотат мекунад, чунки медонад, ки ман ҳозир чиро аз сар гузарондам. Ба сарам суханҳо аз Китоби Муқаддас меоянд: „Касе ки дар шумост, аз он касе ки дар ҷаҳон аст, бузургтар аст". Ва ман якбора чунон омадани қувватро ҳис кардам, ки тамоман бе тарс ба вай рӯ овардам ва рост ба рӯяш нигоҳ кардам. Ҳамон манзара бо мардумаки чашм ва даҳони гиз авҷ гирифт, вале ман гуфтанро давом додам. Духтарак кӯшиш мекунад боз ба ман таъсир расонад, вале ҳосил намешавад; вай асабӣ мешавад, устухонҳои рухсораaш меҷунбанд.

Баъд чизе рух дод, ки то ҳол ман фаҳмондан наметавонам. Барои ҳама суханони ман дар бораи Худо, дар бораи Китоби Муқаддас садо медоданд, ва дар худи ҳамон вақт бо он духтар гуфтугӯи тамоман дигар дар савияи фикрронӣ мерафт. Суханонеро, ки вай даҳон накушода ба ман мегуфт, аниқ шунидам: „Ман зӯртар ҳастам. Дидӣ, чӣ хел тарсидӣ, зеро соҳиби ман пурзӯртар аст, рафтем ба пеши мо, рафтем бо ман!" Ман низ фикран ҷавоб медодам ва донистам, ки вай ончунон мешунавад, гӯё ҷавобро аз варақ мехонд: „Не, Исо аз ту зӯртар аст, ман аз ту ва хӯҷаини ту наметарсам, гурез, мемурӣ! Исо аз ту зӯртар аст!"

Вай даъват кардан, таҳдид карданро давом медиҳад, ман бошам ба вай мегуфтам: „Исо зӯртар аст“. Ҳамин тавр чанд вақт давом кард. Ногаҳон дар дасташ сето гули мехак пайдо шуданд (мумкин онҳо пеш ҳам буданд, вале ман ба онҳо диққат надодам), вай онҳоро ба ман тӯҳфа мекунад, бӯса мекунад ва мегӯяд: „Ман бояд имрӯз шуморо гусел кунам“. Давомашро кӯтоҳ мегӯям: Худо ба ин роҳ надод. Вале мардумакҳои чашмони даҳшатнокро он бегоҳ на танҳо ман дидам. Дар ёд дорам, ки як мард он вақт ба вай гуфт: „Духтарак, чашмони шумо чӣ қадар даҳшатноканд!“

Ана ҳамин хел шайтон маро дар аввали хизматам дар Арбат тарсонданӣ шуд. Вале қувваи суханони Худо чӣ қадар бузург аст! Ҳақиқатан бо Худо „аз даҳшатҳо дар шабҳо наметарсӣ... ва ҳеҷ бадӣ бо ту рӯй намедиҳад“.

Ту шодии пурраи асроромез дорӣ:
Ки бадӣ беқувват аст; мо абадием; Худо бо мост.
*(Вл. Соловьев)*

Ба солҳои паси саршуда назар карда, ман бечуну чаро гуфта метавонам, ки лаҳзаҳои хушбахттаринро дар ҳаёт ман вақти мавъизаи Инҷил ба сар бурдам. Ҳатто агар ба мавъизадиҳӣ тамоман беқувват меравӣ, аз он ҷо ба хона ҳама вақт рӯҳбаланд ва хушбахт бармегардӣ ва он қадар қувва илова мешавад, ки гӯё кӯҳҳоро аз ҷояш ҷунбондан метавонӣ. Дар бораи талаботи рӯҳонии шаҳодатдиҳӣ дар бораи Масеҳ митрополит Антоний Сурожский чунин менависад: „Ман ҳанӯз аз синни наврасӣ, ҳамин ки дар синни 14-солагӣ Инҷилро хондам, ҳис кардам, ки дар зиндагӣ ягон хел вазифаи дигар буда наметавонад, ба ғайр аз он ки дар бораи хурсандии дигаргункунандаи

ҳаёт, ки дар фаҳмиши Худо ва Масеҳ ба ман кушода шуд, ба дигарон баён кунам. Ва он вақт, ки ҳанӯз наврас будам, вақт ва бевақт, дар курсии мактабӣ, дар метро, дар лагерҳои бачагона дар бораи Масеҳ гуфтанро сар кардам: чӣ хел ӯ ба ман кушода шуд: чӣ хел зиндагӣ, чӣ хел шодӣ, чӣ хел маъно, чӣ хел як чизи он қадар нав аст, ки ҳама чизро аз нав зинда мегардонад... Ин ҳиссиётро нагуфтан дар пеши Худо ҷиноят мебуд.

Ин мӯъҷизаро бо дигарон ба ҳам надидан ҳам дар пеши Худо ва ҳам дар пеши одамон, ки дар тамоми замин ташнаи каломи зинда дар барои Худо, дар бораи одам, дар бораи ҳаёт ҳастанд, ҷиноят мебуд".

Дар вақти мавъиза ман мардҳои ҷавонро дидам, хусусан дар аввали бозсозӣ, ки ашкҳояшонро пинҳон мекарданд. Ҳис карда мешуд, ки дар дилҳои онҳо чизе рух медиҳад. Ҷонҳо ташна ва ҷӯянда ҳамеша ҳастанд, дар бораи онҳо Масеҳ гуфтааст: „Гӯсфандони Ман овози Маро хоҳанд шунид". Дар ёд дорам, чӣ хел вақти боронӣ оилае бо кӯдакаш омада буд. Онҳо бисёр гӯш карданд, баъд зан бо кӯдакаш ба мағоза барои гармшавӣ рафтанд. Якчанд бор модар кӯдакашро барои ҷеғ задани падараш фиристод, дар охир худаш ба сари вай омад ва фарёд задан гирифт: „Рафтем ба хона, бачаам хунук хӯрд, ту танҳо ба ин ҷо наомадӣ!" Ӯ бошад чӯби хушк барин меистод, гӯё намешунавид, ва қиёфаш ҳам ҷиддӣ ва бодиққат буд. Ҳамин хел он зан танҳо рафт, мард бошад як сухан ҳам нагуфта, то охир истод. Шунидааш чунон ба дилаш расид, ки ӯ дар бораи ҳама чиз дар ҷаҳон фаромӯш кард: ҳам дар бораи занаш, ҳам дар бораи кӯдакаш. Сергей Иванович, ҳамин хел ӯро ном мебурданд, баъд тавба кард ва таъмид гирифт.

Дар ҳикояи бисёр хуби А.И. Солженицын дар бораи зиндагӣ дар ГУЛаг „Як рӯзи Иван Денисович“ Алёшка — баптист нағз тасвир шудааст. Вай ба Шухов ба таври оддӣ мефаҳмонд, ки аз Худо чӣ чизро хоҳиш кардан даркор: „Алёшка бо Инҷили худ ба назди Шухов наздиктар гузашт: «Худованд аз ҳама чизи заминӣ ва нопойдор фақат дар бораи ризқу рӯзӣ дуо карданро васият дод: «Ризқу рӯзии моро имрӯз ба мо ато кун!» «Яъне озуқаро?» — пурсид Шухов. Алёшка бошад аз гуфтаҳояш бештар бо чашмонаш розӣ мекунонд, ва боз дастонашро меафшонд, молиш медод: «Иван Денисович! Дуо кардан на дар бораи он даркор, то ки посылка (амонат) ё ки оши явғонии (шулдурум) зиёдатиро фиристанд. Чизе ки барои одамон баланд аст, он дар назди Худо манфур аст! Дар бораи чизи рӯҳонӣ дуо кардан даркор: то ки Худованд аз дилҳои мо ғубори бадро дур кунад...»“

Вақте ки ин ғубори бад гирифта мешавад, дар дил имон ва умед ҷой мегиранд. Он гоҳ хоҳиш пайдо мешавад, ки ин сарвати бебаҳоро бо дигарон тақсим кунам. Ва барои ҳамин тамоман нофаҳмо аст, барои чӣ баъзе имондорон дар вақти мавъиза, мулоим карда гӯем, бисёр аҷиб рафтор мекунанд. Онҳо ба ҷои он ки дуо кунанд, бисёр саволҳои мавҳум медиҳанд. Аз рӯи саволҳо ман фарқ карданро ёд гирифтам, кӣ чӣ хел аст? Масалан: „Бигӯед, дар боби дуюми Аъмоли ҳаввориён чӣ навишта шудааст?“ „А-а, — мегуфтам, — пантикостҳо, ассалом, истед азизон, бигзор одамон дар бораи Масеҳ шунаванд, баъд дар бораи бахшоишҳои рӯҳонӣ гап мезанем“. Ё ки: „Аҳкоми чорум кадом аст?“ — „Адвентистҳо, азизон, ҳеҷ кас аз шумо шанберо намегирад, вай албатта аҳкоми чорум аст, вале мо ҳозир дар бораи Масеҳ гуфта истодаем“. Ё ки саволи ҳамешагии шоҳидона Йеҳӯва: „Номи Худо кӣ аст?“

Рӯзе одами ҷавон, ки дар тан рясаи сиёҳ дошт ва аз афташ, дякони калисои православӣ буд, ба пеши ман омад ва тантананок изҳор кард: „Ана зан бошад, — навишта шудааст дар Китоби Муқаддас, — бояд хомӯш бошад!“ Он гоҳ ман пурсидам: „Якум дар бораи эҳёшавии Худованд Исои Масеҳ кӣ нақл кард?“ Хомӯшӣ. „Расонандаи якуми Хушхабар зан буд, — гуфтам, — Марями Маҷдалия, ва маҳз ба вай Масеҳ дар бораи эҳёшавии Худ ба ҳаввориён хабар доданро супурда буд! Ва тропари православӣ мегӯяд: „О Фисҳ! Озодшавӣ аз ғам: зеро аз тобут Масеҳ эҳё шуд, занро аз шодӣ пур кард: «Ба ҳаввориён хабар деҳ». Масеҳ бо эҳёшавии худ занонро хурсанд кард, онҳоро барои башорат додан ба ҳаввориён фиристод“. Дуюмаш бошад, ҳазрат (ман хостам ба ӯ бо эҳтиром муроҷиат кунам, гарчанде ки вай ҳазрат набуд, вале дар ряса буд)“, ана одамон ҷамъ шудаанд, ман ҳам шуморо бо камоли мамнуният гӯш мекунам. Ба ҷои ман истед ва дар бораи Масеҳ ба мо нақл кунед. Дар ин ҷо вай шамол бурдагӣ барин ғайб зад.

Вале бисёрии имондорон самимона хурсандӣ мекунанд, дуо мекунанд ва моро ҳар тарз дар вақти мавъиза дастгирӣ мекунанд. Ва чунин одамон назар ба онҳое ки моро аз чизи асосӣ дур мекунанд, албатта бештаранд. Шайтон бисёр мехоҳад, то мо бо беимонон дар бораи чизе ки хоҳем, гап занем, вале на дар бораи Масеҳ. Чӣ хеле ки дар як масал Рӯбоҳ Лаклакро бо шавлаи моеъи дар санги ҳамвор молидашуда зиёфат кард, ва Лаклак онро бо нӯли борики худ хӯрда натавонист. Лаклак бошад барои қасос ин зиёфатро дар кӯзае бо даҳони дароз ва танг пешкаш кард, ки аз он Рӯбоҳ хӯрдан натавонист. Айнан ҳамин хел, вақте ки ба ҷои хабари содда ва хуш дар бораи Масеҳ масъалаҳои мушкили

илоҳиётро муҳокима кардан мегирем, ки бисёр вақт ба ғайриимондорон тамоман нофаҳмо ҳастанд, ҳар хурсандӣ гум мешавад.

Даҳони ман, барои чизи дигаре
Кушода нашав!
Танҳо бо номи Масеҳ,
Сухани ман, бо ҳаяҷон бонг бизан!
*(А.К. Толстой)*

Рӯзе ба назди мо ба гурӯҳи ӯзбекии омӯзиши Китоби Муқаддас муллое омад ва гуфт: „Ман фаҳмидан мехоҳам, ки дар имони шумо кадом қувва вуҷуд дорад, агар ин одамони маълумотнок аз дини бобоёни худ рӯ гардонданӣ ҳастанд?“ Ба ин савол бачаҳои ҷавон ҷавоб доданд: „Мо аз ҳеҷ чиз рӯ нагардондем, вале ба воситаи Китоби Муқаддас дини гузаштагони худро боз бисёртар фаҳмида гирифтем“. Мавлуди фавқуттабиии Исои Масеҳро Қуръон дар сураи „Марям“ тасдиқ мекунад, ки дар он фаришта ба Марям хабар медиҳад: „Ман фақат фиристодаи Худованди ту ҳастам, то ки ба ту писари покро бахшам“. Вай гуфт: „Чӣ хел ман писар дошта метавонам? Ба ман инсон нарасидааст, ва ман фоҳиша набудам“. Ӯ гуфт: „Худованди ту чунин гуфт: «Ин барои Ман осон аст. Ва Мо ӯро аломат барои мардум ва марҳамати Мо мекунем»“ (Сура 19:19–21). Яъне мавлуди Исои Масеҳ — аломат барои тамоми одамизод аст, зеро ки Ӯ бе падар таваллуд шуда буд. Суханони: „Марҳамати Мо“ дар Қуръон маънои онро дорад, ки ба воситаи Масеҳ Худо ба ҳамаи одамон раҳм ва бахшиши гуноҳҳоро нишон медиҳад.

Ин мулло, писари муфтии Ӯзбекистон, одами бисёр босавод буд: дар беҳтарин мадрасаҳои Шарқ

хондааст. Аён буд, ки ӯ одами имондор буд: вай ба таври кӯдакона аз амали дастони Худо ба ваҷд меомад. „Нигоҳ кунед, — мегуфт ӯ ба мо, — чӣ хел чизҳои Худо аҷоиб аст. Аз рӯи тасаввуроти одамӣ, гӯё чизҳои бемантиқ вуҷуд доранд, вале чӣ хел онҳо ба шавқ меоваранд! Мисол, кӯҳҳо, теппаҳо. Ягон шакли дуруст надоранд-ку, вале дилро шод мекунанд. Аз они инсон ҳама чиз гӯё бомантиқ сохта шудааст — ин «қуттиҳои» панелӣ ва бетонӣ, яъне хонаҳои мо, онҳо ҳама чунон дуруст ва якхела, вале барои чӣ бошад аз ин чизи бомантиқ ба табиат гурехтан мефорад. Барои он ки Худо дорои зебоии шарҳнопазир, вале ҳақиқӣ ва бо ҳеҷ чиз муқоисанопазир аст“.

Баъди чанд вақт ин мулло боз дар бораи Исои Масеҳ савол доданро сар кард: „Ба ҷони мусулмонии ман бифаҳмонед, ки чӣ хел Худо метавонист Писари ягонаи Худро маслуб кунад? Ман Китоби Муқаддасро хондам ва тайёрам бо ҳама чизе ки дар он ҷо навишта шудааст, розӣ шавам, Исоро баландтарин аз ҳамаи одамони дар замин зиндагӣ карда ва аз ҳамаи пайғамбарон бузургтар қабул кунам, вале Худо будани Исоро чӣ хел кунам? Чӣ хел фаҳмам, ки Худо дар салиб овезон аст, одамони залил бошанд ба рӯяш туф мекунанд, ба рӯи Ӯ — Худо туф мекунанд?!“

Ман ба ӯ гуфтам: „Охир, шумо худи ҳозир бо он фахр кардед, ки Худои мо чӣ хел бемантиқ аст ва чӣ хел маҳз дар ҳамин аст зебоии бузург ва сирр! Шумо худатон ба саволи худ ҷавоб додед, ва дар ин маъно ман бо шумо розӣ ҳастам, ки фақат девонаҳо метавонанд ба он чиз бовар кунанд, ки Худои Тавоно Писари маҳбуби Худро ба қатли пуразоб дод“. Бо вуҷуди ин, хираде ҳаст, ки онро бо суханон фаҳмондан номумкин аст. Чӣ хеле ки Фауст дар асари Гёте мегӯяд: „Мутаассифона, чизеро, ки ту бо дилат

нафаҳмидӣ, бо мех ва фашанг онро фаҳмондан намешавад". Дониши дигари рӯҳонӣ ҳаст, ки аз ҷониби Рӯҳи Муқаддас дода мешавад. „Ҳар касе ки бо Абадӣ вохӯрӣ ҷӯяд, Худоро дар якҷоягии ботинӣ бо Масеҳ меёбад" (А. Мен).

Ба Масеҳ рӯ овардан бисёр осон аст, чунки Ӯ ҳама вақт дар паҳлӯи мост ва моро интизор аст, вале дар баробари ин осон нест, чунки ақли мағрури мо ин чизи оддиро қабул кардан намехоҳад. Ким-кӣ хуб қайд кардааст, ки аз ҳама бузургтарин ва душвортарин кор — имон аст. Исои дар салиб маслубшуда барои баъзеҳо девонагӣ ва „рафтори беақлона" аст, барои дигарон бошад — „қувваи Худост".

Дар майдони се вокзал бо Китоби Муқаддаси зебое истода будам. Одамон дар атроф бисёр буданд, гарчанде ки борон сим-сим меборид. Ҷавони сермӯе давида омад ва ба дасти ман зад, Китоби Муқаддас ба кӯлмак ғалтид. Тӯдаи нав фарёд зад: „Оҳ!", ҷавон бошад гурехт. Ман Китоби Муқаддасро гирифтам, бо плащам тоза кардам ва боз болои сарам бардоштам. Ногоҳ дигаре омад, ӯ ҳам сермӯй. Ман Китоби Муқаддасро сахт ба синаам ҷафс кардам, ӯ бошад гуфт: „Ман мехоҳам онро бибӯсам". Китоби Муқаддасро ба ӯ дароз кардам ва ӯ дар ин кӯлмак бо зону истод, ба худ салиб кашид ва лаб ва пешонӣ ба он гузошт.

Ана ҳамин хел дар зиндагии мо ҳама якҷоя аст: ҳам бузургӣ ва ҳам пастӣ. Ва дар як дили майда ҳамаи ин паҳлӯ ба паҳлӯ ҳамсоягӣ дорад. Чӣ хеле ки шоир Надсон гуфта буд: „Дилам дар кӯҳ аст, худам бошам дар поён ҳастам". Аҷиб, ки ҳамон як Китоб дар баъзе нафрат, дар дигарҳо муҳаббатро бедор мекунад. Аз ҳамон як оби ҳаётбахш сифати давогии растаниҳои шифоӣ ва заҳрдор тақвият меёбад. Ҳамон як абр барои ибриён нур буд, барои мисриён

бошад — торикӣ; ҳамон як баҳр барои баъзеҳо наҷот буд, барои дигарҳо бошад — марг. Ҳамин хели дигар дар ин ҷаҳон доимо дар муносибат бо Китоби Муқаддас ва Исои Масеҳ хоҳад буд.

Рӯзе бевақтии бегоҳӣ дар метро мерафтам, дар вагон ҳамагӣ чор одам буданд: дар як гӯшаи курсӣ ман, як марди маст дар гӯшаи дигари он, дар рӯ ба рӯям як масти дигар дар китфи зане хобида буд, ва чашмони он зан чунон зиқ менамуданд, ки ба ӯ раҳмам омад! Аз сумкаам китобчаро гирифтам ва ба вай дароз кардам. Вай хомӯшона гирифт. Вале аҷиб, ки масти дар китфаш хобида якбора бедор шуд ва пурсид: „Ин чист?“ Вай ҷавоб дод: „Ба фикрам, дар бораи Худо“. Ӯ китобчаро аз дасташ кашида гирифт, пора кард ва ба зери пойҳоям партофт. Аҷиб, чӣ хел ӯ дарҳол муайян кард, ки ин китобча аз они кист, агар ӯ хоб буд? Маълум аст, чӣ хел: шайтон ба ӯ пичиррос зад, худи шайтон ӯро бедор кард. Дар ин вақт масте ки аз тарафи ман менишаст, аз ман пурсид: „Чаро ӯ ин коғазро даронд, дар он ҷо дар бораи чист?“ Ман коғазпораҳоро аз фарш бардошта, гуфтам: „Дар бораи Худо“. Ваҳ, чӣ хел ин маст аз ҷояш ҷаҳид ва ба он маст бо муштзанӣ часпид: „Эҳ ту нобакор, ин дар бораи Худо аст-ку, чӣ хел ту тавонистӣ? Палид, Худоро медаронӣ ва ба фарш мепартоӣ?!“ Хушбахтона, ҳамааш ба хубӣ анҷомид ёфт, вале баъд дар бораи ин воқеа чун дар бораи аломате фикр кардам, ки ба воситаи он Худо бисёр чизро ба ман нишон дод... Занозании мастон, дар марказаш бошад — китобча — хабар дар бораи Масеҳ. Ва дар ин занозанӣ ин ҷаҳони мо гӯё дар ғубори мастонаи равшан намоён. Ва ду роҳзан аз тарафи чап ва рости Масеҳ — ин ҳам рамзи ҷаҳон аст: яке тарафдори Масеҳ, дигаре — зидди Ӯ. „Ана, Ӯ барои афтиш ва бархестан дар замин хобидааст...

ва барои мавзӯи мунокиша шудан". „Мувофиқи дили одамон, баъзеҳоро марҳамати Худо ба тавбакунӣ мебиёрад, дигарҳоро ба муқобили Ӯ бармехезонад ва дар бадӣ устувор мегардонад" (Августин).

Ана боз ҳодисаи ба ин монанд. Бо аҳли ҷамоат барои таъмид ба назди Москва мерафтем. Дар электричка мавъиза медодем. Зане гулдастаи калонро тақдим мекунад, аз афташ аз боғот мебурд, изҳори миннатдорӣ менамояд, гиря мекунад. Баъди чанд муддат марде мебиёяд ва ба рӯям туф мекунад. Ман бо Китоби Муқаддас бо гулҳо дар даст ва бо рӯи туфкарда истодам, калисои ман бошад ба ман нигоҳ мекунад. Ана чунин лаҳзаҳо дақиқаҳои хушбахттарини зиндагӣ ҳастанд, агарчи инро дертар мефаҳмӣ.

Он вақт аз қафояш Галя Савич давид ва гуфт: „Мардак, Шумо моро лаънат мехонед, мо бошем, шуморо баракат медиҳем". Ва боз аз паси ӯ фарёд мезад: „Инро дар ёд доред: мо Шуморо баракат медиҳем!" Ман тасаввур мекунам, чӣ хел лахчаҳои сӯзон сари ӯро месӯзонданд, охир дар чунин лаҳзаҳо аз пас бисёр лаҳнатро шунидан мумкин, на суханони баракат. Кошкӣ ҳамин тавр мешуд, ки ин суханон рӯзе ба хотираш биёянд, чунки бо чунин нафрат ба Худо зиндагӣ карда, одамон ба дигарон бисёр бадӣ меоранд ва дар навбати аввал ба худашон. Мисли занбӯре ки бо неши худ дард мерасонад, ва зиёни калонтарро ба худаш мерасонад — вай мемурад. „Туро ҳеҷ кас гум намекунад, ба ғайр аз онҳое ки Туро тарк мекунанд, ва вақте тарк мекунанд, куҷо мераванд? Фақат аз Туи раҳмдил — ба назди Туи ғазабнок" (Августин).

Якчанд сол пеш келини ман дар Ӯзбекистон, дар бозор китобхонаи рӯҳониро ташкил кард. Бисёриҳо он вақт ба наздаш, ба китобхона худро нависонданд, барои китобҳо миннатдорӣ менамуданд. Рӯзе як

ӯзбек бо қаҳр ба наздаш омад ва фарёд задан гирифт: „Барои чӣ ту дар ин ҷо ба мо Масеҳро паҳн мекунӣ?“ Ва чунон вайро зад, ки дандонашро шикаст. Китобҳоро бошад ба ҷӯйбор, ба об партофт. Вале баъди чанд вақт худаш вайро ёфт ва бахшиш пурсидан гирифт: „Шумо мумкин маро дар ёд доред, ман дандонатонро шикастам, ва вақте ки Шумо ғалтидед, ман чил сӯмро аз кисаатон दуздидам. Баъд ба амаки муллоям худситоӣ намудам, ки чӣ хел ман исломро тарафдорӣ намудам. Ӯ бошад ба ман гуфт: «Кори бад кардӣ ту; ин хел фақат шайтон исломро тарафдорӣ мекунад. Вайро ёфта, пулашро баргардон. Ва боз ин китобҳоро аз вай пурс ва хон, ба ту халал намерасонад. Шояд ақлат медарояд, баъд мумкин Аллоҳ ҳам мебахшад»“. Келинам баъд ба ман нақл кард: „Бо ин ӯзбек сӯҳбат карда ман хеле хурсанд шудам. Агар ҳамаи одамон ин хел ба пеши Масеҳ мерафтанд, он гоҳ дигар дандонҳо низ ҳайф нестанд“.

Дар вақти мавъизаи кӯчагӣ ҳар хел мешуд: ғазабнокӣ ва миннатдорӣ. Боре, вақте ки мо дар метро назди истгоҳи „Китобхонаи ба номи Ленин“, зери кошини „Владимир Иличи ҳамеша зинда“ башорат медодем, ба зери пойҳоямон гулдастаи калони тӯйро партофтанд. Аз афташ, ба одам ягон хел пул барои гул ҳайф набудааст, вақте ки бо чашмони худаш ин мӯъҷизаро дидааст: оне ки маъбадҳоро вайрон мекард ва имондоронро нест мекард, акнун бо беқувватии том аз кошини худ Каломи намирандаи Худованд Исои Масеҳи моро „нигоҳ мекунад“ ва „гӯш мекунад“!

Даҳшатнок ва фоҷиаовар буд замоне ки дилҳои ҷӯяндаи моро бо худоношиносӣ маслуқ мекарданд. Ҳанӯз дар асри XVII файласуфи англис Фрэнсис Бэкон навишта буд: „Атеизм (бединӣ) яхи тунук аст, ки аз рӯи он як одам мегузарад, тамоми халқ бошад

ба қаър меафтад“. Ба инсон ҷустуҷӯи маънои абадии ҳаёти худ хос аст — чунин маъно, то ки бо марг нест нашавад. Ҳар як одам ба худ саволи пуразият медиҳад, чӣ хеле ки он ҷавон дар шеъри машҳури Гейне, дар соҳили баҳр андеша мекард:

Дар чист сирри асрҳо?
Ва дар чист моҳияти одамӣ?
Аз куҷо меояд? Ба куҷо меравад?
Ва кист, ки болотар аз ситораҳо зиндагӣ дорад?

Худо мақсади охирин ва маънои орзуҳо ва ҷустуҷӯҳои одамӣ ба шумор меравад. Дар ин мавзӯъ бо бисёр одамони гуногун сӯҳбат карда, ман ба он диққат додам, ки қариб ҳама ҳамон як хел ҷавоб медиҳанд: „Бе имон зиндагӣ кардан номумкин аст, ба ягон чиз имон доштан даркор“. Инсон — аз рӯи табиати худ махлуқи динӣ аст, ӯро аз имон маҳрум кардан мумкин нест, вале имони бардурӯғ ҳам ҳаст. Дар империяи Рум, масалан, император унвони худоро дошт ва дар пеши сурати ӯ лодан бухур мекарданд, чӣ хеле ки дар пеши сурати Худо. Масеҳиён он вақт барои он мемурданд, ки аз ин бухуркунӣ даст мекашиданд. Лекин ба наздикӣ бошад мо имони дурӯғи худамонро доштем: мо „сегонаи муқаддас“-и худамонро доштем — Маркс, Энгелс, Ленин ва биҳишти худамонро, ки интизораш будем, — ояндаи дурахшони коммунизмро ва наҷоти худ аз ҳамаи бадбахтиҳо — инкишофи илмӣ-техникиро. Ва дар сурудҳои худ мехондем, ки фақат ба худамон боварӣ дорем, ба қувваҳои шахсии инсонии худ, чӣ хеле ки дар суруди машҳур: „Ҳеҷ кас ба мо озодиро намедиҳад: на Худо, на подшоҳ, на қаҳрамон. Ба озодшавиамон фақат бо дастони худ мерасем“. Ва „расидем“: сохти давлатии тоталитарӣ фаро расид.

Ман хуб дар ёд дорам, чӣ хел дар замони шӯравӣ ба мо Владимир Иличро талқин мекарданд. Як сол ман дар мактаб, дар гурӯҳи рӯзи давомнок бо бачаҳои қафомонда кор кардам. Онҳоро ба китобхона бурдам: „Ана бачаҳо, — гуфтам, — ин китобхона аст, дар ин ҷо рафчаҳо ҳастанд, дар рафчаҳо китобҳо истодаанд ва якеи инҳоро мо ҳозир мехонем. Номаш «Суруди май» аст ва онро Владимир Маяковский навиштааст". Камаш даҳ бор ман ба онҳо номи китоб ва муаллифи онро такрор кардам, баъд пурсидам: „Бачаҳо, ин китоб чӣ ном дорад?" Хомӯшӣ. Ман гуфтам: „Суруди..." Онҳо давом доданд: „Май". Он гоҳ пурсидам: „Муаллифаш кист?" Хомӯшӣ. „Влад-и-мир..." — ба ёдашон овардам, онҳо дарров якҷоя фарёд заданд: „Илич!!!" Ана Илич дар зиндагии мо кӣ буд — кӯдакони бечора тайёр буданд ҳар Владимирро чун Илич қабул намоянд.

Чанд бор мо ба назди Мавзолеи Ленин бо чунин суханон башоратдиҳӣ рафтем: „Дар ин ҷо он касе ҳаст, ки дар борааш мо аз боғчаи бачагон сар карда, суруд мехондем: «Ленин зинда буд, Ленин зинда аст, Ленин зинда хоҳад буд». Ҳафтод сол мо ба мурда чун ба зинда нигоҳ кардем, ҳама чиз дурӯғ ва гуноҳи калон дар пеши Худо баромад. Акнун ба Зиндаи ҳақиқӣ нигоҳ кардан даркор, ки қабри Ӯ холӣ аст. Ӯ эҳё шуд ва барои ҳамин фақат Ӯ ҳамеша зинда буд, зинда аст ва абадӣ зинда хоҳад буд, барои он ки Ӯ Масеҳ — Писари Худост! Ё ки Суруди дигари барои ҳамаи мо машҳур: «Ленин ҳамеша зинда аст, Ленин ҳамеша бо туст, Ленин дар ту ва дар ман аст». Ин ҳам фиребе аст, ки тамоми ҳаёти моро тира месохт. Фақат Масеҳ ҳамеша зинда аст ва фақат Ӯ ҳамеша бо туст ва Ӯ метавонад дар ту ва дар ман зиндагӣ кунад. «Дар ман бимонед, ва Ман дар шумо», — гуфта буд Масеҳ".

Мо диққати одамонро бештар ба рамзҳои инҷилӣ, ки дар дили Москва нақш бастаанд, ҷалб менамудем. Охир Майдони Сурх аз аввал чун „намуна“-и роҳи пуразоби Исои Масеҳ дар Ҷолҷолто буд. То ки зиёратро дар замини муқаддаси Фаластини дур ба амал наоранд, қарор доранд, ки дар Рус, дар маркази Москва Ҷолҷолторо барқарор намоянд. Ҳамаи номҳо дар ин ҷо характери инҷилӣ доранд: ба ҷои дарвозаҳои ҳозира дар паҳлӯи осорхонаи Таърихӣ дарвозаҳои Воскресение ва калисои Воскресение (Эҳё) истода буданд, ки эҳёшавии Масеҳро ба хотир меоваранд, бурҷи асосии Кремл бо соаташ, ҳатто дар вақтҳои шӯравӣ Спасский номида мешуд. Вале онро ки ин калима муносибати бевосита ба калимаи „Наҷотдиҳанда“ дорад, аз мо нағзакак пинҳон карданд. Ҳанӯз дар асри XX соатҳо дар бурҷи Спаский гимни ғайрирасмии империяи Россияро менавохтанд „Чӣ қадар Худованди мо дар Сион пурҷалол аст“. Ин суруди бастакор Д.С. Бортнянскийро аз рӯи суханони М.М. Херасков дар тамоми ҷаҳон медонанд ва месароянд.

Номи ҷои Косахонаи Сар дар Майдони Сурх аз калимаи пешона, яъне „косахонаи сар“ — пайдо шудааст — калимаи „Ҷолҷолто“ ҳамин хел тарҷума мешавад. Барандаҳои экскурсия ба сайёҳон ин ҷойро чун ҷои қатли тирандозон нишон медоданд. Вале дар тамоми таърих дар ҷои Косахонаи Сар танҳо ягона қатл буд. Он ҷо ҳеҷ гоҳ ба қатл намерасонданд, фақат фармонҳо ва амрҳои подшоҳро хонда медоданд. Ин ҷой Ҷолҷолторо ба хотир меоварd, ки дар он ҷо Подшоҳи мо ва Азобкашидаи мо, „марди азоб“, бо азият мурд. Ва тасодуф нест, ки ҷои Косахонаи Сар дар беруни Кремл, беруни девори Кремл ҷойгир шудааст, чӣ хеле ки Масеҳ дар беруни Ерусалим азоб кашид.

Соле як маротиба дар якшанбеи арафаи иди Фисҳ, аз дарвозаи Воскресение то ҷои Косахонаи Сар, подшоҳ лаҷоми асперо мегирифт, ки дар он патриарх менишаст, ки рамзи Исои Масеҳ буд, ва ҳамаи одамон дар гирду атроф роҳро бо шохаҳои бед мепӯшонданд. Дар замони худ мардум медонист, ки ҳамаи ин чӣ маъно дошт.

Дар назди ҷои Косахонаи Сар калисои аҷиби зебо истодааст. Ин калисо дар асри XVI ба шарафи истилои хонигарии Қазон сохта шуда, собори Покров номида шудааст. Вале халқ ба ин калисо номи Василий Блаженнийро дод, ба хотири маҷзубе ки натарсида, ҳатто ба худи подшоҳ ҳам гапи ҳақро мегуфт. Ин ҳақиқати амиқеро инъикос мекунад, ки дар ҷаҳон на подшоҳон асос ҳастанд, на касоне ки халқро истило ва забт мекунанд, балки касоне ки ба онҳо ҳақиқатро мегӯянд. Чӣ тавре ки дар Инҷил гуфта шудааст: „Хушо таъқибшудагон дар роҳи адолат, зеро ки Малакути Осмон аз они онҳост“. Наполеон, ки бисёр халқҳоро истило карда буд, оқибат тамоми ҳокимият ва шӯҳрати худро аз даст дод. Ба ҷазираи Еленаи Муқаддас бадарға шуда, дар он ҷо ӯ вақт дошт, то дар бораи зиндагӣ ва ғалабаҳои худ фикр кунад. Ӯ ба Масеҳ рӯ овард. Ӯро ин дуредгари бенаво аз Носира мафтун кард, ки бе силоҳ нисбат ба ӯ бо тамоми қувва ва тавоноияш бисёртар одамонро ба даст меовард.

Таърихнавис Филипп Шафф навишта буд: „Исои Масеҳ бе пул ва яроқ нисбат ба Искандари Мақдунӣ, Цезарь, Наполеон ва дигарон бисёртар одамонро ба даст овард. Ӯ маълумот надошт ва илмро нафаҳмида, нисбат ба ҳамаи файласуфон ва олимон дар якҷоягӣ, дар корҳои одамон ва Худо бисёртар равшанӣ меандохт. Маҳорати суханвариро наомӯхта, Ӯ дар бораи зиндагӣ чунон сухан меронд, ки то Ӯ касе

сухан наронда буд ва ягон суханвар, ягон шоир мисли Ӯ чунин муваффақият надошт. Ягон сатрро нанавишта, Ӯ бисёртар қаламҳоро ба ҳаракат меовард ва бо ҳамин барои мавъизаҳо, дуоҳо, мунозираҳо, асарҳои санъат, корҳои илмӣ ва сурудҳои ситоишӣ нисбат ба ҳамаи зумраи одамони бузург аз давраҳои қадим то замони мо бисёртар медод. Дар охур таваллуд ёфта ва чун ҷинояткор таслиб шуда, Ӯ акнун тақдири дунёро ҳал мекунад ва зиндагии рӯҳонии одамонеро назорат мекунад, ки сеяки кураи заминро ташкил медиҳанд".

Гуфтугӯро дар бораи Майдони Сурх ба итмом расонда, гуфтан зарур аст, ки аввалан он ҳамчун майдони ҷаҳони муқаддас пешбинӣ шуда буд. Дар ин ҷо ҳам Ҷолҷолто, ҳам озодӣ, ҳам ҳаёти ҷовидонӣ, ҳам муҳаббат ҳаст — ҳама чунон намоён. Вале барои чӣ ҳамаи ин поймол ва фаромӯш карда шуд? Чунки „Рус таъмидшуда буд, на маърифатнокшуда". Ва чунин шуд, ки „тез бастанд, вале оҳиста мерафтанд". Ана барои ҳамин тимсолҳои рамзии Ерусалимро дар назди худ дошта, дар дили бисёриҳо нисбат ба Аҳди Қадим, ба замини Муқаддас ва ба яҳудиён нафрат буд. Масалан баъзе мегӯянд, ки Масеҳ бо Исроил ягон алоқа надорад! Дигарон тасдиқ мекунанд, ки Китоби Муқаддасро хондан лозим нест, чунки онро яҳудиён навиштаанд.

Як бародари имондор нақл кард, ки чӣ тавр ӯ дар қатора ба ҳамсафараш Инҷилро барои хондан дод, ва ӯ китобро варақ зада гуфт: „Барои чӣ ба ҳамаи миллатҳо номаҳо аст: ба румиён, ба эфсӯсиён, ба қулассиён ва ҳатто ба яҳудиён, вале барои русҳо ягон чиз нест? Намехонам!" Охир ҳамаи номаҳои Аҳди Ҷадид — номаҳо на ба миллатҳо, балки ба сокинони шаҳрҳо ва вилоятҳо мебошанд. Ҳатто Нома ба яҳудиён — нома на барои миллати яҳудӣ, балки ба

он яҳудиён аст, ки ба Масеҳ имон овардаанд. Боре ман дидам, ки ба назди тӯдаи шунавандагони мавъиза дар Арбат рассом Иля Глазунов омад, ки дар намоишгоҳи ӯ дар назди Манеж ҳамеша навбатҳои калон меистанд. Ӯ расми машҳуре дорад, ки дар он тамоми таърихи Русия бо доҳиён, подшоҳон, роҳбарони он нишон дода шудааст ва дар маркази расм салиб бо Исои Масеҳ аст. Глазунов мавъизаро то охир гӯш кард ва баъд таклиф кард, ки ҳамаи инро дар Академияи бадеиёт гап занем, вале таъкид кард: „Фақат ҳамааш бояд православӣ бошад". Баъд аз як сол ман боз бо ӯ дар Арбат вохӯрдам, ва ӯ „Ҷамъияти Библиявӣ"-ро ҳақорат мекард: „Ин ҷамъияти масонӣ аст, ҳамаи бадбахтиҳои мо аз онҳо". Эҳтимол, мулоҳизаи танқидӣ дар бораи зиёиёни мо дуруст аст, ки саҳарӣ онҳо ба Ницше бовар мекунанд, нисфирӯзӣ ба Маркс ва бегоҳӣ ба Масеҳ.

Д. Пауэлл дар китоби худ „Барои чӣ ман аз дӯст доштан метарсам?" таърихи зиндагии писарбачаи амрикоии баромадаш яҳудӣ — Майкл Голдро тасвир мекунад: „Ӯро гурӯҳи бачагони калонсол гирд кард мепурсиданд: «Эй бача, ту ҷуҳуд нестӣ?... Пас ту ҷуҳудӣ! Шумо, ҷуҳудҳо, Масеҳро маслуб кардед. Ҳоло ту дар сарзамини масеҳиён ҳастӣ ва мо ҳама масеҳӣ ҳастем! Мо туро ёд медиҳем, ки ҷои худро донӣ!» Ва онҳо Майклро зада, рӯйи ӯро хуншор карданд ва фармон доданд, ки ба хонааш гурезад ва аз қафо фарёд мезаданд: «Мо масеҳӣ ҳастем! Шумо Масеҳро маслуб кардед!» Вақте ки Майкл ба хона баргашт, модари ба ҳаросомада гиря карда, ӯро пурсид: «Майкл, чӣ гап шуд?» Ӯ ба гӯши модараш наздик шуда бо азоб лабони хушкшудаи худро ба ҳаракат оварда пурсид: «Модар, Масеҳ кист?»" Дар пиронсолӣ Майкл Голд дар хонаи шафқати католикӣ хӯрок мехӯрд, ки онро Дороти Дей роҳбарӣ мекард.

Боре ин зан дар бораи ӯ гуфт: „Майкл Голд ҳар рӯз рӯи мизи Масеҳ хӯрок мехӯрад, вале шояд вай ӯро ҳеҷ гоҳ қабул намекунад — аз боиси он ки бори аввал дар вазъияти хеле бад номи Ӯро шунид“. Ин воқеаро хонда гуфтан мумкин аст, ки кӯдак — кӯдак аст, аз онҳо талабот калон нест. Вале ин кӯдаконро одамони калонсол ва масъул ёд додаанд, ки яҳудиёнро бад бинанд.

Як вақт дар Арбат марди куҳансоле маро ороми намедод: дар вақти мавъиза аз назди мо мегузашт ва фарёд мезад: „Вайро гӯш накунед, вай ҷуҳудзан аст!“ Ва ҳар рӯз ҳамин тавр. Вале ман ҳар замон худро сафед мекардам: „Ман яҳудӣ нестам, ман тоҷикам!“ Ман фикр кардам: „Барои чӣ ман бояд худро сафед кунам?“ Ва ман ҳарчанд бештар дар гирди худ нафратро ба яҳудиён медидам, ҳамон қадар хоҳиши муҳофизати онҳо дар ман пайдо мешуд. Наҷотдиҳандаи мо гуфтааст: „Барои лаънатхондагони шумо дуо кунед“. Ва ман барои ин марди куҳансол дуо мекардам, ва Худо ба ман ёрӣ дод. Боре ба Москва Вернер Гитт — директори Донишкадаи физикӣ-техникӣ дар Брауншвейги Германия омад. Ӯ ду китобро дар бораи мавҷудияти Худо навиштааст, ва мо онҳоро дар Арбат тақсим мекардем, ва вақте ки ҳамаи китобҳо тамом шуданд, ҳамон мард ба назди тӯдаи одамон давида, пурсид, ки китобҳоро аз куҷо гирифтед, вале маро ҳоло надидааст. Он гоҳ ман аз Вернер ду китоби охирини эҳтиётиро пурсида гирифтам ва ба назди ин мард давида ба ӯ дароз кардам. Ӯ бо рӯи хурсандона ба китобҳо нигоҳ мекард, вале вақте ки ӯ чашмонашро бардошта дид, ки китобҳоро кӣ овардааст, кайфаш парид ва китобҳоро гирифта мисли тир давида рафт. Дигар ӯ маро дар Арбат ташвиш намедод ва кӣ медонад, шояд баъди ин ҳодиса ба назди Худо омад.

Эй наздикии мусиқиҳо!
Фарқиятҳоро аз байн бибар:
Ба озодии ягона —
Довуд ва Орфей!

Иттифоқ бисуруд,
Ва акнун ин ду нест —
Ҷисми ҷалбкунанда,
Ва рӯҳи ҳамадон!

Ду доираи якшуда
Ғалабаҳо ва хафагиҳо —
Эҳ сирри якҷоягӣ:
Орфей ва Довуд!

Торикӣ пароканда шуда,
Субҳидамро роҳ диҳад,
Дар ҷое ки яҳудӣ нест
Ва юнонӣ ҳам нест!...

*(Д.В. Щедровицкий)*

Худованд моро таълим медиҳад, ки Инҷилро ҳама вақт ба дигарон хабар диҳем: „Вақту бевақт насиҳат кун“. Нависандаи англис Ҷ.Р. Киплинг ба хотир меоварад, чӣ тавр дар вақти саёҳати гирди олам, генерал Вилям Бутс — асосгузори Лашкари Наҷотдиҳанда, савори киштӣ гашт. Ӯро тӯдаи аъзоёни ин ташкилот ҳамроҳӣ мекарданд, ки доира ва нақора мезаданд. Рафтори онҳо дили инҷиқи Киплингро ба ғазаб овард ва ӯ инро ба генерал гуфт: „Ҷавонмард, — ҷавоб дод Бутс, — агар ман метавонистам ақаллан боз як ҷонеро барои Масеҳ ба даст орам, ба сарам истода, бо по нақора заданро ёд мегирифтам“.

Ҳатто камтарин ёдовариҳо дар бораи Худо метавонанд бо мурури вақт одамони нисбат ба имон

бепарворо дигар кунанд. Ҳамсояи ман дар хонаи пештара одами дарундор ва улфатнопазир буд. Вақте ки ман дар бораи Масеҳ ба ӯ якчанд сухан гуфтам, ӯ бепарвоёна ва мағрурона дар бораи Худо суханони носазо гуфт. Вале ҳар гоҳ дар майдончаи зинапоя бо ӯ вохӯрда, ҳар бор барояш баракати Худоро мехостам. Ӯ одами ҳарбӣ буд, дар бюрои конструкторӣ оид ба тайёркунии самолётҳои ҳарбӣ кор мекард. Ҳанӯз дар давраи Иттиҳоди Шӯравӣ тамоми ҷаҳонро гашта буд, чанд бор ба Амрико сафар кардааст, маълум ки нағз пул кор мекард ва бисёр имтиёзҳоро истифода мебурд, ки мо онҳоро дар хоб ҳам намедидем. Албатта, чунин одамон фақат ба ҳокимият ва қуввваи одамӣ ва хусусан ба худ боварӣ доштанд, вале „Нерӯи Ман дар нотавонӣ зоҳир мегардад“ аз Инҷил барои онҳо тамоман нофаҳмо ва бегона аст.

Қувваи Рӯҳи Муқаддас дар имондор ба тӯфони „Торнадо“ монанд аст. Қувваи он чунон аст, ки шохчаи мӯрт метавонад тахтаи оҳанинро сӯрох кунад. Вақте ки мавъизагари машҳури амрикоӣ Билли Грэм, ки аз касалии Паркинсон азоб мекашад, дар Москва мавъиза мекард, Ҷони Эриксон, ки бисту панҷ сол боз аст, ки дар курсии маъюбон маҳкам аст, дар бораи имони худ шаҳодат медод. Тарҷумони ӯ Олег Шевкун буд, ки қариб нобино буд. Ана ин маъюбони секаса дар варзишгоҳи „Олимпийский“ 70 ҳазор одамони сиҳатро ҷамъ карданд. Дар толор ҷой набуд, дар кӯча экранҳо гузошта шуданд ва ҳазорон одамон дар зери борони хунуки октябр истода, мавъизаро дар бораи Масеҳ гӯш мекарданд. Ана чӣ тавр нерӯи Худо дар нотавонӣ ба амал меояд!

Дар бораи ҳамсояи худ давом медиҳам. Вақте ки ҳокимияти шуравӣ барҳам хӯрд, барои бисёриҳо имтиёзҳо аз байн рафтанд. Ҳамсояи ман бекор монд,

вай аз ҳама дар қаҳр шуд, ва аз он ҷумла аз Худо ҳам. Дар арафаи Соли Нав ба ӯ Китоби Муқаддасро тӯҳфа кардам. Фикр мекардам, ки дар Соли Нав тӯҳфа кардан хуб аст ва ӯ қабул мекунад. Дар Китоби Масалҳои Сулаймон хатчӯб гузошта, гуфтам, ки ин масалҳо дар муносибатҳои дутарафа ба одамон ёрӣ медиҳанд ва барои мо олами одамонро мекушоянд, фикрҳои пинҳони онҳо, хоҳишҳо, рафторҳо ва бисёр чизҳои дигарро ошкор мекунанд.

Барои одамони беимон китоби Масалҳо маъқул аст, онҳоро ба ҳаяҷон меоварад, чунки дар он ҳамаи зиндагии мо ба таври осон, аниқ ва хеле чуқур инъикос ёфтааст. Ёд дорам, ки чӣ хел даҳ сол пеш дар як шаб (гуфтан даркор аст, ки ҳамаи воқеаҳои муҳим дар мамлакати мо шабона рӯй медоданд, вақте ки мардуми азобдида хоб мерафт), ҳамаи садсӯмаҳои моро гирифтанд. Саҳарӣ мо бедор шудем, ва маълум шуд, ки ислоҳоти пулӣ гузаштааст ва мардумро ғорат карданд. Баъдтар бошад ҳамаи пулҳо дар дафтарчаҳои амонатӣ беқурб шуданд. Ва дар ҳамин вақт ман барои наздикони худ боби 23-юми китоби Масалҳои Сулаймонро хондам: „Барои сарват ғун кардан заҳмат накаш, тадбирсозиҳои худро тарк намо. Оё мехоҳӣ чашмони худро ба он бидӯзӣ, ва ҳол он ки он ғоиб шудааст? Зеро ки он барои худ болҳо месозад ва мисли уқоб ба осмон парида меравад“. Бародарам ба ҳақиқӣ будани ин суханон бовар карда, дуру дароз механдид. Пулҳои вай ҳам „барои худ болҳо сохта“ мисли уқоб парвоз карданд. Яке механдид, чунки ягон илоҷ набуд ва дигаре бошад дар ин вақт девона мешуд. Чунин ҳодисаҳо ҳам буданд. Ба ман нақл карданд, ки як пирамард то бегоҳ дар бозор давида, саросемавор мардумро таклиф мекард, ки ҳар садсӯмаро ақаллан ба як сӯм иваз кунанд. Вале ҳанӯз дирӯз чунин садсӯмаҳои

сурх қиматбаҳо буданд ва барои ҳар яки онҳо моҳи пурра кор кардан даркор буд, аммо имрӯз аллакай ба касе даркор нестанд. Пирамард пулҳоро ба ахлот партофта ба хона рафт ва худро ба дор овехт.

Ва инак, ман Китоби Муқаддасро ба ҳамсоям тӯҳфа кардам. Баъд аз як сол ман ба ҷои дигар кӯчидам. Баъди ним соли дигар ин ҳамсоя ба ман занг мезанад, гарчанде ман барои ӯ рақами телефонро намондам ва ҳатто бо ӯ хайру хуш ҳам накардам, чунки ӯ дар хона набуд. Ӯ рақами телефони маро фаҳмида, фақат барои он занг задааст, ки барои Китоби Муқаддас миннатдорӣ кунад. Ӯ дар ҳақиқат онро аз китоби Масалҳо хонда сар кард, аввал хеле оҳиста, вале баъд чунон ба шавқ омад, ки давом дод. Ва акнун ба он дил баст. Вале аз ҳама муҳимаш он ки ӯ таъсири хуби ин китобро дар тамоми зиндагӣ дарёфт. Ва акнун ба воситаи телефон мо бо ӯ Каломи Худоро муҳокима мекунем ва ман дар ӯ чунин дигаргуниҳоро мебинам, ки бовариам намеояд.

Дар хонаи нав ман се сол боз зиндагӣ мекунам, шаҳодат додан ҳатто дар лифт ҳам рӯй медиҳад, вақте ки якдигарро мепурсем: „Шумо ба кадом ошёна?“ Тамоми зиндагии одам ва воқеаҳоро бо мавъиза алоқаманд кардан мумкин аст, ва аз ҷумла ададҳоро ҳам. Одатан то ошёнаи сеюм одамон пиёда мебароянд, ба адади „се“ бошад мардуми мо муҳаббати махсус дорад: „Худо сегонаро дӯст медорад“. „Чор“ — чор тарафи дунё, чор аносир ва асосаш чор инҷилнавис, ки хабари хушро дар бораи Масеҳ ба мо расонданд. Рақами „панҷ“ — панҷ китоби Мусо, ки дар он даҳ аҳком ҳастанд — ду бор панҷтоӣ, ва панҷ аҳкоми аввал ба мо оиди муносибати дуруст бо одам нақл мекунанд, панҷтои дигар оиди муносибати даркорӣ бо одам нақл мекунанд, ва ягон кас ин аҳкомро ба ғайр аз Исои Масеҳ дар комилӣ

ичро накардааст. Дар бораи „шаш“ хусусан хуб мебарояд: Худо дар шаш рӯз дунёро офарид. Дар бораи „ҳафт“ боз ҳам беҳтар: то рӯзи ҳафтум Худо тамоми корҳои худро анҷом дод ва ба мо чунин фармуд, ки Ӯро тақдис кунем, он гоҳ дар дил ҳам мувофиқат ва дурустӣ мешавад. Баъди рақами „ҳафт“, ки ҳисоби рӯзҳои ҳафтаро анҷом медиҳад, рақами „ҳашт“ мебиёяд — ҳафтаи нав — тимсоли зиндагии нав. Баъди анҷоми зиндагӣ дар рӯи замин барои ҳар як одам зиндагии дигар — абадӣ сар мешавад. Ва охири ин дунё бо омадани Исои Масеҳ ба анҷом мерасад, ва Малакути Худо фаро мерасад ва он ҷо нисбат ба ин ҷо тамоман дигар хел мешавад — на касалӣ, на марг ва на гиряву нола.

Зимнан ман пай бурдам, ки мардуми мо мистикаро дӯст медоранд, диққати онҳоро чизи ғайриоддӣ ҷалб мекунад, хусусан он чи шахсан ба онҳо дахл дорад. Ана барои чӣ дар бораи ошёнаи худ онҳо ба рағбат гӯш мекунанд, ман бошам, хурсандам, ки метавонам „дар бораи ин мавзӯъ“ шаҳодат диҳам.

Чанде пеш ҳамсоя аз ошёнаи поён омад, ки собиқ корманди КГБ ва акнун коркуни ФСБ аст. Маро бо ҳамсояҳои „ҳарбӣ“ толеъ аст, вале бо ким-кадом сабаб ӯ аз байни ҳамагон аввалин шуда шаҳодат дар бораи Масеҳро пазируфт ва барои Инҷил омад. Мо ду соат нишастем, чой нӯшидем. Ман барои ӯ мадҳияҳо дар бораи Масеҳ мехондам, онҳо ба ӯ хеле маъқул шуданд, хоҳиш кард онҳоро бинависам: ҳис кардам, ки чизе ба дили ӯ таъсир кард. Вале ҳамсояи худ — рӯҳониро ҳақорат мекард. Ва ҳатто фаҳмондан ҳам наметавонист барои чӣ. Фақат, — мегӯяд, — ҳамин ки бо ӯ вомехӯрам, тамоми рӯз дигар барор намеояд — ҳатман ягон воқеа рӯй медиҳад. Ана акнун пеш аз он ки хона бароям, ба чашмаки дар нигоҳ мекунам, то ки коҳин набошад ва ба лифт ҳам

бо ӯ намедароям. Чунин мебарояд, ки дар назди коҳин зиндагӣ мекунаму азоб мекашам. Ман ба ӯ гуфтам: „Гап дар коҳин нест, балки дар шумо ва муносибати шумо бо Худо аст. Дили ҳар як мушкилӣ — мушкилӣ дар дил аст“.

Ҳамсояи ман қабул карда, ваъда дод, ки кӯшиш мекунад дар бораи коҳин хуб фикр кунад, вале асосаш — ваъда дод Инҷилро мехонад. Хурсандиовар он аст, ки дарбон ҳам дар даромадгоҳи мо одами ҷӯянда будааст ва акнун вақте ки ман мегузорам, ӯ худаш баҳона меҷӯяд, то ки дар бораи имон гап занад. Ва боз барои рангмолзане ки даромадгоҳи моро ранг мекард, хурсандӣ мекунам. Ман фақат дирӯз Инҷили Юҳанноро ба вай тӯҳфа карда будам ва вай аллакай имрӯз ба ман гуфт, ки тамоми шаб нахобида онро хондааст. Ҳоло ман барои ҳамсояҳои майпараст дуо мекунам, ки дар дари даромадгоҳи мо ҷо гирифтаанд. Ана барои кӣ дар Русия зиндагӣ кардан гуворо аст! Шаб то рӯз онҳо ҷанҷол мекунанд: ҳақорат, ғавғо ва занозанӣ. Ва дар омади гап, онҳо қариб ки бачагони волидайни „кремлӣ“ мебошанд. Аз майпарастон ягон ҷои халосӣ нест: қариб дар ҳар хона ин бадбахтӣ ҳаст ва тамоми мамлакати мо беист арақро ба сари худ мерезад.

Чанде пеш актриса Лена Денисова дар бораи ҳамсояи майпарасти худ ба ман нақл кард, ки бо рехтани об вайро ғам медод, чунки ӯ дар ҳолати мастӣ маҳкам кардани ҷумакро фаромӯш мекард ва об ҳамеша хонаи вайро зер мекард. Дар аввал вай бо ӯ ҷанҷол мекард, вале вақте ки имон овард, ба назди ӯ узрхоҳӣ рафта, бо зани ӯ ошно шуд ва онҳоро ба калисо даъват кард. Ин ҳамсоя ду маълумоти олӣ дошт, вале аз барои арақ чунон завол ёфт, ки тамоми захираи луғавии ӯ аз се калима иборат буд: „Тамом, тамом, тамом“. Ба ҳар савол ва мулоҳиза ӯ бо ҳамин

як ибора ҷавоб медод: „Тамом, тамом, тамом“. Дар калисо ҳангоми даъват ба тавба, ин ҳамсоя ба омурзиш баромад, ашкҳои ӯ равон шуданд ва қобилияти суханронӣ боз ба ӯ баргашт. Баъдтар ӯ ба ёд меовард: „Баъди ин дуо барои ман чӣ хел хуб буд! Ҳамин хел самимона ва хурсандибахш, чуноне ки дар кӯдакӣ“.

Дар калисои мо низ чунин касон буданд. Сергей, ки худро майпарасти дорои аҳамияти умумииттифоқӣ меномид, чунон менӯшид, ки дар ҷунуни мастӣ ба хонаи ӯ тракторҳо ва булдозерҳо „даромада“, ӯро ба ҳар кунҷ „медавонданд“. Серёжа тавба кард ва дӯсти худ Мишаро ба назди мо ба калисо овард. Ҳамроҳи ӯ онҳо чунон менӯшиданд, ки тамоми ҳафта аз таги миз намебаромаданд: „шайтон намемонд“. Ин бачаҳо барои пул кор кардан ба Москва омаданд (яке аз онҳо бо маълумоти олӣ), дар сохтмон кор мекарданд, дар хобгоҳ зиндагӣ мекарданд ва тамоми пулро ба арақхӯрӣ сарф мекарданд, чунки дар он ҷо ҳама менӯшиданд. Ман дар ин хобгоҳ будам. Манзараи даҳшатнок: аз дарбон сар карда, ҳама мастанд. Ба ҳуҷра даромадам: се кат истодаанд, дар болои дутои онҳо мардҳои 35–40 сола маст хобидаанд. Миша дар роҳрав фарёд зад: „Гунаҳкорон, биёед тавба кунед!“ Аз ҳуҷраҳо одамон гавак кашида ба ҳуҷраи Миша даромаданд. Бо онҳо ба таври ҷиддӣ дар бораи Худо гуфтан бефоида буд ва ман онҳоро ба дуо даъват кардам. Онҳо дар рӯи фарш тӯда мешуданд, баъзеҳо дикак менишастанд ва менолиданд: „Худовандо бубахш!“ Манзараи даҳшатнок ва фаромӯшнашаванда. Баъди се моҳ алаккай бисёриҳо набуданд: муаллим Володя дар ҳолати мастӣ аз зинапоя ғалтида мурд. Валяро корд зада куштанд... Одамон дар он ҷо ҳар рӯз мемуранд. „Ёрии таъҷилӣ“ ба даъват ҷавоб медиҳад: „Мо ба назди майпарастон

намеоем“. Ва ин „лона“ — водии марг — қариб дар маркази Москва, дар Электрозаводская аст. Як касро ба воситаи хоҳари имондор Козлова Лена — мудири дорухона, наҷот додан муяссар шуд. Вай духтурони шиносро ҳамроҳ кард, онҳо дар варақаи тиббӣ диагнози дурӯғ — варамии шушро ташхис карданд ва ду ҳафта ба ӯ нафаси сунъӣ медоданд. Серёжа бо Миша одамони имондор шуданд ва майпарастиро бас карданд, Миша ҳоло дар шаҳри Пенза дар калисо хизмат мекунад.

Каломи Худо ба одамон таъсир мерасонад ва ӯро тағйир медиҳад. Маҳз барои ҳамин он ба одамон зарур аст. Масеҳ ба фарисиён ҷавоб дод, вақте онҳо талаб карданд, то шогирдони Ӯ хомӯш бошанд: „Ба шумо мегӯям, ки агар онҳо хомӯш монанд, сангҳо нидо хоҳанд кард“. Ман дар вокзал дидам, ки чӣ тавр як марди овора „нидо“ кард. Ӯ дар вақти мавъиза ҷасурона ба назди ман омад ва сухани маро бурида пурсид: „Бузургтарин гуноҳ чист?“ Ман гуфтам: „Шояд ғурур бошад“. Ӯ ангушти ишоратро боло бардошта, бо овози баланд гуфт: „Дуруст, ғурур — бузургтарин гуноҳ аст!“ ва ҳамон дам худро ба курсӣ партофт. Аҳли толор механдиданд. Баъди чанд муддат хеста боз ба назди ман омад. Ҳама шах шуда монданд. Барои шиддати вазъиятро паст кардан ман ӯро пурсидам: „Номи шумо чист?“ Ӯ бошад ба толор рӯ оварда аз самими қалб чунон нидо кард: „Номи ман нокас аст!!! Ман номи одамиро сазовор нестам! Гӯш кунед, мардум, ҳамаи ин дуруст аст, он чи ҳоло шумо дар бораи Худо, дар бораи Китоби Муқаддас мешунавед — ҳама рост аст!“ Баъд чанд лаҳза ба онҳо нигоҳ карда хомӯш истод ва ба ман рӯ оварда гуфт: „Шумо беҳуда барои онҳо кӯшиш мекунед, онҳо ҳама кӯр ва кар ҳастанд“. Ва боз ба курсӣ афтод.

Дар зиндагӣ аз ҳар шахс ёд гирифтан мумкин аст. Вале шахси овора чӣ метавонад бидиҳад, ман аз ӯ чиро ёд гирифтан метавонам? Пеш аз ҳама ман метавонам дарси бузурги лутфи Худоро аз ӯ бигирам ва ин аз ҳама муҳим аст, зеро ман аз шахси овора беҳтар нестам ва фақат бо лутфи Худо ман дар ҷои ӯ нестам. Сониян, ӯ чунон далерона дар бораи Худо мегуфт, ки ба ин фақат тақлид кардан мефорад. Аз Масеҳ шарм накунед. Ҳаввориӣ Павлус гуфтааст: „Мо ба хотири Масеҳ ҷоҳил ҳастем". Ва агар мо, имондорон, дар бораи Наҷотдиҳанда хомӯш бошем, он гоҳ ин одамони бадбахт — оворагон ва майпарастон — то тавонистанашон дар бораи Худо „нидо" мекунанд.

Бо як духтари ҷавон чунин буд. Дар ҳолати мастӣ вай бо хашм ба мо дод мезад: „Шумо мазҳабпарастон, шумо православӣ нестед!" Ман аз вай пурсидам: „Ба ту чӣ шуд?" Вай ба синаи ман афтод ва гиряро сар кард. Ҳамаи гирдомадагон бо ҳаяҷон ба мо нигоҳ мекарданд ва шояд фикр мекарданд, ки дар ин ҷо бе ҷодугарӣ кор намешуд, чунки дигаргунӣ дар лаҳзаҳои боҳисоб рӯй медод. Баъд мо бо вай ба гап даромадем. Духтари хуб, зебо, ба назди дилдодааш омада, ӯро бисёр мекофт, вале ӯ алаккай дигарашро ёфтааст. Ана ба вай алам кардааст: маст шудааст. Ва маълум аст, ки дар вокзал бо инхелҳо чӣ кор мекунанд.

Луздон ва фоҳишаҳо дар аввал ба мавъизаҳо таъсири манфӣ мерасонданд, ҳар гуна халал мерасонданд. Вале баъд мо бо онҳо шинос шудем, онҳо моро ҳурмат мекарданд ва вақте ки мо ба толор медаромадем, бо овози баланд моро вомехӯрданд, гӯё ки мо бо онҳо дӯстони дерина ҳастем. Мавъизаро гӯш карда наметавонистанд, аз толор мебаромаданд, вале халал ҳам намерасонданд. Каломи Худо дилро месӯзад, даъват мекунад, ки ба монанди писари нохалафи масали Исо интихоб кунем. Ман умед,

дорам Каломе ки ҳангоми аз толор баромадан шуниданд, ягон вақт ба хотирашон меояд, ҳатто агар дар бистари марг ҳам бошад, вақте ки тамоми зиндагӣ бо тамоми муфассалиёт аз пеши чашмон мегузарад ва ногаҳон маълум мешавад, ки ин дақиқаҳо дар зиндагӣ аз ҳама муҳимтарин будаанд.

Оҳ ба ман бисёр дардовар аст!!!
Ҷони ман дар мотам аст,
Маро ҷаллоди қаттол — виҷдон азоб медиҳад;
Ва дар китоби гузашта ман бо шарм мехонам
Ҳикояи ҳаёти бемеваеро,
Ки бе ному нишон ҳалок гардид.

*(А.Н. Плещеев)*

Барои чӣ ин одамон ба чунин зиндагӣ расидаанд? Шояд барои он ки онҳо дар шахсони атрофашон муҳаббатро наёфтанд ва аз он ҷумла муҳаббати моро ҳам? Ва Худованд бо саволе ба мо муроҷиат мекунад, ки як вақт ба Қобил гуфта буд: „Бародари ту дар куҷо?“ Чунки мо ҳама барои ҳамдигар ҷавобгар ҳастем. Маро суханони Нимеллер ба риққат меоваранд: „Вақте ки немисҳо барои коммунистон омаданд, ман хомӯш будам, чунки коммунист набудам. Вақте ки барои яҳудиён омаданд, ман хомӯш будам, чунки яҳудӣ набудам. Вақте ки немисҳо барои католикон омаданд, ман хомӯш будам, чунки католик набудам. Баъд барои ман омаданд“. „Дурон“ ва „наздикон“ нест, балки ҳар шахсе ки дар роҳҳои зиндагии мо дучор мешавад, наздики мо мешавад.

Боз чӣ гуна воқеаҳоро дар вокзал аз одамон мешунавӣ! Як марди ҷавон иқрор шуд, ки ӯ шаҳватпарасти фосид аст ва дар ин ҷо, дар вокзал, дар пеши чашмони мо бачагонро, қариб кӯдаконро

мебаранд ва онҳоро фосид мегардонанд. Мо бо ӯ муддати дароз сӯҳбат кардем. Чунин одамон қариб савдозада ҳастанд, вале умед дорам, ки он рӯз ӯ ягон кори бад накард. Чӣ қадар таъсиротҳои бад ва васвасаҳо кӯдакони моро иҳота мекунанд! „Дили кӯдак — замини бой ва серҳосил аст; чизе ки дар он бикорӣ, тез мерӯяд ва решаи чуқур медавонад. Масъалаи муҳим: мо чиро мекорем? Кӯдаконро чӣ ёд медиҳем? Онҳо аз мо кадом намунаҳоро мегиранд? Дар боғ дарахти ҷавонеро ки шамол шикастааст, гулҳоеро ки поймол шудаанд, дидан ҳузнангез аст. Пас эҳтиёт шавед, то ки дили софи кӯдаконро доғдор накунед, ҳатто бо қатраи сиёҳӣ кӯдаки бегуноҳро расво накунед. Дар боғи мевадиҳанда мо ҳар як дарахтро аз паррандагони ваҳшӣ муҳофизат мекунем, навдаҳоро аз хунукӣ бо хас мепӯшонем. Пас наход дили кӯдак нисбат ба себ ё олуболу қимати пасттар дошта бошад?“ (Феофани Роҳиб).

Вале одами ҷавони дигар бошад баъди мавъиза билети худро ба касса супурд. Бегуноҳ буда, 11 сол дар зиндон нишастааст: дар судҳои мо чунин ҳолат ҳайратовар нест. Вале ӯ шахси айбдорро дониста,тамоми 11 сол бо як орзу — интиқом — зиндагӣ мекард. Ва инак ӯ ба озодӣ баромада, ба ин кори „тар“ меравад. Вале дар вақти интизории қатора — дар вақташ, мавъиза дар бораи муҳаббати Худо, дар бораи бахшиши Худо барои ӯ садо дод: „Инак меҳрубонӣ ва пуртоқатиро доро бошед, агар касе ба касе арз дорад, якдигарро лутф кунед ва бубахшед: чуноне ки Масеҳ шуморо бахшид, шумо ҳам бубахшед“.

Ва баъди мавъиза ӯ ба ман мегӯяд: „Ман бори аввал суханонро дар бораи бахшиш мешунавам. Ман ҳамеша фикр мекардам, ки интиқом барои ноҳақӣ — кори хуб ва дуруст аст“. „Бале, — мегӯям,

— вале аз рӯи ҳақиқат дар дунё як лаҳза ҳам зиндагӣ кардани мо мумкин нест, чунки мо ҳама гунаҳкорем, фақат як кас бисёртар ва дигаре камтар“. Мо сӯҳбат карда, баъд дуо кардем ва ӯ чиптаи худро супурда, хушбахтона ба хонааш рафт. Гӯё ки фақат барои ҳамин ӯ дар вокзал буд. А.К. Толстой шеъри ҳаҷвӣ дорад: „Олиҳимматӣ дилҳоро таскин медиҳад“:

Кушандаи беадолат бар дили Деларю
    корд бизад.
Ва ӯ кулоҳашро кашида, бо эҳтиром
    „Раҳмат“ гуфт.
Он гоҳ қотил ба паҳлӯи чапи ӯ
    корд бизад,
Деларю бигуфт: „Чӣ корди аҷибе доред!“
Он гоҳ қотил аз тарафи рости ӯ гузашта,
    зарба бизад,
Ва Деларю бо табассуми айёрона танҳо
    таҳдиде бикард,
Ва беинсоф тамоми бадани ӯро пур
    аз сӯрох кард,
Деларю гуфт: „Шуморо ба як пиёла чой
    соати се ба хона даъват мекунам“.
Қотил худро ба замин партофт,
    ва монанди барг ларзида бигирист,
Ва Деларю гуфт: „Оҳ аз барои Худо бихезед!
    фарши ин ҷо чиркин аст“.
Лекин қотил дар пеши пои ӯ дароз кашида
    мегирист,
Ва Деларю дастонашро ду тараф карда гуфт:
    „Ман интизор набудам!“

...Рӯҳи баланд шахси ночизро ба изтироб меоварад,
Торикӣ аз нур метарсад...

*(А.К. Толстой)*

Ҷонҳое ҳастанд, ки чунон ба тавба наздиканд, ки фақат андаке даркор аст — ва фариштагон дар осмонҳо хурсандӣ мекунанд. Аз тарафи дигар, одамони навмед ва гумроҳшударо сари вақт боздоштан даркор аст. „Барои чӣ одам бад мешавад? Барои он ки фаромӯш мекунад, ки дар болои сари ӯ Худо аст“. Бисёриҳо зиндагии худро бо сабаби оддӣ вайрон мекунанд — ёд дода нашудаанд ва ба Каломи Худо ҳидоят нашудаанд. „Одами ҷавонро дар аввали роҳи ӯ ҳидоят кун — вақте ки пир шавад ҳам, ӯ аз он дур намешавад“.

Дар китоби „Шоҳзодаи хурд“ Экзюпери одамонро дар сайёра хеле хуб тасвир кардааст! „Ҳеҷ гоҳ парвози аввалини худро дар болои Аргентина фаромӯш намекунам. Шаби торик фаро расид, фақат ситораҳо милт-милт мекарданд, чароғакҳои камшумор дар дашт паҳн мешуданд. Дар ин баҳри торик ҳар як чароғак дар бораи мӯъҷизаи рӯҳи одам хабар медод. Дар рӯшноии ана он чароғ касе мехонад ё ба фикр фурӯ рафтааст ё сирро ба дӯсти худ бовар карда мегӯяд. Дар ин ҷо, шояд касе кӯшиш мекунад фазои оламро фаро гирад, ё барои ҳисобкуниҳо кор карда, тирагии Андромедаро чен мекунад. Ана дар он ҷо дӯст медоранд. Чароғакҳои тоқа дар саҳроҳо партофта шуданд ва ба ҳар якашон ғизо даркор аст“. „Ғизое“ ки ба ҳама даркор аст — Масеҳ аст, Каломи Худо. Қудрати Каломи Худо бузург аст!

Масеҳ ҳама ҷост: дар хурӯши пурҳаяҷон...
...Дар зиқӣ ва интизории нофаҳмо.
Ҳам вақти рӯшанӣ, ва ҳам вақти торикӣ
Ӯ медонад, ки ба ҷони мо чӣ бигӯяд.
Бо Масеҳ зиндагӣ дорем, ва Масеҳ
моро ҳидоят мекунад.

Чанд бор ман боварӣ пайдо кардам, ки ҳатто суханони инсонии мо ҳам қувваи бузург доранд. Чанде пеш ман ба аёдати ҷиянам ба касалхона рафтам. Дар роҳрав марде ба ман салом кард. Маълум шуд, ки мо ҳамроҳи ӯ дар донишкадаи фалсафа, дар Волхонка, чанд сол пеш кор кардаем. Ӯ сардори шӯъба буд, китобҳо ва луғатҳо менавишт, ман дуҷоя кор карда, бегоҳирӯзҳо дар он ҷо ҳамчун фаррош кор мекардам. Ман тааҷҷубомез аз ӯ мепурсам: „Охир чӣ тавр шумо маро — фаррошзани оддиро дар ёд дошта шинохтед?“ Вале ӯ ба ман мегӯяд: „Шумо боре чунин суханро гуфтед, ки ман онро 15 сол дар ёд дорам. Ҳозир бошад дар ин ҷо дар бистари беморӣ хобам, ними меъдаро гирифтанд ва фикр мекунам, ки чӣ тавр он фаррошзан ҳақ будааст — барои зиндагӣ хурсандӣ кардан даркор!“

Он вақт ман ҳанӯз беимон будам ва ба ӯ ким-чӣ ба монанди ин гуфтам: „Ана офтоб нур мепошад, дасту по ҳаст — шодӣ мебояд кард“. Худоё, чӣ гуна суханони оддӣ, чӣ тавр онҳо метавонистанд таъсир расонанд? Одатан чунон зиёд гап мезанӣ ва дар хотир надорӣ ба кӣ чиро гуфтӣ, вале маълум мешавад — дар ким-куҷо одаме дар бистари беморӣ хобида, фикр мекунад ва ин суханонро баъди 15 сол ба ёд меоварад. Дили одамро бо сухан ором ва хурсанд кардан мумкин аст, вале ранҷондан ва сахт захмдор кардан ҳам мумкин аст. Агар сухани одам чунин қувва дошта бошад, пас қудрати суханони Худо чӣ гуна аст!

Тасодуфӣ нест, ки тартиботи коммунистии мо аз Каломи Худо чунин метарсид! Ҳатто тааҷҷубовар аст, зеро он итоат ба ҳукуматдорон, ростӣ дар хизматро таълим медиҳад, пойдории риштаҳои оиладориро нигоҳ медорад. Кадом ҳукумат инро намехоҳад? Чунин менамояд, ки онҳо бояд ин китобро ба ҳар

хона тақсим мекарданд ва ҳатто бепул, то ки худашон ором бихобанд! Вале Китоби Муқаддасро ба даст овардан осон набуд. Аз ҳама муҳим дар ин Китоб, ки аз он метарсиданд — ҳамон озодиест, ки Масеҳ ба имондорон медиҳад: „Ва ростиро дарк мекунед, ва ростӣ шуморо озод хоҳад кард“. Ибтидои масеҳият аз воқеае сар шуд, ки мағлубияти бузурге менамуд — аз Ҷолҷолто. Дар он ҷо Одаме маслуб шуд, ки ба одамон танҳо муҳаббат ва некиро меовард. Ва баъд чанд нафар „беақлон“ эълон карданд, ки Ӯ зинда аст. Кӣ метавонист фикр кунад, ки ҳамин тавр дини ҷаҳонӣ бунёд мегардад. Дар муқоиса бо мантиқи „устувор“-и одамӣ, имон ба Масеҳ ночиз менамояд. Он ба „донаи хардал“ монанд аст, вале бе он дар замин ҳама ноустувор аст.

Мех набуд –
наъл гум шуд.
Наъл набуд –
асп ланг шуд.
Асп ланг шуд –
сарвар кушта шуд.
Аспсаворон мағлуб шуданд,
лашкар гурехт.
Душман ба шаҳр ҳамла мекунад,
ба касе раҳм надорад, –
танҳо барои он ки
оҳангар мех надошт!

*(С.Я. Маршак)*

Маҳз барои ҳамин „оянддаи дурахшони коммунистии мо“ вайрон шуда рафт — мех набуд! Имон ба Худо набуд, барои ҳамин ҳамаи ин бузургӣ ва тавоноӣ, ки тамоми ҷаҳонро ба воҳима меандохт, бе ягон тирпарронӣ дар як соат хароб шуда рафт.

Боре ҳангоми шабнишинӣ бахшида ба нашри нави Инҷил, ки миллион адад баромад, ман ба назди актёри машҳур Юрий Соломин омадам, ки дар он вақт вазири фарҳанг буд, ва гуфтам бисёр мехостам Китоби Муқаддасро ба ӯ тақдим кунам. Ӯ маро барои қабул нависонд. Ман ҳамроҳи худ ба воҳӯрӣ хоҳари имондорро гирифтам. Ба ҷои 10 дақиқаи муқарраршуда мо дар утоқи ӯ қариб якуним соат мондем. Ӯ ҳамаи телефонҳоро қатъ карда, сухани моро дар бораи Масеҳ гӯш мекард. Ва баъд гуфт: „Афсӯс, ки ин ганҷ аз назди мо гузаштааст. Ана ман вазири фарҳанг ҳастам, вале аз иқрор шудан шарм мекунам, ки рӯҳонияти ман фақат дар сатҳи Библияи бачагона аст, вале Библияи ҳақиқиро ман намефаҳмам. Ана бо мо чӣ кор карданд!“ Ӯ барои сӯҳбат бисёр миннатдорӣ кард ва вақте ки мо аз утоқ баромадем, ҳайати бисёрнафараи вакилони хориҷӣ, ки дар қабули вазир интизор буданд, бо ҳайрат ба мо нигоҳ карданд, гӯё ки мепурсиданд: „Чӣ тавр шумо тавонистед ӯро чунин ҳавасманд кунед?“ Ҳар як ҷон дар замин ҳақиқӣ ва абадиро ҳис мекунад ва ба назди он рафтан мехоҳад. Кӣ намехоҳад хушбахт бошад? Вале хушбахтӣ ҳамеша на аз берун, балки дар даруни мост. Мо бошем, кӯшиш кардем онро дар гирду атрофи худ ёбем, ва на он қадар муваффақ шудем. Кӯшиш мекарданд, ки аз сари бечораи мо тамоми зинда ва абадиро бароранд. Салтыков-Щедрин дар ҳикояи „Воблаи хушкшуда“ инро моҳирона қайд кардааст. „Вобларо гирифта, дарунашро тоза карданд ва бо ресмон овезон карда дар офтоб монданд: бигзор қоқ шавад. Як-ду рӯз вобла овезон буд ва дар рӯзи сеюм пӯсти шикамаш ҳам ҷинҷак шуд, сараш ҳам қоқ шуд, мағзаш ҳам шамол хӯрда пажмурда шуд. Ва вобла зиндагӣ мекард ва рӯз мегузаронд. «Чӣ хел хуб аст

ин, — мегуфт воблаи хушкшуда, — ки маро чунин муоличa карданд! Акнун ман на фикрҳои зиёдатӣ дорам, на ҳиссиёти зиёдатӣ, на виҷдони зиёдатӣ — ҳеҷ чиз намешавад! Ҳамаи зиёдатиро аз ман шамол дода тоз карданд ва қоқ карданд ва ман осонакак ва оҳистаякак гапи худро мегузаронам! Асосаш, — таъкид мекард вай, — ҳеҷ кас ягон чизро нафаҳмад, ҳеҷ кас ягон чизро гумон накунад, ягон чизро надонад, ҳама мисли майзадаҳо гарданд!»"

Барои тартиботи тоталитарӣ ҳама вақт ғуломон даркор буданд, ки дар ҳароси доимӣ ва фақат „аз оғилхона ба ордоба" зиндагӣ мекунанд. Ғамхории муҳими мамлакати мо бо ягон чиз моро машғул кардан буд, то ки мисли майзадагон зиндагӣ карда, дар бораи ягон чизи боло фикр накунем. Дар ин ҷо ягон чизи нав нест, таърих такрор мешавад. Фиръавнро ба ёд меоварем, ки ғуломони яҳудиро роҳ додан намехост, то ки рафта ба Худои худ дуо кунанд. Фиръавн қарор дод, ки ин аз бекорӣ аст ва гуфт: "Онҳо бекор ҳастанд, барои ҳамин ҳам фарёд мезаданд: «Меравем, барои Худои худ қурбонӣ мекунем». Ба онҳо бисёртар кор диҳед, то ки онҳо кор кунанд ва гапи беҳуда назананд". Агар Худо набошад, пас на ҷовидонӣ ҳаст ва на маънои зиндагӣ. Пас В. Розанов ҳақ аст: „Кирмак кирмакро таваллуд кард. Кирмак мехазид. Баъд мурд. Ана зиндагии мо!" Одами танҳо бо дасти бераҳми тақдири шум, ба фазои яхбандшудаи қаъри коинот партофта шуда, бе ягон мақсад тамоми зиндагии худ азобу уқубат мекашад ва баъд ба нестӣ меравад. Вале мо дар замири дил ҳис мекунем, ки ин бояд чунин набошад. „Мо ҳис мекунем ва медонем, ки мо абадӣ ҳастем" (Спиноза). Мо дарк мекунем, ки зиндагии мо бояд ягон мақсад дошта бошад, мо барои чизе зиндагӣ мекунем, пас Касе ҳаст, ки моро офаридааст.

Фикрҳо дар бораи ҷовидонӣ аллакай дар айёми кӯдакӣ ба сари мо меоянд. Ман ҳанӯз хеле хурд будам, вақте ки бори аввал маргро дидам. Ман аз калонсолон мепурсидам: „Барои чӣ ин амакҷон мисли санг аст, хобидааст ва намеҷунбад? Акнун бо ӯ чӣ мешавад?“ Ба ман ҷавоб доданд, ки ӯро дар хок мемонанд. Ман боз пурсидам: „Ва ӯ кай бармегардад?“ Ва ман ҷавобе шунидам, ки маро дар ҷоям беҳуш карда монд: „Ҳеҷ гоҳ“. Ман ҳамон дам инро ба худ кашидам: вақте ки ман мемурам, он гоҳ дигар барнамегардам. Ва ман дар синни панҷсолагӣ бо шавқи тамом рақамҳоро омӯхтан сар кардам, аввал то даҳ ва баъд фақт калонҳоро: сад, ҳазор... ва ҳатто калимаи „секстиллион“-ро аз ёд кардам, ман мехостам ҳама чизро донам, кадом рақам бо калимаи „ҳеҷ гоҳ“ мувофиқат мекунад. Вале ба ман гуфтанд, ки баъди секстиллион дигар ягон чиз нест.

Дар оила гумон мекарданд, ки шояд ман математики бузург мешавам, вале фақат дили хурди ман медонист, барои чӣ ин рақамҳо ба он даркоранд. Ман дар ҷои тоқа пинҳон шуда, ангуштонро нимшикан карда ҳисоб мекардам, вақте ки ман мемурам, чанд вақт мегузарад. Ва чӣ тавре ки ҳоло ёд дорам, вақте ки ҳамин „секстиллион“-ро талаффуз мекардам, ман ҷовидониро медидам. Он ранги осмонӣ дошта, дар он зиндагии аҷиб аст, вале ман дар он ҷо нестам, чунки маро чунин ёд доданд ва ман ашки сӯзон рехта, инро дар дунё ноҳақии калон ҳисоб мекардам. Чанд бор ман ангуштонро чунин қат мекардам, ва ҷовидонӣ маро фиреб надод. Он ҳамеша ба ман зоҳир мешуд — чунон осмониранг, боазамат, ором ва хеле зебо менамуд. Ман ҳеҷ гоҳ ин сирро ба ягон кас намегуфтам, он барои ман чунин муҳим буд, ки ман гумон мекардам, калонсолон бо „ҳеҷ гоҳ“-и худ ҷовидонии осмониранги маро

намефаҳманд ва метавонанд онро озор диҳанд. Ман боварии комил дорам, ки агар мо метавонистем ҳамаи таассуроти бачагии худро ба ёд оварем, бисёр чизҳои аҷоибро медидем. „Танҳо ҳаёт дар худ сохтан тавон — дар дили ту як ҷаҳон андешаҳои пурасрори дилрабо ҳаст...“ (Ф.И. Тютчев).

Ҳар як ҷони одамӣ беихтиёрона кӯшиш мекунад, ки ба ҳамон қуввваи пурасрори даркнашавандае баргардад, ки аз он баромадааст. „Чуноне ки оҳу ба ҷӯйборҳои об рағбат дорад, рӯҳи ман ҳам ба назди Ту майл дорад, Худоё!“ Ин талаботи доимии рӯҳи одамӣ барои ҳамроҳшавӣ бо Худо метавонад бо дуо ва мутоилаи Навиштаи Муқаддас таскин ёбад. Дар онҳо рӯҳ ҳузури Худоро ҳис карда, бо эҳтироми зиёд, мабҳутӣ ва хурсандӣ пур мешавад. „Худовандо! Навиштаи Муқаддас — чӣ китобест, чӣ хел мӯъҷиза ва чӣ гуна қувва дар он ба одам дода шудаанд! Ва чӣ қадар асрори ҳалшуда ва ошкоршуда“ — хитоб мекунад Ф.М. Достоевский.

Як шахсе, ки ба тамоми динҳо, хусусан ба динҳои шарқӣ ҳавас дошт, дид ки дили ман беқарор аст ва нафаҳмида чизеро меҷӯяд, ба ман хондани Китоби Муқаддасро маслиҳат дод. Худаш онро ягон бор нахонда буд ва онро гӯё дар омади гап гуфт. Вале ин ба дили ман нишаст ва ман Китоби Муқаддасро мекофтам. Ин ду сол пеш аз бозсозӣ буд. Вале дар ягон ҷо Китоби Муқаддасро харидан мумкин набуд, ҳатто дар бозори „сиёҳ“ ҳам. Ва ман хуб ёд дорам, ки бо чӣ қадар мушкилӣ понздаҳ сол пеш дар калисое ки дар тангкӯчаи 2–юми Обыденский буд, аз зане ки дар пешдӯкон шамъ мефурӯхт, ин китобро харида гирифтам. Баъдтар ман фаҳмидам, ки вай профессор, олими машҳур будааст ва илмро монда ба калисо рафтааст. Вай Китоби Муқаддасро пинҳонӣ ба ман дод, то ки ягон кас набинад ва ман барои он

якуним моҳонаи худро додам. Баъд боз якто харидани будам, аммо онро дар ягон ҷо ба даст овардан мумкин набуд. Ва вай ба ман маслиҳат дод, ки ба нашриёти Патриархияи Москва мурочиат кунам.

Ба он ҷо рафта дидам, ки дар гузаргоҳ турникет аст ва милитсионер рухсатномаҳои ҳамаро тафтиш мекард. Ман албатта пай бурдам, ки маро дар ин ҷо ягон кас интизор нест. Вале ногаҳон милитсионер ба тарафи дигар ҷалб шуд ва ман ёд надорам, ки чи тавр ба дарун даромадам. Гӯё ки касе маро бурда гузаронд. Дар роҳрав марди бо либоси гражданиро пурсидам, чи тавр Китоби Муқаддасро харидан мумкин аст, ва ӯ ба ман мегӯяд: „Э, шумо чи мегӯед, ман дар ин ҷо чанд сол кор мекунам, вале худам ҳам надорам! Ва умуман, гражданка, шумо чи тавр ба ин ҷо омадед?“ Ман аз тарс чизи нофаҳмое ба ӯ гуфта, ба ошёнаи дуюм шитофтам. Қарор додам ягон каси рясапӯшро ёбам, чунки ба одамони одди наздик шудан аллакай хатарок буд. Вале дар он ҷо тамоман одамон набуданд, балки витринаҳои хеле бисёр бо либосҳои зарҳали рӯҳониён ва асбобу анҷоми калисо. Нохост дар яке аз дарҳои нимкушод одамеро бо рясаи сиёҳ мебинам. Ман бо суръат дарро кушода, рясаро қапидам ва гуфтам: „Ба ман Китоби Муқаддас даркор!“ Котиба шитобон омада, маро аз ӯ ҷудо кардан мехост, вале ман сахт меқапидам. Он гоҳ ин шахс бо риши сафеди дароз, меҳрубонона ба ман гуфт: „Ғам нахӯред, шумо Китоби Муқаддасро меёбед“. Ман ӯро пурсидам: „Кай?“ — ва ӯ мад кашида ба ман ҷавоб дод: „Ҳо-з-зир“, ва коғазеро ба ман навишт, ки бо он Китоби Муқаддасро дар он ҷо бо си сӯм харидам, ки ҳафт бор аз Китоби Муқаддаси аввалаи ман арзонтар буд.

Баъдтар ман фаҳмидам, ки ин нитрополит Питирим будааст, мудири нашриёти Патриархи. Ӯ ба ман бо ҳайрат нигоҳ мекард ва мепурсид, ман кистам,

аз кучҷоям, ва дар охир дуо кард. Ман аз он ҷо баромада, роҳро чапғалат дода мерафтам. Дар он ҷо маро чунон ба ваҳм оварданд, ки баъд тамоми вақт чунин менамуд, ки маро поида гаштаанд. Вале он вақт чӣ гуна хушбахтӣ буд: Китоби Муқаддасро ёфта ба бародар тӯҳфа кардан! Ӯ то ҳоло онро хонда истодааст. Ман боварӣ дорам, ки Китоби Муқаддас, мисли буттаи хордор дар воқеа бо Мусо, даргирифта истодааст ва намесӯзад: ҳам дар маънои асл ва ҳам маҷозӣ. Чанде пеш ман дар деҳаи худ барои як қазоқ дар бораи Масеҳ нақл мекардам. Мехостам Инҷилро ба ӯ тақдим кунам, вале ӯ гуфт: „Ман аллакай дорам. Аз назди хонаи амакбачаат гузашта, ман дидам, ки дар кӯча тӯдаи калони ахлот месӯзад. Мӯъҷизаро мебинам: тӯда месӯзад, вале китоб дар даруни он намесӯзад. То охир истода, ман ин китобро гирифтам ва дар он навишта шудааст: «Аҳди Ҷадиди Худованди мо Исои Масеҳ». Гарчанде ки ман мусулмон ҳастам, вале боварӣ дорам, ки китобе дар оташ намесӯзад, муқаддас аст. Ана акнун дар полиз харбузаро нигаҳбонӣ карда, онро мехонам, ва он ҳамеша дар зери болишти ман аст“.

Он гоҳ ман ба назди амакбачаи худ рафтам. „Хайр — фикр кардам ман, — ҷонакам, модоме ки китобҳои ман дар ту намесӯзанд, ман боз яктои дигарро ба ту медиҳам“. Ӯ бошад сахт муқобили Масеҳ буд ва барои ҳамин ҳам Инҷилро ба оташ партофтааст. Онҳо ҳашт бародаранд, падару модарашон аз дунё гузаштаанд ва бисёрии писаронашон ҳанӯз зан нагирифтаанд. Зангирӣ дар ин ҷоҳо осон нест — қалин даркор аст. Бе қалин арӯсро ягон кас намедиҳад. Ва инак Худо боз маро бо Инҷил ба назди ӯ фиристод. Ва ӯ ба ман мегӯяд: „Чаро ту ҳама фақт ба ман Масеҳ ва Масеҳ мегӯӣ? Ин Масеҳи ту арӯсро ба ман дода метавонад?“ „Метавонад, —

мегӯям. — Биё дуо мекунем“. Мо дуо кардем. „Хайр, — ҳангоми хайрухуш ӯ ба ман гуфт, — агар диҳад, ман ба Масеҳи ту бовар мекунам“. „Хайр бин, — мегӯям ман, — ту ваъда додӣ, фаромӯш накун“.

Баъди якчанд моҳ омадам, ва ӯ хушбахтона ба пешвози ман давида фарёд мезанад: „Медонӣ, ҳаст, Масеҳ ҳаст, ҳақиқатан ҳаст! Ӯ ба ман ёрӣ дод, арӯсро ба ман фиристод! Ту беҳуда дуо накардӣ!“ Ҳамаи шароитҳоро ба назар гирифта, ман мегӯям, ки ин ҳақиқатан мӯъҷиза буд. Ва аз ҳама беҳтараш дар бораи ин ӯ худаш медонист, барои ҳамин ба ваъдаи худ вафо кард ва акнун вақте ки ман меоям, ҳамеша ба ман мегӯяд, ки Китоби Муқаддасро мехонад. Ана бо сӯзонандагони Каломи Худо чунин мешавад: онҳо бо қаҳр Навиштаҳоро ба оташ мепартоянд, вале Худо ба онҳо бо муҳаббат ва меҳрубонӣ муносибат мекунад, ва боз орзуҳои деринаи онҳоро иҷро мекунад!

Зани эронӣ дар деҳаи ман бо алам ба ман нақл мекард, ки ду сол пеш шавҳараш аз вай рафтааст, ва дар оила ду кӯдак ҳастанд, зиндагӣ кардан мушкил аст. „Агар ман ин китобро бигирам, шавҳарам бармегардад?“ — мепурсид вай. Зоҳиран, вай дар бораи ягон чизи дигар фикр кардан наметавонист. Ба ӯ чӣ гӯям? „Бармегардад, — мегӯям, — бигир“. Ду ҳафта ҳам нагузашта, вай маро ёфт ва аз дастам гирифта ба хонааш бурд, ки дар он ҷо шавҳараш ҳамроҳи писаронаш менишаст, ва баъд маънидорона Инҷилро дар зери болишт нишон медиҳад ва мегӯяд: „Дар ҳақиқат ҳам ёрӣ дод“. Ман ба ӯ мегӯям: „Медонӣ, ин тӯмор нест, ин Каломи зиндаи Худо аст. Онро хондан даркор аст“. Одатан ҳамин тавр, Худо ба назди баъзеҳо ба воситаи барбодравии умеду орзуҳо ва ба дигарон ба воситаи хурсандӣ меояд. Ӯ ҳамеша дар назди мост: „Худо ҳар соат тайёр аст,

вале мо тайёр нестем; Худо ба мо наздик аст, вале мо дур ҳастем; Худо дар ботин аст, вале мо зоҳирем; Худо дар хона аст, вале мо бегона ҳастем“ (М. Экхарт). Дар воқеаҳое ки ман овардам, чунин мӯъҷизаҳо дар ҳаёти ҳар яки мо дучор мешаванд, вале афсӯс, ки медавем, саросема мешавем ва чунон зиёд овора мешавем, ки Офарандаро ба таври ҳақиқӣ миннатдорӣ кардан ҳам вақт нест! Мисли ҳамон воқеаи Инҷил, вақте ки Масеҳ даҳ махавиро шифо кард ва фақат як нафар баргашта ба Ӯ миннатдорӣ кард.

Як тоҷик бо номи Ӯлмас аз Фарғона ба ман нақл кард, ки ӯ дар Афғонистон хизмат кардааст. Вақте ки онҳо аз ҷанг бармегаштанд, аскари рус Инҷили хурди Юҳанноро ба ӯ тақдим кардааст. Ӯлмас дар хона китобро хонд ва чизи хондагӣ ба дили ӯ таъсири калон кард, хусусан Ваҳй дар бораи он ки Масеҳ Писари Худо аст. Зеро дар ислом Масеҳ фақат ҳамчун пайғамбари бузург ба ҳисоб меравад. Ана чиро Улмас ба ман нақл кард: „Боре, шаб дар кат хобида, ман овозеро шунидам: «Ӯлмас, бихез, тавба кун!» Ман нахобидам ва қарор додам, ки ин ҷӯраҳои ман дар зери тиреза нишаста, маро масхара мекунанд. Ба кӯча баромадам, вале ягон кас набуд. Боз омада хоб кардам ва боз ҳамон овоз: «Ӯлмас, бихез, тавба кун!» Ва ҳамин тавр се бор. Аз тарс сари худро бо кӯрпа пӯшонда то саҳарӣ меларзидам“.

Падари Улмас мулло буд, ӯ ба бачагон дуо ва иҷрои расму оини исломро ёд медод. Рӯзҳои муайяне ҳастанд, ки дар онҳо мусулмонон то ғуруби офтоб дар қабристон дуо мекунанд ва ҳамаи пайғамбаронро ба ёд меоваранд. «Ман дар қабристон ба зону нишастам, — нақли худро давом дод Ӯлмас, — ва ба ҳамаи пайғамбарон дуо мекардам. Вақте ки навбат ба Исо-пайғамбар расид, ин китобчаи хурд — Инҷил ба ёдам омад. Ман гуфтам: „Ман боварӣ дорам, ки Ту,

эй Исо, Писари Худо ҳастӣ“. Ногаҳон мебинам: аз дарвозаи қабристон Исо ба назди ман меояд, дар тан ҳама сафед ва ду фаришта ӯро ҳамроҳӣ мекунанд ва бо забони ӯзбекӣ хитоб мекунанд: „Ҷалол бар Исо, ҷалол бар Исо!“ Вақте ки Ӯ ба ман наздик шуд, ман гуфтам: „Маро бубахш, Исо!“ Ӯ ҷавоб дод: „Туро мебахшам, Ӯлмас“. Ва ҳамин тавр се бор (Чӣ қадар овозе ки он шаб шунидам, ҳамон қадар аз Ӯ бахшиш пурсидам). Ва баъд нардбоне ба осмон пайдо шуд ва Ӯ ба он баромадан гирифт ва он ду фаришта боз хитоб мекарданд: „Ҷалол бар Исо!“ Ман аз қафои Ӯ фарёд мезадам: „Маро ҳамроҳи Худ бигир, Исо!“ Ӯ ба ман рӯ гардонда, табассум кард ва гуфт: „Ман барои ту боз меоям“. Вақте ки ман аз ҷо хестам, чунин сабукиро ҳис кардам, гӯё ман аз ҳаммом баромадаам, ки дар он ҷо як тонна ифлосиро аз худ партофтаам.

Хушбахтона аз қабристон давида ба кӯча баромадам. Аз пеш ҷӯраи тотор меояд, ки бо ӯ ду сол пеш низоъ карда, то ҳоло гап намезадем. Ман худро ба гардани ӯ партофтам, ӯро оғӯш кашидам ва гуфтам: „Ҷалол бар Исо!“ Ба хона омада, ҳамин суханонро дар хона ҳам мегуфтам. Ман ба ғайр аз суханоне ки фариштагон мехонданд, дигар ягон чизро талаффуз кардан наметавонистам. Дар хона қарор доданд, ки бо ман ягон воқеа рӯй додааст ё ки ман нашъа кашидаам. Падарам гуфт: „Ту ҳоло ба ҷойгаҳ даромада хоб кун, саҳарӣ ҳамаашро нақл мекунӣ“. Вале субҳро ман бо суханони. „Ҷалол бар Исо!“ сар кардам. Ва волидайнам пай бурданд, ки бо ман ҳақиқатан чизи ғайриоддие рӯй дода истодааст». Баъдтар ҳамаи оилаи Улмас ва падараш ҳам ба Масеҳ рӯ оварданд.

Ва ана бачаи дигари ҳаждаҳсола — Илёси ӯзбек. Вақте ки ӯ нав имон овард ва дар семинари духафтаинаи библиявӣ дар Тошканд мехонд, ман бо

ӯ шинос шудам. Аз соати нӯҳи субҳ то соати панҷи бегоҳ дарсҳо буданд, соати шаш ӯ ба дӯкон ба кор медавид ва то соати дувоздаҳи шаб кор мекард, ва баъд то соатҳои се-чори шаб вазифаи хонагиро оид ба семинар тайёр мекард ва саҳарӣ боз ба дарс мешитофт. Чунин боэҳтимомии мардуми худро нисбати каломи Худо дида, ман чӣ тавр хурсандӣ мекардам! Ман ӯро пурсидам, ки наздикони ӯ ба имони ӯ чӣ гуна муносибат мекарданд ва оё муқобил набуданд. „Шумо чӣ мегӯед?! — ҷавоб дод ӯ. — Мо дар оила чунин мӯъҷизаро аз сар гузарондем, ки ман онҳоро тез бовар кунондам, ки Исо Худо аст. Боре ман ба хона омадам, ки хоҳарчаи ширмаки ман дар вақти хӯрондан сулфида мурдааст. Вай кабуд шуда мондааст, наздикон дар гирдаш ҷамъ шудаанд ва ман ба назди вай давида, бо овози баланд гуфтам: «Исои Масеҳ — Писари Худо, ягон ҳайвони моро дар ҳавлӣ бигир, вале хоҳарчаи маро зинда кун, Ту ҳама чизро метавонӣ, Ту — Худо ҳастӣ!» Нохост овчаркаи дӯстдоштаи ман дар ҳавлӣ уллос кашид ва бехуд шуда дар пеши остона дароз шуда монд ва духтарак зинда шуд. Ана акнун ҳамаи оила ба Исо дуо мекунад“.

Худо ба ҳар як рӯҳ муносибати махсусе дорад: дар зиндагии як шахс Ӯ як хел амал мекунад, дар зиндагии дигар дигар хел, ва ҳар кас қисмати худро дорад. Вале бадбахтии мо дар он аст, ки мо ҳар гоҳ корҳои Худоро намебинем. Ба хотир меоварам, ки чӣ тавр дар аввали бозсозӣ як мард дар Арбат, дар вақти мавъиза маро пурсид: „Шумо барои зане ки писараш аз Афғонистон барнагашт, дар бораи Худо чӣ мегуфтед? Ана писари ман дар Афғонистон буд ва зинда баргашт. Вале донистан мехостам, зане ки писари ӯ барнагашт, чӣ кор кунад?“ Ба ин чӣ ҷавоб додан даркор? Вале бинед, чунин ҳам мешавад, ки

дар байни тӯдаи на чандон калони шунавандагон зани хурдакаке истода, оҳиста мегӯяд: „Писари ман аз Афғонистон барнагашт, маҳз барои ҳамин ҳам ман имондор шудам“. Он мард аз ҳайрат даҳонашро кушод, чашмонро аз косахонааш бароварда, баъд ким-чӣ сафсата мегуфт, ба монанди ҳамон масале ки „дар полиз алафи бегона ҳасту дар Киев амакӣ“.

Ман ба онҳо нигоҳ карда фикр мекардам: „Худовандо, ин чӣ гап? Яке сиҳат, саломат, сер, писараш зинда мондааст ва ӯ бо мушт ба осмон таҳдид мекунад, носипос ва бохашм аст. Ва дигаре бояд аз ғаму андӯҳ рӯҳафтода ва шикаста бошад, вале вай медурахшад, чашмонаш амиқ ва меҳрубон ҳастанд“. Ба монанди ҳамон масале дар бораи пиразани камбағал, ки марди ҷавоне ба вай гуфтааст: „Худои ту ба ман чӣ даркор? Ӯ ба ту чӣ додааст? Охир ту фақат ду дандон дорӣ?“ Вай дар ҷавоб ба ӯ мегӯяд: „Вой ҷонакам, агар ту медонистӣ, ки ман барои ин ду дандони рӯ ба рӯи ҳамдигар ба Худо чӣ қадар миннатдорам, зеро ман ҳанӯз метавонам себро бигазам. Ва мазаи онро ҳис кунам“. Ин марди ҷавони сиҳат ва саломат, сиву ду дандон дар даҳон дорад ва барои ин бечора дунё нафратангез аст, вале кампири касал фақат ду дандон дорад ва хурсанд буда, ҳамаро чун меҳрубонии бузурги Худо қабул мекунад! Вале ҷавонро ҳама дар пеш аст ва ӯ ҳам ба ҷои ин кампир мешавад ва вайро борҳо ба хотир меоварад.

Ман як шинос дорам, ки 84-сола аст. Соли 1937 вай ҷазо дода шуда, шонздаҳ сол дар лагерҳои сталинӣ ҳабс шуда баромадааст. Тамоми ҷавонияш дар зиндон гузаштааст. Вай мисли бисёр миллионҳо маҳкумшудагони он давра намефаҳмид, ки барои чӣ ҳабс шуд. Номи вай Гюли Фёдоровна аст. Вақте ки ба аёдати як хоҳар аз калисои мо ба касалхона рафтам, бо вай шинос шудам. Мо ошно шудем ва

акнун дар муддати чанд сол ман тез-тез ба назди вай меравам. Шавҳари вай наваду ҳафтсола аст, қариб асри пурра, вале ӯ тамоман зеҳни тоза ва хотираи хуб дорад. Гюли Фёдоровна якчанд воқеаҳоро ба ман нақл кард, ки мехоҳам онҳоро ба шумо баён кунам. Гюли Фёдоровна дар лагер дугонае доштааст, ки писари ҳаштсолаи вай — Витя дар хона мондааст. Баъди ҳабси модараш ӯро ба интернат гирифтанд, ки дар он ҷо ӯ тарбияи „махсус“ мегирифт. Ҳар саҳарӣ писарбачаро дар рӯи курсӣ, дар маркази ҳуҷра мегузоштанд, ва ӯ мебоист пеши ҳама мисли қасам, ибораи зеринро такрор мекард: „Модари ман душмани халқ аст ва барои ҳамин вай душмани ман ҳам ҳаст“.

Модараш 20 сол ҳабс шуда баромадааст ва тамоми ин вақт мақсади зиндагии вай якто буд: зинда монда, писари худро ёфтан. Вақте ки вай ба озодӣ баромад, онҳо ҳамроҳи Гюли Фёдоровна ӯро хеле мекофтанд. Ӯро бо меҳнати зиёд ёфтанд: фамилияи бачагонро он вақт дигар мекарданд. Ва инак ҳодисаи хурсандибахш: суроғаи аниқро ёфтанд, дарро занг мезаданд ва марди тахминан бистуҳаштсола баромада мепурсид: „Ба шумо кӣ даркор?“ Модараш бо лабони ларзон ва рангпарида меистод ва ба писараш нигоҳ мекард. „Виктор, — мегӯяд ба ӯ Гюли Фёдоровна — ин модари ту аст“. „А́-а, бепарвоёна ҷавоб дод ӯ — хайр бигзор вай дарояд, вале шумо дар даҳлез интизор шавед“. Баъд аз чанд дақиқа аз хона фарёди ҷонкоҳе шунида шуд. „Ман шитобон ба хона медароям, — мегӯяд Гюли Фёдоровна — ва дугонаи худро дар рӯи фарш мебинам, ки ларзида, рагҳояш кашида шудаанд ва дар даҳонаш кафк. „Ту ба ӯ чӣ гуфтӣ?“ — мепурсам ӯро ва ӯ мегӯяд: „Ман ба вай росташро гуфтам: ту ба ман чӣ хел модарӣ? Ту душмани халқ ҳастӣ, пас

душмани ман ҳам ҳастӣ!“ Баъд аз се рӯз вай дар касалхона мурд, дар алоигӯӣ ҳамон як гапро такрор мекард: „Витенка, ман туро ёфтам, Витенка“. Одам 20 соли лагерҳоро тоқат кард: хунукӣ, гуруснагӣ, шабушк, азобҳо ва таҳқирҳо. То миён дар оби хунук даромада банди об месохт, ҳамаро тоқат мекард, чунки медонист: дар куҷое писараш аст, ҷигараки азизаш. Вале писараш бо ягона суханаш вайро кушт.

Одами ҷавони дигар, Олег ҳам писари модари ҷазододашуда, дар синни ҳафтсолагӣ ба назди амаки худ ба Курск роҳӣ карда шуд. Ба таври аҷиб, бо ҷидду ҷаҳди зиёд хоҳари калонӣ писарбачаро аз сағирахона наҷот дода, ӯро ба назди амакаш фиристод ва хабар дод, ки модараш дар Қарағанда, дар ҳабсхона аст. Он вақт ҷанг сар шуда буд. Хоҳараш ба фронт рафт ва амакаш аз тарси ҷони худ барои хеши ҷазододааш писарбачаро ба ҷангал бурд ва ӯро дар он ҷо танҳо партофта монд. Амакаш ба хоҳари писарбача ба фронт навишт, ки додаракаш мурд, ва ӯ ба модараш дар зиндон хабар дод ва модар писарашро навҳа кард.

Вале писарбача зинда монд: дар ҷангал гашта-гашта ба роҳ баромад. Дар ҳамин вақт мошин бо бачагони эвакуатсияшуда омад ва ӯро гирифт. Ӯ дар интернат аз ҳама беҳтар мехонд ва баъди хатм кардани мактаб мудир ба ӯ пешниҳод кард, ки тӯҳфаро интихоб кунад. Ва ин писарбача, ки то он давра аллакай ҷавон шуда буд, гуфт: „Ба ман ба ҷои тӯҳфа пулро барои поезд то Қарағанда диҳед“. Мудир ӯро ба утоқ бурда, оҳиста пурсид: „Барои чӣ ту ба Қарағанда рафтан мехоҳӣ?“ Ҷавон гуфт: „Барои он ки ман мехоҳам модари худро ёбам, вай дар он ҷо дар зиндон аст“. Ва мудир ба ӯ пул дод. Ҷавон ба мағоза рафта, ба ҳамаи карточка нон харид

(нонро он вақт бо карточкаҳо медоданд). Зани дар навбат истода пурсид, ки барои чӣ ба ӯ нони бисёр даркор аст, ва маълум шуд, ки вай дар як зиндон бо модари ӯ буд, ҳатто якҷоя дар тахтакат хобидаанд. Он вақт дар Қарағанда садҳо ҳабсхонаҳо буданд, марди ҷавон суроғаи аниқро намедонист ва бе ин зан ӯ модари худро ёфтан наметавонист. Вале пешаи Худо бузург аст ва ҷавон бо суроғаи дуруст ва нон дар бағал, ба Қарағанда рафт.

Ва инак ба модараш хабар медиҳанд, ки дар гузаргоҳ ҷавони тахминан бистсола вайро мепурсад. Вай ягон чизро гумон накарда мебарояд ва ҷавони ношиносро бо чашмони фуроварда мебинад. Вақте ки вай ба ӯ наздик шуд, ӯ пораи нонро аз бағал бароварда ба дастони вай дароз кард ва чашмонашро бардошт. Чашмони шавҳараш ба вай нигоҳ мекарданд. Модараш писари худро шинохта фарёд зад ва бехуд шуда афтид.

Ин тамоман воқеаи дигар аст ва охири дигар дорад — дурахшон ва хурсандибахш. Одамон ҳар хеланд ва ҷавонон ҳам ҳар хел. Вале ҳамон марди ҷавоне ки модари худро кушт, акнун чӣ тавр зиндагӣ мекунад, вақте ки ҳамаи ҳақиқат дар бораи он давра ва дар бораи ватандӯстии бардурӯғи мо ошкор шуд?! Ба ӯ раҳми кас меояд, ӯ ба талафи мудҳиш дучор шуд. Бе ёрии Худо ва бахшоиши бузурги Масеҳ баъди чунин ҳодиса метавон фақат мастигарӣ кард, худро ба дор кашид ё ҳатто девона шуд.

Одам махлуқи хеле аҷоиб аст: метавонад бо як сухан ҳалок гардад, вале қобил аст мушкилиҳои зиёдро ҳам аз сар гузаронад. Гюли Фёдоровна ба хотир меовард, ки дар лагер одамони гуногун ва хеле бомаҳорат буданд. Масалан, ҷавоне аз немисҳои Поволжие, навозанда, ки дар лагер панҷаи дастони ӯро шикастанд, бо панҷаи дастони маъюбшуда чунон

гитара менавохт, ки вай дар зиндагияш ба монанди ин ягон чизро нашунидааст. Илова бар ин, пеш аз навохтан, ӯ панҷаҳои худро дар оташ гарм мекард, то ки онҳо андаке мулоимтар шаванд.

Ва инак сарнавишти дигар. Профессори донишгоҳи Киев Есфир Соломоновна шабона дар тахтакат тамоми Диккенсро оҳиста-оҳиста аз ёд мехонд. „Вале ман бошам, — мегӯяд Гюли Фёдоровна, — он вақт бо роҳи ошнобозӣ барои миқдори зиёдатии ҷави нопухта аз ҳоҷатхона сатилҳои вазнинро мекашидам“. Есфир Соломоновна он вақт яке аз навовардагон буд ва боре ба ман гуфт: „Гюли Фёдоровна, охир шумо рассом ҳастед, шумо чӣ кор карда истодаед, барои лаганчаи ҷав ин корро карда шарм намекунед?“ „Баъдтар мефаҳмед“ — ҷавоб додам ба вай. Чанд муддат гузашта, Есфир Соломовна аз ман хоҳиш кард, ки бо ягон кас гап зада ӯро ҳам дар ин ҷой ба кор гиранд. Ман маслиҳат кардам ва ӯро гирифтанд ва бегоҳӣ баъд аз кор ба ӯ мегӯям: „Есфир Соломовна, шумо чӣ хел шарм намекунед, ки аз ҳоҷатхона сатилҳоро мекашед, охир шумо тамоми Диккенсро аз ёд медонед?“ „Хӯрдан мехоҳам“ — дар ҷавоб шунидам ман.

Худи Гюли Фёдоровна ҳам дар зиндон ба Худо рӯ овард, вақте ки аз касалӣ қариб мемурд. Ба кор рафтан даркор буд, то миён ба оби хунук даромада, дарбанди обро месохтанд. Дугонаҳояш вайро бо худ бардошта, ба кор мебурданд, чунки дар баракҳо чунинҳоро мепарронданд, аз сохтакориҳо метарсиданд, то ки ягон кас фирор накунад. „Ва ман бошам, — мегӯяд, — ба ин банд нигоҳ мекунам ва фикр мекунам: ана рӯзи охирини ман ҳам омад. Ҳамин ки ба ин оби яхин медароям, ҳамон дам мемурам. Ба осмон назари охирин афкандам ва якбора аз тамоми самими қалб дили ман фарёд мезанад: «Худовандо,

агар Ту ҳастӣ, чунон бикун, ки ин дарбанд вайрон шавад!» Ва дар пеши чашми ҳамагон об фаввора зад! Дарбандро дар лаҳзаҳои башумор об бурд ва ҳамаро ба барак баргардонданд. Ба туфайли ин ман зинда мондам ва аз он вақт қатъиян медонам, ки Худо ҳаст“.

Кадом қувваи ниҳонӣ одамро водор мекунад, ки дар ҷаҳони пур аз азоб ва бадӣ зиндагӣ кунад? „Дунё чуноне ки ҳаст, ҳама зиндон аст, ҳама касалхона ва ҳатто хона барои касалиҳои рӯҳӣ, ҳама қабристони одами мепӯсида, ки дар он ҷо фақат марг ҷовид аст“ (В.Ф. Марцинковский). Ин иштиёқи бузург ва даркнашавандаи одамӣ барои ҳаёт бешубҳа атои Худо аст. Ва бисёр вақт зиндагии мо бо мусибатҳо ва бадбахтиҳо мегузарад. Одам ҳатто дар дами марг буда, лекин ба таври аҷиб зинда мемонад. Ҳар яке аз мо ақаллан як бор инро аз сар гузарондааст. Вале афсӯс, одам барои некӣ хотираи кӯтоҳ дорад. Дар аввал ба ҳама мегӯяд, ки фақат Худо ба ӯ ёрӣ дод, ба калисо медавад, шамъҳоро мемонад ва баъд дар бораи ин чун тасодуфи нек ёдоварӣ мекунад. Чӣ хеле дар халқ мегӯяд: „Ҳангоми хатар сӯи Худо рӯ меорем, ва чун хатар гузашт — Худо ҳам даркор нест“.

Ман чунин одамонро вохӯрдам, ки ҳам ғарқ шудаанд, ҳам тарконда шудаанд ва боз чиро аз сар нагузарондаанд — дар ҳайрат мемонӣ, чӣ тавр зинда мондан мумкин аст! Дар ҳақиқат, танҳо бо мӯъҷизаи Худо. Мисоли равшан барои ин — ҷияни ман Саид, писари даҳсолаи бародари дугоники ман, ки шубон дар Ӯзбекистон аст. Дар ҳудуди мактаб, дар хоначаи электрикӣ, ҷараёни электрикии шиддаташ даҳ ҳазор волт ӯро зад. Бачаҳо бозӣ мекарданд, хонача кушода буда, Саид ба он ҷо даромадааст ва бачаҳо дарро пӯшонданд. Аз тарс ӯ

симҳоро қапид. Таркиши калоне ба амал омад. Писарбачаи сип-сиёҳгаштаро ба касалхона (реаниматсия) бурданд. Баъдтар духтури навбатдор ба хотир меоварад, ки он вақт ӯ фақат як чизро мехост: то ки ин кӯдак то саҳарӣ намурад, ва „навбатдориро бе мурдан супорад“. Вале бо шарофати Худованд писарбача ҳанӯз ҳам зинда аст, гарчанде ки якчанд реаниматсия ва ҷароҳиро аз сар гузаронд. Ин шаҳодати бузурги қудрати Худо барои бисёр одамон буд, хусусан дар касалхона. Дар аввал дасти ӯро бурида гирифтан мехостанд, баъд ангуштро, вале дар натиҷа тамоми даст бо ангуштонаш монд, гарчанде ки панҷа каме хам гаштааст. Вале ӯ бо он ҳама корро мекунад ва ҳатто турникбозӣ ҳам мекунад. Ба туфайли ин воқеа аз он вақт бисёриҳо дар касалхона дар бораи Худованд фаҳмиданд, Каломи Худоро гирифтанд ва ман боварӣ дорам, ки барои баъзеи онҳо зиндагии нав сар шуд.

Ман намедонам чӣ мешуд, агар ба он ҷо кӯдаки дигар меафтод, ӯ зинда мемонд ё не. Зеро хонача кушода буд ва ягон кӯдак як рӯз не як рӯз ба он ҷо медаромад. Тасодуфӣ нест, ки ин қуръа ба писари волидони имондор афтид ва ӯ зинда монд, чунки калисо барои ӯ шаб то рӯз аз ҷо нахеста, дуо мекард. Барои шаҳодати қудрати Худо ӯ зинда монд, ки он ба имондорон худро зоҳир мекунад, вақте ки онҳо бо дуо ба Худо муроҷиат мекунанд.

Худои ман — Худои зулмдидагон,
Худои бо хун сурхшуда,
Худо — Одам ва бародар бо ҷони осмонӣ, —
Дар пеши азият ва муҳаббати ту
Сари худро бо илтиҷои оташин хам мекунам...

*(С.Я. Надсон, „Ба Худо — Одам“)*

Чунин ҳодиса бо писари шубони дигар аз Краснодар, Семён Бородин рӯй дод, ки ӯ падари ҳафт кӯдак аст. Писари ҳафтсолаи ӯро автобуси пури одам пахш кард. Ва шукри Худо, кӯдак зинда монд. Вақте ки роҳ мегардад, мисли мурғобӣ аз як тараф ба тарафи дигар андаке калавида меравад, вале оббозӣ мекунад ва медавад — дуоҳо мӯъҷиза меофаранд! Хизматгорони Худо — мардуми махсус ҳастанд ва онҳо таассуроти махсус доранд. Дар Китоби Муқаддас барои ҳамаи имондорон дилбардорӣ ҳаст: „Дӯстдорони Худоро ҳамаи муваффақиятҳо ёвар аст“. Азоб он вақт маъно дорад, ки худат дигар шавӣ.

Яке аз бародарони ман фақат ба воситаи азобҳо Масеҳро дарк кард, вале дар аввал муқобили ман буд ва ҳатто ба падарам ҳам шикоят мекард, ки ман Масеҳро мавъиза карда, тамоми авлоди моро бадном мекунам. Падарам фикр карда, баъди сукути дароз гуфт: „Мо як Худо дорем“. Ба падари ман, имондори амиқи мусулмон, ин ба назар гирифта мешавад, чунки Масеҳ гуфтааст: „Касе ки муқобили шумо нест, ӯ тарафдори шумо аст“.

Вале баъд аз он ки ин бародари ман ба диабети вазнин гирифтор шуд ва ҷарроҳиро аз сар гузаронд, ӯ бисёр чизҳоро тағйир дод ва дили худро ба Исо дод. Қариб мемурд ва акнун роҳ мегардад. Касалӣ метавонад манфиатбахш бошад, агар ба он муқобилият ва аз он шикоят накунанд, балки ба Худо рӯ оварда онро бо фурӯтанӣ қабул кунанд. „Воҳ! Касалиҳо ба мо чӣ тавр заруранд! Агар азобҳои пурдарди вазнин намебуданд, ман акнун дар куҷо мебудам! Чӣ қадар шахси мӯътабар худро ҳисоб мекардам! Вале ҳар дақиқа мешунидам, ки ба марг наздик ҳастам ва ба маҳорати додаи Худо каме ҳам намеарзам ва ҳамчун ҷинояткори охирин маҳкум карда мешавам... Ҳамаи инро шунида, ман ҳар дақиқа гардан мефурорам ва

суханро намеёбам, ки Пешавари осмонии худро барои касалӣ сипосгузорӣ кунам“ (Н.В. Гоголь).

Дуруст мегӯянд, ки рӯзҳои пайиҳами офтобӣ биёбонро месозанд. Ғаму андӯҳҳо, касалиҳо — аёдати махсуси Худованд аст. Ба воситаи онҳо Худо мехоҳад моро боз ҳам беҳтар кунад, вале хусусан Ӯ мехоҳад дилсӯзӣ ва ҳамдардиро ба мо ёд диҳад. Зеро касе ки худаш аз айёми нокомиҳо гузаштааст, азсаргузарониҳои дигаронро беҳтар мефаҳмад.

Дар вақти мавъиза дар Арбат шахсе ба назди ман омада, ҳикояи пандомезеро аз зиндагии худ нақл кард. Ӯ дар яке аз деҳаҳои Сибир директори мактаб будааст. Занони деҳа аз чоҳи дур об мекашонданд, ки он боз дар поёни теппа воқеъ буд. Хусусан зимистон вазнин буд, вақте ки онҳо бо обкашак дар рӯи нишебии яхбаста афтида, ба поён мерафтанд ва гоҳе захмӣ шуда, хуншор мешуданд. Барои ҳамин обро эҳтиёт мекарданд ва ҷазои аз ҳама вазнин барои занон ҳамин буд, ки шавҳари майзада обро ба кӯча холӣ мекард. Вале модоме ки марди русро ҳушёр тасаввур кардан ба худ мушкил аст, зиндагии ин занон хеле вазнин буд. Дар ин вақт дар ноҳияи ҳамсоя чоҳи нафтро парма мекарданд, ва ин директор коғазҳои „қалбакӣ“ сохт, гӯё ӯ коркуни комиҷроияи ноҳия аст ва гӯё аз „боло“ фармон аст, ки дар ин деҳаи фалокатзада чоҳ бикананд. Коргарон бовар карданд ва чоҳро канданд. Хурсандии занон ҳадду канор надошт! Онҳо мудири худро хеле миннатдорӣ карданд ва ӯро дӯст медоштанд.

Солҳо гузаштанд, ӯ ба нафақа баромад ва ҳамроҳи занаш ба шаҳр рафтанд. Занаш то он вақт касби экстрасенсро аз худ карда бо ҷидду ҷаҳд мардумро „табобат“ мекард, ва ба пули коркардааш хона месохт. Шавҳараш ба вай мегуфт: „Агар ту исрор мекунӣ, ки ин додаи Худо аст, пас чаро барои ин пул

мегирӣ? Ин гуноҳ аст". Гарчанде ки ӯ ягон бор Китоби Муқаддасро нахондааст, вале ботинан ҳис мекард, ки агар бе пул гирифт, пас бе пул ҳам додан даркор. Бо ин гапҳо вайро хаста кард ва занаш ӯро ҳай кард. Ба назди бародари майпарасташ рафт ва ӯ баъд аз як моҳ гуфт, ки гӯё вай чизеро дуздидааст, ва вайро ҳай кард. „Ман дар кӯча истода, — мегӯяд ӯ; — фикр мекунам: акнун ба куҷо меравам? Дигар наздикон нестанд. Оё шумо медонед, ки ин чист, вақте ки одам ягон ҷои рафтан надорад?! Ва якбора ба ёдам омад, ки фақат ба он ҷое рафтан даркор, ки дар он ҷо некӣ кардаӣ: дар он ҷо туро ёд доранд ва интизоранд. Ва дар ҷое ки бадӣ карда зиён овардӣ, дар он ҷо туро чунин интизоранд, чуноне ки саг калтакро".

Ва ӯ ба назди ин занон рафт. Ва онҳо ӯро фаромӯш накарда буданд, хурсанд шуданд, гӯшаи хилвате ба ӯ доданд. Ҳамин тавр дар назди онҳо зиндагӣ мекунад.

Барои ҳама мавҷудоти
сокини замин
Ман ба қонуни бақои ашё
боварӣ дорам:
Чизе бе ному нишон нест
намешавад...
Барои ҳамин, некӣ
ҳамон чизест,
Ки агар ту онро ба наздикат
дода бошӣ,
Ба ту дар ҷавоб бармегардад.

*(Н.К. Доризо)*

Накӯкорӣ қувваи бузург дорад. Гюли Фёдоровна ба ман нақл кард, ки вақте вайро ба зиндон гирифтанд,

вай фақат пораи собуни хушбӯйро гирифта тавонистааст, барои хотираи модар, вале онро истифода накарда, эҳтиёт мекардааст. Ва фақат баъзе вақтҳо, пинҳонӣ, вақте ки ягон кас вайро намедид, онро мебаровард, то ки бӯй карда дар бораи хонааш ёд кунад.

Дар зиндон Машкаи бераҳм буд, ки борҳо барои куштор менишаст. Ва ин Машка фарёд мезанад: „Занакҳо, кӣ собун дорад? Бидиҳед — духтараки ифлоси ҳамааш захмдорро оварданд, шустан даркор!“ Охир, кӣ дар чуни шароити вазнин, пораи собуни қиматбаҳои худро медиҳад? Оромӣ — ҳама хомӯшанд. Гюли собуни бебаҳои модарашро бароварда дод. Ва Машка ба вай мегӯяд: „Хайр духтарак, ман инро фаромӯш намекунам“. Баъди чанд вақт Гюли Фёдоровна касали сахт шуд. Дору тамоман нест, қарор доданд вайро бо спирт бимоланд, вале спирт ҳам нест. Ва вақте ки Машка фаҳмид, ки худи ҳамон касе касал шудааст, ки собунро дода буд, тамоми зиндонро чаппагардон кард ва ҳатто ба тарафи ҳамсояи мардона барои спирт фиристод. Спиртро оварданд, Гюлиро бо он молиданд ва вай ба по хест. Ана некӣ чунин бармегардад. Ва бадӣ ҳам, дар айни замон, „по дорад“. Дар ҳабсхона онҳо назоратчии хеле бераҳм доштанд: ба ҳабсшудагон нони кам медод ва ҳама метарсиданд аз ӯ шикоят кунанд. Вале Гюли ба сардор гуфт, ки нонро медузданд ва ҳабсшудагон гурусна мемонанд. Боре, вақте ки онҳо дар чуқурӣ лойи шуррутро мешӯронданд, назоратчӣ барои қасос чунин сохт, ки Гюли дар чуқурӣ танҳо монад ва дар ин чуқурӣ Гюлиро ғарқ кардан хост. Тасодуфан касе инро дид ва Гюли ба таври аҷиб наҷот дода шуд. Баъди ду рӯз писари ин назоратчӣ касали сахт шуд ва аллакай мемурд. Таъҷилан хун даркор шуд ва илова бар ин гурӯҳи фавқулодда, ба

монанди хуни Гюли. Назоратчӣ дар изтироб давида аз ҳама зорӣ мекард, ки хун бидиҳанд. Вале зиндониён аз бадбахтии вай шодӣ мекарданд ва онро ҳамчун подоши Худо медиданд ва албатта хунро ягон кас намедод. Ва баъди ҳамон воқеа вай ба назди Гюли рафтан ҳам ҷуръат намекард. Вале Гюли худаш рафта, барои кӯдак хун дод ва вақте ки аз утоқи тиббӣ баромад, назоратчӣ дар пеши пойҳои вай афтода онҳоро мебӯсид. Ҳабсшудагон Гюлиро маломат мекарданд: „Барои чӣ ту ба вай ин корро кардӣ? Бигзор кӯдаки вай мемурд, зеро вай туро куштан мехост". „Кӯдак дар ин ҷо чӣ гуноҳ дорад? — ҷавоб дод Гюли. Ӯ айбдор нест, ки чунин модар дорад".

Зиндагӣ ҳамаро дар ҷои худаш мемонад. Гюли акнун зиндагӣ карда шодӣ мекунад, ки кӯдакро наҷот дод. „Чизи аз ҳама беҳтарин дар гузашта ва гузаштаи дур чист? Рафтори хуб ё андаке дурусти худ... Ана ин дар айёми пирӣ чун хати сафеди равшан мехобад, ва афсӯс, ки бо чунин дилбардорӣ ба ин хатҳо бисёриҳо нигоҳ намекунанд... Фақат дар айёми пирӣ дарк мекунӣ, ки «зиндагии хуб кардан даркор буд». Дар ҷавонӣ ин ҳатто ба хотир ҳам намеояд. Ва дар айёми балоғат ҳам намеояд. Вале дар пиронсолӣ хотираҳо дар бораи рафтори хуб, дар бораи муносибати ҳалимона, дар бораи муносибати боадабона — ягона «меҳмони нек» дар «ҳуҷра» (дар дил) аст" (В.В. Розанов).

...Боре дар вокзал ҷавонон аз Чеченистон буданд, онҳоро ба муддати якуним моҳ ба хонаҳояшон ба рухсатӣ фиристоданд. Чӣ тавр чеҳраҳои хаста доранд онҳо! Мондашуда ва камгап буданд, вале Инҷилро ҳама мегирифтанд. Фақат як кас нагирифт ва ба саволи ман гуфт: „Инҷили ман автомат аст ва он маро муҳофизат мекунад". Ин суханон маро ба

воҳима оварданд ва ман аз ӯ хоҳиш кардам: „Писарам, ин хел нагӯй, нашумурда «нӯҳ» нагӯ. Ту ҳоло як соли дигари хизмат дорӣ ва баъди чанд вақт боз ба Чеченистон меравӣ. Шояд мо ягон бор ҳамдигарро намебинем, вале дар лаҳзаҳои вазнин суханонеро, ки дар ин ҷо шунидӣ, ба хотир овар ва Худоро барои ёрӣ талаб кун“. Ман боварӣ дорам, ки дуои ҳар як одам, бигузор ҳатто шубҳакунанда ва дудила бошад ҳам, агар аз самими қалби ӯ баромада бошад, шунида хоҳад шуд.

Бо чунин ҷавонон меҳрубонона рафтор бояд кард, онҳо аз боиси ин ҷанг пурғазаб ҳастанд. Албатта, онҳо савол медиҳанд: „Вале рости гап, барои чӣ бояд ман бимирам? Ана агар барои ягон чизи ҳақиқӣ ва бузург бошад, вале агар ин фақат «корҳо»-и ягон кас ҳастанд, пас барои чӣ бояд ман зиндагии ягонаи худро бидиҳам?“ Вале ҳар як ҷанг ҳамеша „корҳо“-и ягон кас аст ва он ҳеҷ гоҳ сафед карда намешавад. Тамоми моҳияти ҷангро дар гуфтугӯи кӯтоҳи ду аскар баён кардан мумкин аст: „Ҷӯра, барои чӣ ту маро мекушӣ?“ — „Чӣ хел барои чӣ? Охир, ту дар он тарафи дарё зиндагӣ мекунӣ! Агар ту дар ин соҳил зиндагӣ мекардӣ ва ман туро мекуштам, он гоҳ ҳақиқатан кори бад мекардам. Вале ту дар он тараф зиндагӣ мекунӣ, пас ту душман ҳастӣ ва ман қаҳрамонӣ нишон додам!“ Ҳамин тавр бе ягон сабаб одамон душмани ҳамдигар мешаванд. Вале мо ба ин олам барои куштани ҳамдигар наомадаем, балки барои Худоро мушоҳида кардан, Ӯро дӯст доштан ва дӯст доштани одаме ки ба сурат ва шабоҳати Худо офарида шудааст. „Барзагов шох дорад, харгӯш — суръат, нахчир — ҷаҳиши сабук ва чашми тез дорад, ягон ҳайвони дигар қади баланд ва хартум дорад, паррандагон болу пар доранд ва занбӯр неш дорад. Ба ҳар ҷонвар табиат чизеро барои наҷот додааст...

Танҳо одам дар дунё бенаво, бемуҳофизат ва беяроқ аст...“ — андеша мекунад Григорий Нисский, дар рисола бо номи „Чаро одам аз яроқ ва ҳимоя маҳрум аст“. Мо чунин офарида шудаем, чунки одам махлуқи аз ҳама аҷиб ва пурасрори замин аст. Ӯ тамоми оламро дар худ ҷой медиҳад. Сохти тани ӯ ҳам монанди ҳайвонот аст ва мисли тамоми табиат аз ҳамон қисмҳо иборат аст. Вале рӯҳи ӯ нисбат ба тамоми ҷаҳон бузургтар аст: он аз Худо ба вуҷуд омадааст ва барои ҳамин он оқилона ва ҷовидон аст. Рӯҳи одам табиатан ба абадият равона карда шудааст, он наметавонад ба чизе ки ҷисм қаноат мекунад, розӣ шавад, балки ба бузургӣ кӯшиш мекунад. Ин кӯшиш сӯи ҳақиқат, зебоӣ ва некӣ аст. Кӯшиши дур кардани марзҳо ва „аз дутояш якторо сохтан“.

Дар ватани ман акнун марзҳо (сарҳадҳо) пур ҳастанд, яке аз онҳо на чандон дур аз қишлоқи мо сарҳад бо Қазоқистон аст. Ва деҳаи мо ҳам дар давраи ман якчанд бор, гоҳе ба Қазоқистон ва гоҳе ба Ӯзбекистон дода мешуд. Сарҳадро соати ҳашти бегоҳ маҳкам мекарданд. Боре бародари шубони ман ҳамроҳи занаш аз Қазоқистон ба Ӯзбакистон барои ибодат меомад. Онҳо соати ҳафтуним ба сарҳад наздик омаданд, вале он аллакай маҳкам буд, аз пеш панҷ мошини дигар истодаанд, ягон касро намемонанд. Зани бародарам барои фаҳмидани вазъият ба назди посбонони сарҳад рафт. Ва онҳо бетакаллуфона ба вай гуфтанд: „Ба мо ҳамин тавр мефорад ва ана маҳкам кардем! Ва умуман, ту кистӣ, ки мо ба ту ҳисобот диҳем?“ Вай баргашта ба онҳо ғамгинона ҷавоб дод: „Эҳ, агар шумо мефаҳмидед, ки Падари ман Кӣ аст, шумо бо ман чунин гап намезадед“. „Фамилияи ту чист?“ — тавaҷҷӯҳ кард посбон. Аввалан вай аз саволи ногаҳонӣ, ҳатто саросема шуд, вале ҳушёр шуда, фамилияи духтарии

худро гуфт: Руденко. Он гоҳ як марзбон бо ҳаяҷон ба дигаре мегӯяд: „Охир ин прокурори собиқи вилоят аст, тезтар сарҳадро кушоед!“ Аз ҳама аҷибаш он аст, ки зани бародарам тамоман инро намедонист ва мувофиқати фамилияҳо метавонад хандаовар ва чун тасодуф намояд. Вале имондорон тасодуф надоранд. Онҳо дар мошин мерафтанд, ба Худо миннатдорӣ мекарданд, ки ба ибодат дар вақташ расида омаданд ва барои марзбононе ки Инҷилро ба даст оварданд, дуо мекарданд. Ягон вазъият дар зиндагӣ тасодуфӣ намешавад. Худо аломатҳои Худро ба мо мефиристад ва муносибати бомулоҳизаро бо мардум ёд медиҳад. Кӣ медонад, бо суханони мо дар дилҳои касоне ки мо бо онҳо муносибат мекунем, чӣ гуна ҳамдардӣ пайдо мекунанд? Чӣ тавре ки як шоир гуфтааст: „Мо пешакӣ намефаҳмем, ки сухани мо чӣ гуна ҷавоб мегирад“.

Боре ман ба Тошкент парвоз мекардам ва дар фурудгоҳ дар нуқтаи тафтиши шиносномаҳо (паспортҳо), вақте ки паспортқайдкунанда шиносномаи маро медид, ман дар бораи Масеҳ чанд сухан ба вай гуфтам. Вай чашмони тааҷҷубомези пури ашкро ба ман бардошта, дар бораи Худо савол медод. Навбати калоне саф кашида меистод ва ман аллакай худам мехостам сӯҳбатро тамом кунам, чунки дар пеши мардум ногувор аст, вале вай намемонд. Навбатчӣ давида омад, вале чун шунид, ки мо дар бораи чӣ гап мезадем, ягон чиз нагуфт ва рафт. Худовандо, дар дунё чӣ хел қалбҳои талабгор ҳастанд ва бисёр вақт онҳо нозук ҳастанд ва ба онҳо камакак даркор аст — якчанд сухан дар бораи муҳаббати Масеҳ гуфтан! Ин суханони оддӣ нестанд — дар онҳо зиндагӣ аст.

Ман ҳар гоҳ дар вокзал медидам, ки чӣ тавр вазъият дар толор дигар мешуд: дар чунин лаҳзаҳо

ҳақиқатан дигаргуниҳоро дар муҳити маънавӣ ҳис мекунӣ. Ман боварии комил дорам, ки ин аз сухани зиндаи Худо ба амал меояд, ки ба дили мардумон расида, онҳоро аз фикрҳои андӯҳгин, ботилӣ ва нафрат дур месозад. Ва фикрҳои нав, ки бо нури Худо аллакай равшан шудаанд, ин муҳити аҷиби маънавиро месозанд. Ҳақиқатан, фикр материалӣ аст. Инро на фақат ман ва одамони назди ман, балки одамони толор ҳам ҳис мекунанд, ки ҳар гоҳ миннатдорӣ мекунанд ва хоҳиш мекунанд: „Боз ягон чизи дигарро нақл кунед". Вале хеле муҳим аст, ки худи мавъизакунанда дар ҳолати муҳаббат ва оромӣ бошад. Ин хеле аҷиб ба одамон таъсир мекунад. Ҳар гоҳ аз хурсандӣ ва чун аломати миннатдорӣ одамон донак ва шириниро меоваранд ва ҳатто тангаҳои охиринро пешкаш мекунанд. Чанде пеш як шахси овора ба назди ман омад, ки ӯ даҳ сол дар зиндон нишаста буд. Мавъиза ба ӯ чунон таъсир кард, ки намедонист чӣ тавр ҳиссиёти худро баён кунад ва ба ман мегӯяд: „Мумкин, ман шуморо бибӯсам?" „Мумкин" — гуфтам — ва ӯ дар бари рӯям бӯсид.

Бори дигар марде ба назди мо омада гуфт: „Ман шуморо мешиносам, соли гузашта шумо дар ин ҷо мавъиза кардед ва Инҷилро ба ман тӯҳфа кардед. Агар шумо медонистед, ки ин барои мо чӣ буд! Зеро он вақт писари моро кушта дар биёбонҳои Қазоқистон гӯр карданд. Ва мо дар ин вокзал танҳо ва рӯҳафтода менишастем ва дил фақат аз андӯҳ менолид, хоҳиши зиндагӣ кардан набуд. Вале киро ба ин кор буд? Ва якбора мешунавем, ки марг нест. Масеҳ маргро мағлуб кард, дар Ҷолҷолто ин ғалабаро ба даст овард. Наҷотдиҳандаи мо гуфтааст: «Ҳар кӣ ба Ман имон оварад, ҳаёти ҷовидонӣ дорад, ҳар кӣ ба Ман имон оварад, агар бимирад ҳам, боз зинда хоҳад шуд». Ин

суханон моро чунон тасалло доданд, ки рӯҳи мо ҳақиқатан зинда шуд ва акнун мо ҳамеша Инҷилро мехонем. Он ягона дилбардори ҳақиқии мо аст“.

Лекин ҳама қувваҳои заминӣ маҳдуданд:
Вақте ки бадии зиндагӣ ба хашм меояд —
Ва мо монанде ки дар лаби қабр истода бошем,
Якбора вазни гаронеро ҳис мекунем.

Маҳз дар ҳамин вақт бо муҳаббат
Ин китобро ба ёдат биёр —
Ва бо тамоми дилу ҷони худ,
Аз вай баҳра бигир ва оромӣ ёб.

*(Ф.И. Тютчев)*

Чунин ҳам буд, ки шахси ношинос маро дар кӯча ва ё дар метро боздошта мегуфт: „Ман бори гузашта дар Москва будам ва махсус ба Арбат рафтам ва шуморо дар он ҷо бисёр мекофтам, мехостам мавъиза гӯш кунам“. Одамон ҳақиқатро фаромӯш намекунанд, онҳо Каломро меҷӯянд. Боре як шахси ҷавон моро мекофт. Маълум шуд, ки ӯ шайтонпараст буда, чанд моҳ пеш бо гурӯҳи шайтонпарастон ба Арбат омада дар он ҷо ба хашм ва изтироб ба мавъиза халал мерасонд: онҳо шишаҳои шампанро мешикастанд, ким-чиро дар бораи Ницше фарёд мезаданд ва яке аз онҳо бо дандонҳои кушод-кушоди пӯсида ба гӯши ман пичирос зад: „Мо туро мекушем“. Вале мо гуфтанро давом додем, гарчанде ки ин ниҳоят душвор буд.

Ва инак баъди ним сол шайтонпараст Алёша моро ёфта гуфт: „Ман он вақт дар ҳайрат афтидам, чаро шумо аз мо натарсидед, зеро мо бисёр будем ва ба шумо таҳдид мекардем? Ман он гоҳ истода фикр мекардам: «Онҳо чӣ гуна имон доранд, ки аз мо

наметарсанд?» Баъд аз шумо суроғаи калисоро гирифтам, ки шумо онро ба ҳама пешниҳод мекардед, ба он ҷо рафта барои гуноҳҳои худ омурзиш талабидам. Ва инак ба калисо меравам ва шуморо кофтам, то ки миннатдорӣ баён кунам". Чунин шаҳодатҳо, албатта, хеле рӯҳбаланд мекунанд ва қувват мебахшанд.

Ин шайтонпарастон ҳатто қосидро — „сафир"-и худро ба назди ман фиристоданд, ки дуру дароз ва исроркорона маро розӣ мекунонд, ки ба назди онҳо гузарам ва ташкилоти онҳоро роҳбарӣ кунам! Ва шӯҳратро ба ман пешниҳод мекард: „Мо сохти пуриқтидор дорем, шумо чунин обрӯманд мешавед, ки як сухани шумо ҳама чизро арзида метавонад". Бо мисоли ин воқеа ман мехоҳам дигаронро қаблан огоҳ кунам ва нишон диҳам, ки чӣ тавр дилҳои одамонро ба ташкилотҳои бад фирефта карда мебаранд. Ман намедонам, оё ман тавонистам он гоҳ ин марди ҷавонро розӣ кунам, ки ӯ зудтар аз он ҷо бигурезад. Вале „сафирҳо"-ро онҳо таъин кардан метавонанд: ин марди ҷавони зебо буд, бо либоси нағз, нутқи мулоими форам ва чеҳраи некхоҳона дошт. Бовариам ҳам намеомад, ки ӯ шайтонпараст аст. Ҷавонони мо ҳамин тавр ба ин ҷо меафтанд. Онҳоро бо найранг ба воситаи чунин суханон фирефта мекунанд.

Гуфтан даркор аст, ки ба мавъизаи Инҷил қувваҳои бадӣ ҳар гуна халал мерасонанд. Боре дар вақти мавъиза ду мард наздик омаданд. Ва яке аз онҳо, ки қадаш ду метр буд, бо куртаи сиёҳ, намоишкорона аз пеши издиҳом баромад, дастро дароз кард ва бо овози баланд, то ки ҳама шунаванд, ба рафиқи худ эълон карда, ба соат нишон медод: „Сониясанҷро ба кор медароварам, расо баъди ду дақиқа ин зан хомӯш мешавад!" Тамоми издиҳом

диққати худро ба соати ӯ равона карданд ва аллакай ҳеҷ кас маро гӯш намекунад ва ҳама интизоранд, ки чӣ мешавад, зеро ӯ чунин қатъӣ ва дилпурона эълон кард. Он ду дақиқа барои ман ҷовидонӣ менамуданд. Ман навиштаи Муқаддасро аз ёд иқтибос меовардам, оят ба оят ва ин маро наҷот медод. Ва инак ду дақиқа, панҷ ва бештар ҳам гузаштанд. Ӯ аз издиҳом чӣ тавр ночиз ва беобрӯ мерафт! Айнан чуноне ки дар масали Крылов: „Фотимачумчуқ овозаро бисёр кард, вале баҳрро даргирондан натавонист“.

Албатта, дар ҳамаи ин мавридҳо Худо ёрӣ дод. Ҷасорат аз Ӯ аст, вале ба ғайр аз ин Худо ба воситаи одамон амал мекунад. Он вақт духтари ҳабдаҳсола Лена Преображенская дастгирии зиёде ба ман кард, дар паҳлӯ истода дуо мекард. Ман бо ӯ дар Арбат, дар вақти мавъиза шинос шудам. Ором, улфатнопазир, вале дар хизмати хушхабаррасонӣ вафодор буд. Баъдтар вай ҳам дар кӯча мавъиза мекард, ва падари ӯ, профессор, канораҷӯии махсуси духтари худро дониста, ба ин бовар намекард. Ӯ пинҳонӣ ба Арбат омада, дар байни издиҳом пинҳон мешуд ва чӣ хеле ки ӯ баъд иқрор шуд, даҳони худро кушода, духтарашро гӯш мекард. Худо қобилиятҳои аҷоибро ба одамон медиҳад — амалеро иҷро кардан, ки пеш ба ӯ хос набуд. Дар калисои мо аз ҳама фаъол хоҳар Марина аст. Вай парастиши дуокуниро мегузаронд ва доимо бо мардум кор мекард (ҳоло вай ба мавъизагари калисои дигар ба шавҳар баромада, ҳамроҳи ӯ кор мекунад). Марина одами бомаълумот буда, дар донишкадаи ҳуқуқшиносӣ хондааст. То ба Худо рӯ овардан вай аз одамон чунон метарсид, ки ҳатто ҷуръат намекард ба китобхона ҳам занг занад, то ки соати кориро фаҳмад. Ба ҷои ин вай ду соат мерафт, то ки ҷадвали кории китобхонаро дар рӯи дарҳо бинад. Худо вайро тамоман дигар кард!

Барои як кас мавъиза кардан душвор ва каме воҳиманок аст, ёрдамчӣ дар ин вақт — бойигарӣ ва хурсандии зиёд аст! Ва асосаш — ин дастгирии калони дуо аст. Тасодуфӣ нест, ки Масеҳ ба мавъиза ду касро мефиристод. Ҳамин тавр мо дукаса бо Лена бисёр мерафтем ва баъд як духтари ҷавони дигар — Оля Соболева ба мо ҳамроҳ шуд. Ҳамин тавр аз мо гурӯҳи хурди башоратдиҳандагон пайдо шуд. Аҷиб аст, ки инҳо тамоман одамони калисо набуданд, балки ҳамин тавр, бисёр мехостанд дар бораи Масеҳ хабар диҳанд.

Ман ба дигар калисоҳо ҳам мерафтам ва одамонро ба Арбат барои башорат даъват мекардам. Ба назди адвентистон рафтам: мебинам, ки онҳо Китоби Муқаддасро бисёр дӯст медоранд. Ҳама вақт бо қалам ва дафтар, ҳама чизро менависанд. Ин ба ман хеле маъқул шуд. Ман қарор додам, ки онҳо ҳатман ба мавъиза кардан мераванд, чунки босавод ҳастанд ва ҳама чизро медонанд, дар Арбат айнан чунин одамон даркоранд: зеро дар он ҷо мардум ҳама бомаълумот ҳастанд, Москва, ҳар-чӣ бошад. Ба кафедра хатча фиристодам: „Барои чӣ мо дар бораи Масеҳ фақат ба ҳамдигар нақл мекунем? Зеро мо аллакай имондор ҳастем! Биёед ба Арбат равем, он ҷо кришнапарастон Кришнаро бо доираҳо, сурудҳо ва сару либоси махсус ҳамду сано мегӯянд, вале Исои Масеҳи мо — танҳо аст. Ӯро дар Арбат ягон кас таъриф намекунад ва ягон кас дар бораи Ӯ намегӯяд“. Ба ҷавоби хатчаи худ шарҳи воҳиманокеро аз кафедра шунидам: „Мо ба донишкадаҳо рафта мавъиза мекунем, вале агар гап дар бораи Арбат равад, дар ин хусус Масеҳ гуфтааст. «Марвориди худро пеши хукон наандозед»“.

Он гоҳ ман ба назди пантикостҳо рафтам, дар он ҷо пайғамбар ба ман пешгӯӣ мекунад: „Ҷавонро

мефиристам ва пирро мефиристам, вале туро нафиристодаам". Баъд ин пайғамбар, Вася аз Саранск маро мепурсад: „Туро Худованд ба Арбат фиристодааст?" „Фиристодааст, — мегӯям, — зеро Масеҳ гуфтааст: «Инак, Ман шуморо мефиристам... биравед ва Инҷилро мавъиза кунед...»". Вася мегӯяд: „Танҳо ба Арбат нарав, хатарнок аст". Ва ман ҷавоб медиҳам: „Охир, ягон кас намеравад". Ва ӯ ба ман таклиф кард: „Ана ман моҳе як бор мебиёям ва ҳамроҳ меравем". Ва ҳамин тавр як бор ҳам нарафтем.

Ба назди баптистон рафтам. Дар он ҷо Иван Семёнович Гнида Инҷилро таҳлил мекард ва ман мепурсам: „Чаро шумо ҳама таҳлил мекунед? Охир Фисҳ наздик омадааст, мардум дар Арбат сайругашт мекунад, меравем, барои онҳо бихонем: «Масеҳ зинда аст» ва дар бораи Ӯ нақл кунем". Ҷавонон бархестанд, Иван Семёнович моро баракат дод ва рости гап якчанд бор таъкид кард: „Фақат хеле боэҳтиёт бошед". Ман он гоҳ аз ин воҳимаҳо ҳайрон мешудам ва фикр мекардам: „Аҷиб аст, оё ин одамон ба кӯча мебароянд? Мисли он ки онҳо дар сайёраи дигар зиндагӣ мекунанд!" Баъд ман сабаби воҳимаи онҳоро фаҳмидам ва дар бораи он донистам, ки имондорон чӣ қадар чизҳоро аз сар гузарондаанд. Ин воҳима дар қалбҳо хеле чуқур роҳ ёфтааст ва ба ин аҳамият надодан мумкин нест.

Мо он гоҳ ҳамроҳи онҳо як ё ду маротиба ба Арбат рафта будем, баъд онҳо ба ман гуфтанд: „Хафа нашав, хоҳар, ин хизматгузории туст ту худат рафтан гир". Ман озурда нашудам, чунки маҳз дар байни баптистон баъд бисёриҳо ба ман ёрии маънавӣ мерасонданд, ки ин барои ман хеле муҳим буд. Бо миннатдорӣ раиси иттифоқи масеҳиёни баптисти инҷилӣ Василий Логвиненко ва ҷонишини ӯ

Александр Фирисюкро ёд мекунам. Вале миннатдории махсусро мехоҳам ба Алексей Бычков ва Виталий Куликов баён кунам, ки бо муомилаи неки худ нисбат ба ман маро дастгирӣ ва устувор карданд ва шояд дар бораи ин ҳатто намефаҳмиданд. Ва албатта, миннатдории самимии ман ба Миссияи „Равшанӣ дар Шарқ“, ки аллакай даҳ сол бо он ҳамкорӣ мекунам.

Ман боварӣ дорам, ки масеҳиёни ҳамаи конфессияҳо Масеҳро мавъиза мекунанд, чунки калисои Худо дар тамоми ҷаҳон меафзояд, гарчанде ки мо ҳам дар байни худ оштинопазир мешавем, ва ин барои башорат додан халал мерасонад. Шояд латифаро дар бораи он ки чӣ тавр имондоре ба ҷазираи беодам афтодааст, ба хотир овардан бамаврид аст. Хона сохт, полиз шинонд, як калисоро сохт ва баъд яктои дигарро. Баъди бист сол киштие ба назди ҷазира омад. Капитани киштӣ хоҷагии „Робинзон“-и имондорро аз назар гузаронда, пурсид: „Барои ту ду калисо чӣ даркор?“ „Ба ин калисо ман меравам, вале ана ба он намеравам“, — ҷавоб дод „Робинзон“. Афсӯс, ки дар зиндагии масеҳии мо ҳам чунин аст.

Боре ман дар калисои православӣ мавъизаи коҳин Георгий Чистяковро дар бораи Мавлуди Масеҳ гӯш мекардам. Боби дуюмро аз Инҷили Луқо хонда, ӯ гуфт: „Дар ин порчаи кӯтоҳ ибораи «Кӯдак дар дастони Марям» панҷ бор такрор шудааст. Барои бародарони протестант раҳмам меояд, ки Кӯдаки онҳо бе Марям мондааст. Вале барои ману шумо — православҳо, бештар раҳмам меояд, чунки аз мо Марям бе Кӯдак мондааст“. Ва ба саволи шахсӣ аз калисои дигар: „Барои чӣ протестантон ибодати нимрӯзӣ надоранд?“ — ӯ ҷавоб дод: „Чунки тамоми зиндагии протестантон — ибодат аст!“ Ин барои коҳини православӣ ҷасорат буд, вале Масеҳ моро

маҳз бо ҳамдигар ҳамин тавр муносибат карданро ёд медиҳад: „Яке дигареро аз худ бузургтар ҳисоб кунад“. Барои бисёр одамон ба Масеҳ рӯ овардан басе осонтар мебуд, агар дар байни мо, масеҳиҳо, низоъ ва ҷанҷол намебуд. Мавъиза дар бораи Масеҳ, ки барои ҳамаи конфессияҳо як хел аст, ба мо ёрӣ медиҳад, ки аз ин мухолифатҳо халос шавем: Масеҳ барои гуноҳҳои мо ҷон дод, дафн карда шуд ва дар рӯзи сеюм эҳё шуд. Вазифаи калисоҳо — ин хабарро ба тамоми гӯшаҳои дунё расондан аст.

Мутаассифона, қайд кардан зарур аст, ки проблемаи башоратдиҳӣ дар калисоҳо вуҷуд дорад. Ва ман тамоюли аҷиброо дар имондорон мебинам: ҳамчун имондор мо ҳар қадар таҷрибаи зиёд пайдо кунем, ҳамон қадар бисёртар дар худ маҳдуд мешавем, вале бо кадом як сабаб аз башорат дур мешавем.

Вақте ки мо ба Худо рӯ меоварем, мо чунон беқарор ҳастем ва Масеҳро чунон дӯст медорем, ки мехоҳем дар бораи Ӯ барои тамоми ҷаҳон нақл кунем. Ва чунин менамояд, ки ин хоҳиши хурсандона ва мафтункунандаи дил, барои башорат дар бораи Касе ки „зеботарин писари одам аст“, ҳеҷ гоҳ намегузарад. Ва мо ҳамроҳи подшоҳ Довуд хитоб мекунем: „Дар осмон барои ман Кист? Ва бо Ту дар замин ягон чизро намехоҳам“.

Вале вақт мегузарад ва ин муҳаббати аввалин оҳиста-оҳиста кам мегардад. Ман дар зиндагии шахсии худам ҳис мекунам, ки нисбат ба рӯзҳои аввали ба Худо рӯ оварданам ҳоло камтар мавъиза мекунам. Мо ҳар гоҳ ба пурбор будани зиндагӣ истинод мекунем, вале ҳавворӣ Павлус мегӯяд: „Вой бар ҳоли ман, агар башорат надиҳам!“ Вақт хеле кӯтоҳ аст, дунё дигар мешавад, одамон дигар

мешаванд, таъсирпазирӣ ба Инҷил ҳам дигар мешавад. Агар пеш Китоби Муқаддасро фақат боло бардоштан кифоя буд ва одамон якбора меистоданд ва туро иҳота карда, саволборон мекарданд, акнун ин фақат андозае дар вокзал мумкин аст, ки дар он ҷо бисёр мусофирон аз ноҳияҳои дурдасти Русия ҳастанд, ки дар онҳо ҳанӯз ин талаботи рӯҳӣ вуҷуд дорад.

Боре дар вокзал баъди мавъиза ба ман мегӯянд: „Он ҷо марде шуморо омада мепурсад“. Наздик рафтам ва ӯ аз портфелаш мундири полковник ва таппончаро баровард. „Хайр, — фикр кардам — мумкин ҳозир маро мепарронад, зеро одамон ҳоло ҳар хеланд, кӣ медонад ӯ дар сар чӣ фикр дорад“. Аммо ӯ ба ман мегӯяд: „Ман зиндагӣ кардан намехоҳам“ — ва бо овози баланд гиряро сар кард. Ман дар назди ӯ нишаста, фикр мекардам: „Инак, марди пурқувват қудрат ва яроқ дорад, вале ман зани нотавон ва ночиз дар назди ӯ чӣ ҳастам? Вале ӯ аз гирдомадагон шарм накарда, гиря мекард“. Ва ман медонам, барои чӣ ӯ гиря мекунад: дили ӯ бе муҳаббат ва ҳақиқат дигар зиндагӣ кардан наметавонад, мисли он ки дар ҳуҷраи маҳкамшуда нафасгир шудааст ва суханон дар бораи муҳаббат ва бахшиш барои ӯ ҳамчун як ҷуръа ҳавои тоза ҳастанд.

Боре як марди тануманди боқуввати тахминан панҷоҳсола — маллоҳ аз Мурманск, ба назди мо омада гуфт: „Ман навакак аз шумо шунидам, ки Масеҳ метавонад оромӣ бидиҳад. Ана маро ором карда бинед! Канӣ, ором кунед маро! Ҳеҷ кас ором намекунад ва Масеҳи шумо ҳам ором намекунад!“ Чашмони ӯ ноором мегаштанд, дастонаш меларзиданд, ман фикр кардам, ки ӯ майзада аст, вале бӯйи арақ аз ӯ намеомад ва ба пойҳояш устувор

меистод, Ӯ аз ман бо исрор хоҳиш мекард, ки дар назди ӯ бишинам ва бо ӯ гапзанон кунам. Маълум шуд, ки ӯ навакак бо бародари худ хайрухуш кардааст, ва мувофиқи суханони ӯ, чунон ки онҳо дигар ҳамдигарро намебинанд, яъне ҷанҷол карда ба ҳамдигар душман шуданд. „Ҳеҷ кас наметавонад маро ором кунад!“ — ҳамон як гапро вай ошуфтаҳолона таъкид мекард. Ман ӯро аз ақидааш нагардондам, балки таклиф кардам, ки дуо кунад ва аз паси ман суханонро дар бораи омурзиш, бахшиш ва меҳрубонии Худо такрор кунад. Аз садои ӯ ба ман чунин менамуд, ки ӯ ин суханонро беихтиёрона такрор мекард, вале вақте ки баъди дуо ман чашмонамро кушодам, ӯро намефаҳмидам: дар пеши ман одами тамоман дигар менишаст. Охир фақат ду дақиқа гузашт! Ӯ алами худро фаромӯш карда, ба саволҳои библиявӣ гузашт. Хусусан гуноҳи нахустин ӯро ба шавқ меовард. Ӯ фикр мекард, ки гуноҳ он аст, ки одамон якдигарро таваллуд мекунанд, чунки калимаи „нахустин“ маънои онро дорад, ки „бори аввал ба дунё омадааст“. Вале вақте фаҳмид, ки гуноҳ гӯш накардан ба иродаи Худост ва калимаи „нахустин“ маънои онро дорад, ки гуноҳи аввалине ки ба дунё омадааст, — итоат накардан ба Худо аст, ӯ мисли кӯдак ба ваҷд омад. Маллоҳ дасти маро ларзонда, хайрухуш кард: „Ман фикр мекардам, ки имрӯз инфаркт мешавам, вале ҳақиқатан ором шудам, ҳама гузашт, бинед дастонам ҳам намеларзанд“. Вақте ки мо аз вокзал ба хона мерафтем, ду имондори амрикоӣ ба назди мо омаданд, барои хизматгузорӣ миннатдорӣ карданд ва гуфтанд: „Акнун барои мо зиндагӣ кардан шарм аст. Зеро дар бораи Масеҳ башорат додан мумкин аст. Мумкин. Одамон ба гӯш кардан тайёр ҳастанд, вале мо хомӯшем“.

Қайд кардан даркор аст, ки дар вокзал одамон аз шаҳриҳо фарқ мекунанд: онҳо басе самимӣ ва софдил ҳастанд. Имондорони шаҳрҳои музофотӣ ҳам дигар хел ҳастанд. Боре ман ҳамроҳи ду бародарам ба Самарқанд мерафтам ва падари мо ба бародари калонамон — Роман фармуд, ки ҳатман ба масҷид дарояд, чунки Самарқанд хусусан бо масҷидҳояш шӯҳрат дорад. Роман ба масҷид равон шуда хеле хурсандӣ мекард, вале хурсандии ӯ дер давом накард — ӯро ба он ҷо намонданд. Дар масҷид пеш аз ҳама ба ӯ савол доданд: „Оё ту шустушӯ кардаӣ?“ Ӯ ҷавоб дод: „Не, ман аз роҳ омадам, бори аввал дар ин ҷо ва ягон касро намедонам“. Вале ба ҳар ҳол ба ӯ иҷозати даромадан надоданд.

Дар Самарқанд нохост бензини мо тамом шуд ва он вақт онро бо ягон пул ёфтан мумкин набуд. Ман суроғаи калисои масеҳии евангелӣ доштам. Рости гап, ман дар он ҷо ягон касро намедонистам, вале ба бародаронам таклиф кардам: „Ба он ҷо меравем; агар дар он ҷо ёрӣ надиҳанд, пас дар ягон ҷои дигар ёрӣ намедиҳанд“. Вақте ки мо ба он ҷо расидем, моро чун меҳмонони аз Моҳ омада пешвоз гирифтанд: ҳамон дам дар утоқи алоҳида барои истироҳат ҷой доданд, занеро ҷеғ заданд, ки хӯроки нисфирӯзиро ба мо тайёр кард ва баъд ба ибодат таклиф карданд. Ва ин ҳам ҳоло тамом не: баки моро бо бензин пур карда, ягон сӯм нагирифтанд ва баъд мошине моро ҳамроҳӣ карда, аз шаҳр ба роҳи автомобилгард баровард. Роман тамоми роҳ хомӯш буд, ӯ намефаҳмид, ки ин чӣ буд. Барои ӯ ҳама чунин менамуд, ки моро гумони дигар кас карданд. Вақте ки мо ба хона омадем, падарам ҳамон дам пурсид: „Шумо дар масҷид будед?“ „Будем, — ҷавоб дод бародарам, — вале моро ба он ҷо намонданд, чунки мо шустушӯ накарда будем“. „Дуруст, — гуфт

падарам. — Ба масҷид шустушӯ накарда даромадан мумкин нест". „Ҳа, — гуфт Роман, — вале баъд бензини мо тамом шуд ва мо ба калисои масеҳӣ рафтем ва дар он ҷо маро касе напурсид, ки ман шустушӯ кардаам ё не, ва ҳатто нагуфтанд, ки ман ба имони онҳо бегона ҳастам. Моро дар он ҷо дам гирифтан монданд, сер карданд, бензинро барои роҳ дода, роҳи хонаро нишон доданд". Падарам оромона гӯш карда, сарашро хам кард ва ягон чиз нагуфт.

Дар маҳаллаҳои ғайримарказӣ одамон дигар хеланд ва ин дар вокзал аз рӯи шавқи зиндаи онҳо ба Китоби Муқаддас аён аст. Вале сокинони пойтахтро, масалан дар Арбат, бо Каломи Худо ба шавқ овардан аллакай кори оддӣ нест. Онҳо „ҳама чизро медонанд". Вале дар он ҷо ҳам қалбҳое дучор мешаванд, ки гӯё туро интизоранд, тайёранд бо диққат ва дуру дароз гӯш кунанд. Лекин боз касоне ҳастанд, ки китобчаҳои моро мепартоянд. Вале Худо ҳатто инро ҳам баъзе вақтҳо барои манфиат истифода мебарад. Боре ба назди мо ба калисо имондороне омаданд, ки як рӯз пеш, рӯзи шанбе, мошини онҳо шикастааст. Онҳо бояд аз Москва гузашта мерафтанд, ягон касро дар Москва намешинохтанд ва аз ҳама бештар онҳо барои он озурда мешуданд, ки дар рӯзи Худованд, дар якшанбе, онҳо наметавонанд ҳамроҳи халқи Худо дар ибодат бошанд. Ва инак онҳо ба Арбат рафтанд ва он ҷо дар зери пояшон китобчае афтида хобидааст: „Ман бояд инро ба ту бигӯям". Хурсандии онҳо ҳадду канор надошт: дар китобча суроғаи мо буд. Баъд яке аз онҳо дар назди мо мавъизаро дар мавзӯи: „Чизи қиматбаҳо дар зери по аст ва одамон бо маъюсӣ онро дур мекобанд", хонд. Чӣ тавре ки дар Китоби Муқаддас рост гуфта шудааст: „Агар гаронбаҳоро аз даруни ночиз бигирӣ..." Дар Кишинёв ҳам марди ҷавоне ба ман

дучор шуда нақл кард, ки чӣ тавр ӯ дар Москва дар пеши метро чунин китобчаро гирифт ва баъд ба назди мо ба калисо омад. Ӯ хеле миннатдор буд, ки мо он гоҳ ба ӯ кӯмак кардем, ӯ ҳатто барои трамвай ҳам пул надошт. Ҳашт сол гузашт ва мо аллакай дар шаҳри дигар тасодуфан вохӯрдем, ӯ конверти пулдорро ба ман дароз карда гуфт: „Ба калисои худ диҳед ва бигӯед, ки ман акнун имондорам, ба калисо меравам ва шуморо фаромӯш накардаам".

Як мард аз Арбат, дар калисои мо нақл кард, ки чӣ тавр ӯ чунин китобчаро ба шиноси майпарасти худ додааст. Ва ӯ баъди чанд вақт ба вай мегӯяд: „Ту медонӣ, ҳақиқатан Худо ҳаст. Ман мехостам худро ба дор кашам. Ман аз зиндагӣ безор шудам: оила вайрон шуд, аз кор маро ҳай карданд, рафиқон нестанд, ман ба ягон кас даркор нестам, бас аст азоб кашидан. Арғамчин, шишаи арақ ва себро барои хӯрдан гирифта, ба ҷангал рафтам. Тамоман ҳушёр рафтам, қарор додам аввал дарахтро ёбам ва баъд дар зери он бори охирин бинӯшам. Ду соат дар ҷангал гашта, дарахтро ёфта натавонистам, ки дар он дор кашидан мумкин мебуд. Ҳамаи шохаҳои дарахтон ба боло мерафтанд ва ба паҳлӯ ягонто ҳам нест. Аввал ҳатто ба хашм омадам, вале баъд ба худ омада, тарсидам: ин чӣ тавр мумкин аст, ки дар ҷангал шохаеро намеёбӣ, то ки худро ба дор кашӣ? Китобчаи туро ба хотир овардам ва фаҳмидам, ки ин Худо чашмони маро пӯшидааст, то ки ман дарахтро наёбам. Шишаро шикаста, ба хона давида рафтам. Ана акнун наменӯшам".

Ва як марди дигар дузд буд, дар вокзал интизори поезд шуда менишаст, ва мехост касеро ғорат кунад. Онҳо дар гурӯҳ якчандто буданд. Ва онҳо одами пулдорро аз шаҳри дигар „поида" ба ҳамдигар „месупурданд", то ки аз тарафи ӯ гумонбар нашаванд.

Дар вагони қатора дузде ки моро дар вокзал гӯш мекард, ба нӯшокии ин мард оҳистаякак клофелин андохт ва ӯро хоб бурд. Вале вақте ки дузд потрфели пулдорро қапид, ӯ овози равшанро шунид: „Даст нарасон, ҳалок мешавӣ!“ Қафо гашт — ягон кас нест, боз портфелро ба даст гирифт ва боз ҳамон овоз: „Ҳалок мешавӣ!“ Аз тарс ӯ портфелро партофта, дар истгоҳ аз қатора парида фуромад. Баъд ба назди мо омада ин воқеаро нақл кард. „Ҳақиқатан, — мегӯяд, — медонам, ки ин барои ҳамин шуд, ки ман он гоҳ мавъизаи шуморо дар вокзал гӯш кардам. Акнун аз рафиқони худ пинҳон мешавам, зеро онҳо бовар намекунанд, ки ман он портфелро ба худ нагиритфтам. Вале ба ҳар ҳол ба дуздӣ дигар намеравам, акнун ман дар назди Москва дар сохтмон ба кор даромадам“.

Баҳсро баҳри одам
Ду рӯҳи бузурге сар карданд:
Яке — сардори дари Адан
Посбони абадии он;
Дигаре пур аз бартарии бадист,
Сардори ҷаҳони торик:
Рӯи либоси порфирии тиллоии ӯ
Ду боли оташине фурӯзон аст.

Лекин бартариро ба кӣ медиҳад
Одами аз хок офарида?
Магар тоҷи абадии нахлро мехарад
Ё ки косаи муваққатии хушиҳоро?
Фариштаи Худованд ором ва рӯшан аст,
Ва пур аз шӯълаи фурӯтанӣ
Лекин деви мағрур бисёр зебост
Фурӯзон ва пурқувват!

*(А.Н. Майкова, „Фаришта ва дев“)*

Ва мо чунин мавъиза мекардем ва аз ин мавъизаҳо калисои мо „Башорат“ ба вуҷуд омад. Дар аввал ман ҳеҷ дар назар надоштам, ки ин чунин ҷиддӣ мешавад — калисо. Ҳама аз саволе сар шуд, ки коркуни намояндагии „Равшанӣ дар Шарқ“ Владимир Цорн ба ман дода буд: „Инак ту мавъиза мекунӣ, вале кӯдакони рӯҳонии ту дар куҷо ҳастанд?“ Ман ҷавоб додам, ки онҳоро ба калисоҳои гуногун мефиристам. Дар Арбат ба ман имондорон суроғаҳои калисоҳои худро доданд. Ва ӯ ба ин мегӯяд: „Медонӣ, ту ба фохтае монанд ҳастӣ, ки тухми худро дар лонаҳои бегона мемонад, зеро бо одамон кор кардан даркор аст, ба онҳо аҳамият додан зарур аст“. Ва ӯ ду хоначаи хурдро дар ҷамъияти библиявӣ ба ман пешниҳод кард, ки ҳафтае ду бор дар он ҷо ҷамъ мешудем. Ҷамъомади аввалинро хуб дар ёд дорам, ки ба он ду одам омаданд. Ман онҳоро дар диван шинонда гуфтам: „Панҷ дақиқа сабр кунед, ман ҳозир мебиёям“, ва худам ба кӯча давидам, чунки ман фикр мекардам, ки ду одам барои ҷамъомади якшанбегӣ кам аст, ягон каси дигарро даъват кардан даркор. Кӯчаи Пятницкая тамоман камодам аст, хусусан дар рӯзи якшанбе. Ва инак аз дур ду шахс намоён шуданд. Ман дар хотир надорам, ки вақте онҳо наздик шуданд, ман ба онҳо чӣ гуфтам, вале шояд ман чунин хоҳише доштам, то онҳо ба назди мо дароянд, ки онҳо наметавонистанд хоҳиши маро рад кунанд, гарчанде надоштани вақтро баҳона мекарданд. Ин ду духтари ҷавон буданд. Баъдтар яке аз онҳо — Кристина, аъзои калисо шуд ва волидайни худро ба ҷамоат овард.

Ва инак мавъизаи аввалини ман: „Биравед ва ҳамаи халқҳоро шогирд созед“. Ман ба чор шахсе ки дар рӯ ба рӯи ман менишастанд, нигоҳ карда, мегӯям: „Шумо барои чӣ ба ин ҷо омадед? Инак Исо

гуфтааст: «Биравед ва шогирд созед», вале шумо дар ин ҷо нишаста, ягон кор намекунед ва дар он вақт мамлакат аз майпарастӣ ва нашъамандӣ ба ҳалокат мерасад!“ Ва ҳамин тавр қариб ду соат. То ҳоло ба тааҷҷуб меафтам, ки онҳо на фақат аз он ҷамъомад нагурехтанд, балки дар якшанбеи дигар ду кас аз байни онҳо боз як нафарӣ одам оварданд. Ҳамин тавр ҷамоати мо ташаккул мейёфт.

Чӣ тавр гузарондани ибодатро ман тамоман намедонистам ва агар қадамҳои аввалинро дар ин соҳа ба ёд оварам, ин ҳам ханда ва ҳам гиря аст. Ман маҷаллаи масеҳии бачагонаи „Пайраҳа“-ро гирифта, аз рӯи он бо шахсони омадагӣ муаммоҳоро ҳал мекардам ё ҳикояҳои бачагонаро мехондам. Ман ягона мадҳияро медонистам, ки онро дар вақти ибодат чор-панҷ бор мехондем ва ягон кас зиқ намешуд, ҳама ба чашмони дурахшанда менишастанд ва ҳар бор ин мадҳияро чун бори аввал мехонданд.

Баъд ёрдамчиҳо пайдо шуданд. Боре дар метро дар паҳлӯи ман зани миёнсоле нишаст, ки мақоларо бо номи „Гурезагон“ мехонд. Ман ӯро пурсидам: „Ин мақола масъалаи гурезагонро чӣ тавр ошкор мекунад?“ Ман дар хотир надорам, ки вай ба ман чӣ ҷавоб дод, вале маълум буд, ки ҷаҳон ба ин саволҳо ҷавоб надорад, чунки ҷаҳон фақат бо натиҷаҳо мубориза мебарад, вале сабаби масъалаҳо номаълум мемонад. Ин мисли латифаи машҳуре дар бораи мурғон, вақте ки як мард ба назди рафиқаш давида, омада мегӯяд: „Мурғони ман мемуранд, намедонӣ чӣ кор кардан даркор?“ „Ту онҳоро чӣ мехӯронӣ?“ — мепурсад рафиқаш. „Арзан“ — ҷавоб медиҳад мард. „Ту ба он намак андоз“, — маслиҳат дод рафиқаш. Баъди як ҳафта мард боз ба назди рафиқаш медавад ва мегӯяд: „Аз ду сар мурда истодаанд“. „Ту онҳоро бо чӣ менӯшонӣ?“ — мепурсад рафиқаш. „Чӣ хел бо

чӣ? Бо об“, — ҷавоб медиҳад ӯ. „Ту онро ширин кун“, — боз маслиҳатро шунид ӯ. Ва баъди чанд рӯз он мард омада ба рафиқаш ғамгинона мегӯяд: „Ҳамаи мурғҳо мурданд“. „Афсӯс, — ҷавоб дод рафиқаш. — Ман боз бисёр маслиҳатҳо доштам“. „Ана ин ҷаҳон бо маслиҳатҳои ӯ, — гуфтам ба он зан дар метро. — Масъала душвортар аст, он чунин аст, ки одамон бе Худо зиндагӣ мекунанд. Ин мисли цунами аст — мавҷҳои азиме ки соҳилҳоро то 10 км зер карда, фалокатҳо ва вайрониҳоро меоваранд. Вале сабаби ба вуҷуд омадани ин мавҷҳо — дар қаъри уқёнус аст. Дар он ҷо туғёнҳо сар шуда, таркишҳои даҳшатнок ба амал меоянд“. Мо бо ин зан шинос шудем, ман ӯро ба хона таклиф кардам ва мо то бевақтии шаб дар бораи Худо гап мезадем. Вай баъд нақл кард, ки баъди ин вохӯрӣ вақте ки вай ба кӯча баромад, камоли хушбахтӣ вайро фаро гирифт ва вай фаҳмид, ки чизи муҳиме бо вай рӯй дод. Номаш Тамара буд, вай муаллимаи информатика буд ва дар калисои мо дар қатори аввалин ёрдамчиҳо кор мекард. Вай оид ба Китоби Муқаддас дарсҳо мегузаронд ва дар айни ҳол худаш дар зиндагияш онро бори аввал мехонд.

Баъд ба назди мо Виктор Антипов, Клава, Галя, Лия, Катя ва Люся Янбулатова омаданд, ки шавҳараш Дмитрий дякони калисо шуд. Вақте ки ӯ дар армия хизмат мекард, Люся бо илтиҷо ба ӯ менавишт, ки Инҷилро хонад. Ӯ гоҳ-гоҳ Инҷилро бепарвоёна варақ мезад ва маълум, ки ин ӯро ба имон наздик намеовард. Вақте ки ӯ баргашт, Люся дар Москва мехонд ва онҳо маҷбур буданд, ки хонаро иҷора гиранд. Боре соҳиби хона онҳоро фиреб дод: пулро барои як моҳ пешакӣ гирифта, баъд гуфт, ки ӯ аз онҳо чизе нагирифтааст. Дар ёд дорам, ки чӣ тавр Люся гиря мекард ва он гоҳ калисо ба онҳо ёрдам карда, пули

лозимиро ҷудо кард. Ва он гоҳ Инҷил барои Дима ба таври нав кушода шуд, ӯ тавба кард ва ба Худованд хизмат мекард. Ҳоло ӯ дар калисо дякони калон ва миссионер аст, тез-тез ба Шимол, ба лагерҳои ислоҳкунанда меравад. Ду дякони дигар ҳам аз Арбат омаданд. Юраи 22-сола, коргаре ки маст шуда дар Арбат меистод ва ба мавъизаи мо халал мерасонд, аз рӯи гуфти ӯ ба калисо фақат барои он омадааст, ки ҷанҷолро давом диҳад. Вале Леночкаи пианинонавозро дида, ба вай дил баст ва ба воситаи ин Худовандро ҳам дӯст дошт ва баъди якчанд сол дякон таъин карда шуд. Ҳозир онҳо аллакай се кӯдак доранд. Пири калони вилояти Москва аз мо хоҳиш кард, ки Юрийро ба калисои Ивантеев бимонем. Дар он ҷо сӣ нафар кампирон ҳастанд, вале барои хизматгузорӣ ягон кас нест. Мо ба Юра баракат хостем, ва ҳоло ӯ дар он ҷо кор мекунад.

Дякони сеюм Евгений муҳандис аст, аз Арбат ба калисо омад ва зани ӯ, актриса, низ аз Арбат омада буд. Онҳо дар калисо вохӯрданд ва як оила шуданд. Дар тӯи онҳо падари Женя ба ман гуфт: „Кори ман чунин буд, ки ман имондоронро озор медодам ва ба онҳо фишор меовардам, айнан мисли шумо баринҳоро. Кӣ фикр мекард, ки писари ман дар қатори онҳо мешавад ва ман ҳамроҳи онҳо ба хурсандии ӯ шарик мешавам!“ ҳамин тавр Арбат барои баъзе касон тақдирсоз шуд.

Баъд ёрдамчиёни дигар омаданд: Игор — боз як дякони оянда ва инчунин навозандагон — Саша, Люба, Павел, Фаина. Дӯогӯяндагони боэҳтимом пайдо шуданд: Марина, Аня, Слава, Таня, Люда, Евгения ва муаллимони аҷиби мактаби якшанбегӣ: Алмира ва Саша, тарҷумон Лена ва бисёр дигар одамони комилан хуб. Хулосаи гап, калисо зиёд мешуд ва рӯҳан меафзуд. Фирориён омаданд:

Мукаррам ва Роза аз Тоҷикистон; зани арманӣ Элля аз Озарбойҷон фирор кард, вақте ки дар он ҷо барои Қаробоғи Кӯҳӣ хунрезӣ буд. Ин одамон хона, оила, маълумот ва кори хуб дошта, маҷбур шуданд ҳамааашро партофта, ба ҳар ҷое бошад гурехта раванд. Онҳо тамоми чизҳои моддиро аз даст доданд, вале он зарбаи рӯҳиро, ки онҳо аз сар гузаронданд, бо кадом пул ба он нарх мондан мумкин аст? Худо онҳоро тарк накард: онҳо барои рӯҳ осудагӣ ва дар калисо — оилаи худро ёфтанд. Духтурони бисёр хуб — профессорон Николай Антонович ва Ирина Константиновна ҳам ба калисо омаданд, ки ба бисёр аъзоёни калисо ёрии тиббӣ расонданд.

Ман ба гузашта нигоҳ карда, ҳам шодӣ мекунам ва ҳам тааҷҷуб мекунам: наход рост бошад, ки ҳамаи ин устувор монд? Ҳама бо чунин нотавонӣ сар шуд! Чунин нобоварона, ноӯҳдабароёна ва беҷуръатона, вале ба калисои пухтае расид! Ин бе қудрати Худо ва дахолати Худо тамоман мумкин нест. „Ман Калисои Худро бино мекунам ва дарвозаҳои дӯзах бар он ғолиб нахоҳанд шуд“, — чунин гуфтааст Масеҳ. Ва ин ба тамоми даврахо рост аст.

Гарчанде ба калисо одамони гуногун меоянд, вале дар он ҷо ба таври аҷиб ягонагии рӯҳро ҳис мекунӣ. Аз рӯи суханони яке аз мавъизагарон „Калисо — ягона ҷамъияти дунё аст, ки дар он ҷо шарти аъзогӣ — ношостагӣ ва мақоми ночизи номзад мебошад. Дар калисо мо аз фатонати дуявӣ, аз мастии шаҳватҳо ва хоҳишҳои рӯзгор ҳушёр мешавем, бо қалбҳои худ тоза мешавем, ба Худо наздик мешавем, бо Худо ҳамроҳ мешавем“. Ва ман ба калисои худам хеле миннатдорам, чунки он маро ба камол расонд, бисёр чизҳоро ёд дод ва ҳоло ҳам ёд дода истодааст. Чӣ хел одамони хуб ба калисо омаданд: самимӣ, мехоҳанд зиндагии худро ба

Худованд бахшанд! Маҳз дар калисо ман фаҳмидам, ки одамон — бойигарии аз ҳама калонтарин дар зиндагӣ ҳастанд. Ва гарчанде ки ҳамаи наздикони ман дур, дар Ӯзбекистон зиндагӣ мекунанд, ман дар ин ҷо дар Москва аз ғамхорӣ, аз лутфу илтифот ва аз муҳаббат ҷудо нестам.

Ва боз, ба гузашта назар карда, дар бораи пешаи бузурги Худо фикр мекунам. Худо пешбинӣ кардааст, то ки ягона маро аз авлоди калони мо канда (сухани дигарро ёфтан наметавонам) дар ҷои дур, дар Москва бо ягона мақсад ҷо диҳад; то ки бо Дӯстдошта вохӯриро тайёр кунад. Ва зимнан, ин вохӯрӣ метавонист ҳанӯз бисту панҷ сол пеш ба амал ояд, вале афсӯс ки он гоҳ ман инро нафаҳмидам.

Ана он гоҳ чӣ ҳодиса рӯй дод. Солҳои аввали зиндагиям дар Москва ман ба осорхонаҳо хеле шавқ доштам. Аз як сар ба ҳамааш. Ва ба санъат ҳам, ки онро чун „фиреби моро болобардор мекарда“ ё сатре аз Лермонтов тавсиф додан мукин аст: „Ӯ чун ситора басе ором ҷило медод, лекин куҷо даъват мекарду куҷо ишора мекард?“ Санъат — хуб аст, вале бояд зикр кард, ки вақте одам ба Худо имон надорад, ӯ саросемавор дар осорхонаҳо, театрҳо, дар ҷойҳо ва шаҳрҳои таърихӣ гашта, кӯшиш мекунад, ки он холигии рӯҳро пур кунад, ки онро фақат Худо пур карда метавонад. Ё ҳама вақт ягон чизро иваз мекунад: ё мебел, ё курта ё занро ё мамлакатро. Касе дар ин бора дуруст қайд кардааст, ки одам ба ивази биҳишти гумшуда мехоҳад биҳиштро дар гирди худ бисозад.

Ва ана дар рӯзномаи „Меҳнат“ ман хондам, ки дар Вилнюс ягона дар Иттиҳоди Шӯравӣ осорхонаи тиббӣ ҳаст, ки дар он ҷо косахонаи сари одами қадим бо сӯрохии дутарафа ҷойгир аст. Вале ин сӯрохии оддӣ нест ва гӯё ин одам дарди сахти сар доштааст ва одамони ёбоии доно бо найзаи тафсондашуда

сари ӯро шикоф кардаанд, вале дар чунин ҷой, ки ӯ бо ин сӯрохӣ боз бисёр солҳо зиндагӣ кардааст. Ва ман, албатта, ба Вилнюс барои дидани ин сӯрохӣ шитофтам. Танҳо нарафтам, боз як дугонаи ҳамкори худ Алла ва хоҳарам Зинаро, ки он вақт дар Москва, дар меҳмонии ман буданд, ба зарурияти махсуси ин сӯрохии косахонаи сар бовар кунондам.

Ва инак мо секаса дар тамоми Вилнюс ин осорхонаро мекобем, ҳамаро мепурсем, вале ҳеҷ кас дар бораи он ягон чизро намедонад. Роҳро чунон гум кардем, ки ба канори шаҳр афтидем. Мебинем, ки се духтари ҷавон меоянд, дар сарашон рӯймолчаҳо. Мо онҳоро пурсидем, ки оё онҳо намедонанд, ки осорхонаи тиббӣ дар куҷо аст. Онҳо ҷавоб доданд, ки зимнан ба он ҷо мераванд ва мо ҳамроҳи онҳо рафтем. Дар роҳ онҳо ягон чиз ба мо нагуфтанд, вале вақте ки мо ба ким-чӣ хел хонаи чӯбин даромадем, одамонеро дидем, ки моро вохӯрданд ва дар харак ҷойҳои аввалро холӣ карданд. Акнун ман мефаҳмам, ки ин хонаи дуо буд. Он рӯз онҳо ақди никоҳ доштанд, вале бо кадом як сабаб арӯс ва домод гиря мекарданд ва дар толор ҳама самимона ва бо овози баланд дуо мекарданд. Ин ба ман хеле аҷиб менамуд. Вале аз ҳама бештар моро мавъизакунанда тарсонд: ӯ дар вақти мавъиза ҳама вақт ба ман нигоҳ мекард ва аз чашмони ӯ алав мепарид. Ман дар бораи алавҳо на маҷозӣ, балки ба маънои аслияш мегӯям. Бале, айнан алавҳо ба сӯи ман мепариданд ва ман ҳама вақт метарсидам, ки онҳо маро месӯзонанд. Ман дар зиндагии худ чунинро ҳеҷ гоҳ надидаам, вале он гоҳ ба ман чунин менамуд, ки маро барои қурбонӣ тайёр карда истодаанд ва ман фақат дар бораи гурехтан аз он ҷо фикр мекардам.

Ва инак ибодат ба охир расид. Моро ба зиёфати идона даъват карданд, ки он бояд ҳамон рӯз, дар ҷои

дигар мегузашт ва ман фикр кардам: „Ана дар ҳамон ҷо ҳама сар мешавад“. Ман гуфтам, ки мо бояд зудтар ба меҳмонхона равем ва ба сӯи баромадгоҳ шитофтем. Он гоҳ аз мо хоҳиш карданд, ки номи меҳмонхонаро бигӯем ва гуфтанд, ки барои мо мошин мефиристанд, то моро ба базми арусӣ баранд. Ин маро тамоман ба хулосае овард, ки дар он маро ва ҳамроҳи ман хоҳарам ва дугонаамро мехӯранд.

Он шаб ман аз тарс дурудароз хоб кардан натавонистам, вале вақте ки ниҳоят хоб рафтам, аз фарёди худам бедор шудам. Ман дар хоб мавъизагарро бо чашмони сӯзон ва шарораҳо медидам, ки онҳоро ба сӯи ман мепартофт. Ана натиҷаи таъсири филми „Абрҳо бар Борск“, ки дар он ҷо имондорони протестант ба таври вайрон нишон дода шудаанд, гӯё кӯдакон ва калонсолонро қурбон мекарданд. Вале он вақт ҳама дигар хел шуда метавонист, агар ман ин аломати Худоро қабул мекардам ва ба он одамони аҷиб ва имондорони самимӣ бовар мекардам. Ва шояд зиндагии ман дигар хел мебуд ва бисёр хатоҳои фалокатоварро намекардам, ки аз рӯи нофаҳмии зиндагӣ ва беақлӣ ба онҳо роҳ додам. „Вале бо файзи Худо касе ки ҳастам, ҳамон ҳастам“ ва ман барои тамоми ҳодисаҳои зиндагии худ ба Худо миннатдорам. Ба ман чунин менамояд, ки ман ду зиндагии калонро аз сар гузарондаам, ки ба ду қутби гуногун монанд ҳастанд: дар яке аз онҳо дар торикӣ ях карда мурдан мумкин мебуд, агар Масеҳ намебуд, ки барои он омад, то „чашмони онҳоро боз кунад, то ки онҳо аз торикӣ ба рӯшноӣ ва аз ҳукми шайтон ба Худо рӯ оваранд“.

Дар зиндагии ман ҳодисаҳое ҳам буданд, ки дар онҳо дасти Худо ба таври ошкоро зоҳир мегашт. Инак, соли 1992, вақте ки мавъизагари машҳур Билли Грэм ба Москва омад, бахт ба рӯи ман хандида, дар

комплекси бузурги варзишии „Олимпийский“ шаҳодат додам, ки дар он ҷо панҷоҳ ҳазор одам иштирок мекард. Ва баъди ҳафт сол, соли 1999 ҳамроҳи духтари ӯ дар Франкфурт шаҳодат додам, ки дар он ҷо даҳ ҳазор нафар буд. Баъди парастиш русҳое ки дар Германия зиндагӣ мекунанд, ба назди ман омаданд, ва мо якҷоя дуо кардем ва онҳо ба Масеҳ рӯ оварданд.

Бисёр аломатҳои Худо, бисёр ғалабаҳои рӯҳӣ буданд, „ва файзи Ӯ дар ман беҳуда набуд“, ман меҳнат накардам, „балки файзи Худо, ки бо ман аст“. Ин ҳама меҳрубонии Ӯст.

На аз хизмати замин гул мешукуфад
Ва меваe дар он пухта мерасад;
Магар ба ягон навдачае муяссар мешуд
Ки бе қуввати ҳаётбахши офтоб калон шавад?
*(Шандор Петефи)*

Вале мехоҳам то охир самимӣ бошам ва бигӯям, ки дар зиндагии ман на фақат пирӯзиҳо, балки мағлубиятҳо низ буданд, вақте аз одамоне ҷудо мешудам, ки тамоми дили худро ба онҳо мекушодам ва бо онҳо як хизматгузориро мебурдам. Ин чист: хиёнат аст ё айби ман? Шояд, ҳам ин ва ҳам дигараш. На ҳама вақт одам қобил аст тамоми амиқии таълимоти Инҷилро дар худ ҷо диҳад. Ҳатто ба масеҳиён ҳам барои ин солҳои зиёд ва шояд тамоми зиндагӣ даркор аст. Одам ба зинапояи рӯҳӣ оҳиста-оҳиста, қадам ба қадам мебарояд. Вале барои масеҳии ҷавон фарқ кардани овози Худо аз бисёр овозҳои ин ҷаҳон баъзе вақтҳо хеле душвор мешавад. Чанде пеш ман зарбаи сахти рӯҳиро аз сар гузарондам, вақте фаҳмидам, ки одаме ки ба воситаи мавъиза дар Арбат ба Худо рӯ овард, ҳалок гардидааст. Ин Валераи нашъаманд буд, ки аз ӯ корди дудамаи

худсохт чун хотира ба ман монд. Ин корд „дастранҷ“-и ӯ буд ва аз гуфти ӯ, ҳеҷ гоҳ аз он ҷудо намешуд. Онро чун рамзи рӯ овардани худ ба Масеҳ ба ман тӯҳфа карда буд.

Ӯ дар Арбат гашта, кисабурӣ мекард. Дар даруни тӯдаи одамон ин чандон кори мушкил нест. Вале вақте ки ба назди мо омада, дар дасти ман Китоби Муқаддасро дид, кисаҳоро намекофт, вале аз ин издиҳом тез дур мешуд: ҳар чи бошад, ҷои муқаддас аст ва чӣ хеле ки маълум аст, дуздон — мардуми хурофотпараст ҳастанд. Баъд фикре исроркорона ӯро ором намегузошт: „Он ҷо дар бораи чӣ гап мезананд?“ Ӯ баргашта бо шавқи тамом гӯш кард ва аллакай рӯзи дигар ба калисо рафт. Ман суроғаи калисоро ба ӯ додам, ки дар хона, дар Коньково ҷамъ мешуд, дар он ҷо ӯ тавба карда, таъмид қабул кард. Дар таъмид модари ӯ буд ва гуфт, ки бо ягона мақсад омадааст: бинад ин чӣ гуна одамон ҳастанд, ки писари ӯро одам карданд. Вай ду писар дорад, яке барои куштор дар зиндон аст ва дигараш — Валера — нисбат ба аввалааш боз ҳам бадтар, аз ӯ ягон оромӣ нест. Ман ба вай гуфтам: „Шумо чӣ мегӯед, магар дар чунин вақти кӯтоҳ бо кӯшишҳои инсонӣ ӯро дигар кардан мумкин аст? Танҳо чанд ҳафта аст, ки ӯ ба калисо омад — ва ислоҳ шуд, вале тамоми зиндагӣ ӯро на мактаб, на милиса, на зиндон ва на беморхона ислоҳ кардан наметавонистанд, ки дар он ҷо ӯро аз нашъамандӣ маҷбурӣ табобат мекарданд, вале сиҳат карда натавонистанд — боз сӯзанзаниро давом дод. Албатта, на одамон ба ӯ ёрӣ доданд, онҳо фақат дар роҳ ба ӯ дучор шуданд, аммо Худо ӯро наҷот дод“. Ӯ тамоми умр бо бародараш муносибат надошт, вале баъди рӯ овардан ба Масеҳ ба назди бародараш ба ҳабсхона рафта, Китоби Муқаддасро ба ӯ бурд ва бо ӯ оштӣ кард.

Ман дар ёд дорам, ки чӣ тавр Валера баъди ба Худо рӯ оваардан ба Арбат барои мавъиза рафт, Китоби Муқаддасро болои сар бардошта гуфт: „Мардум, ман дузд ва нашъаманд будам, ман ба ин ҷо, ба Арбат омада, шуморо ғорат мекардам, вале Масеҳ зиндагии маро дигар кард. Ман то сисолагӣ ягон чизи аз қошуқ вазнинтарро ба даст нагирифтаам, аммо ҳоло ман ба кори вазнин, ба боркашӣ рафтам ва ин чӣ гуна хушбахтӣ аст, ки акнун ман Масеҳ дорам!“ Ва касе дар издиҳом ба ӯ мегӯяд: „Ту чӣ «сафсата»-ро ба мо мегӯӣ, ки ҳамаро ғорат мекардӣ, — бовар намекунем!“ „Бовар намекунед?“ — дубора пурсид Валера, баъд ба чапу рост нигоҳ кард, ва баъди чанд лаҳза аллакай ҳамёни касеро дар даст дошт. Баъд ӯ фарёд зад: „Ҳамёни кист?“ Ва якбора зане дар издиҳом дод зада гирифт: „Аз ман, ҳамёни ман, ё тавба, ту чӣ тавр онро гирифтӣ?“ Ва ҳамон дам тамоми издиҳом ба Валера эҳтироми зиёде оварданд ва бо диққати махсус ӯро гӯш мекарданд.

Дар давоми бисёр солҳо ӯ ба калисоҳои гуногун мерафт. Ҳама вақт чизеро мекофт, хизмати мусиқиро мегузаронд, гитараро хуб менавохт ва суруд мехонд, одами самимӣ буд, вале рости гап саросема буд ва аз зиндагии рӯҳӣ пурра қаноатманд набуд. Дар оила ӯ мушкилиҳо дошт. Боре аз барои низои оилавӣ як каф доруро гирифта нӯшид. Дар кӯча сармо буд ва ӯ ба ҳавлӣ давида ғалтид. Одамон гумон карданд, ки ӯ маст аст ва чун оне ки одатан дар чунин мавридҳо мешавад, ягон кас ба ӯ аҳамият надод. Вақте ки „ёрии таъҷилӣ“ ӯро гирифта бурд, ӯ боз як ҳафта дар реаниматсия зинда буд, вале ӯро наҷот дода натавонистанд. Маро барои гузарондани хизматгузории дафн даъват карданд. Ман ягон вақт чунин азият надоштам. Бо кадом як сабаб ман худро дар марги ӯ айбдор ҳис мекардам, гарчанде солҳои охир мо

ҳамдигарро намедидем. Арбат маро бо ӯ чунон пайваст кард, ки ман ба зиндагӣ ва марги ӯ алоқамандиро ҳис мекардам. Дар сари қабри ӯ писари бистудусолааш тавба карда, ба Масеҳ рӯ овард. Тасалло барои ман фақат он аст, ки он ҳафтае ки Валера дар реаниматсия ҳанӯз зиндагӣ мекард, ӯ ба Худованд наздик буд, чунки Худи Худованд ба ӯ наздик буд.

Ин бovarӣ бо қурбонии бузурги салибӣ тақвият дода мешавад, ки онро Худо барои мо ба амал овард. Барои чӣ ин қурбонӣ чунин даҳшатнок аст? Он бо муттафиқ будани Масеҳ бо тамоми одамон маънидод карда мешавад. Дар салиби Масеҳ қувваи бузург ва сирри бузург ниҳонанд. Нависанда А.И. Солженицын ба хотир меоварад, ки боре дар зиндон ӯ қарор дод худкушӣ кунад ва аллакай ҳама тайёр буд, вале нохост ду зиндонии ношинос дар рӯи фарш, дар пеши пои ӯ салибро кашиданд. Ва ин салиб ӯро боздошт...

Маълум аст, ки дар лагерҳо ва зиндонҳои советӣ нисбати имондорон аксаран золимона муносибат мекарданд, вале маҳз имондорон тоқат мекарданд. Чунки дар ҷаҳон, ҳатто дар шароитҳои аз ҳама вазнинтарин, ба ғайр аз фаҳмидани он ки зиндагии ту мақсад дорад, дигар ягон ёрии таъсирбахше вуҷуд надорад. Дар қиссаи Солженицын „Як рӯзи Иван Денисович“ Шухов ба Алёшкаи баптист мегӯяд: „Дидӣ, Алёшка... Масеҳ туро дар зиндон нишастанро фармуд, ту барои Масеҳ зиндонӣ шудӣ. Вале ман барои чӣ нишастам? Барои он ки соли чилу якум ба ҷанг тайёрӣ надидем, барои ҳамин? Вале ман чӣ айб дорам?“ Имондорон бисёр мушкилиҳоро аз сар гузаронданд, вале Худованд ба онҳо ёрӣ ва дастгирӣ мефиристод ва ҳатто мӯъҷизаҳо ба амал оварда, онҳоро танҳо намемонд. Бародар Иван Федотов, ки акнун сиҳат саломат аст, ҳаждаҳ сол барои имон дар зиндон буд ва нақл кард, ки боре дар камераи яккаса

хуруҷи дилаш сар шуд ва ногаҳон кабӯтаре бо як азоб аз сӯрохии майда гузашта, парвозкунон ба синаи ӯ нишаст ва саросемавор бол афшонда, ҳаворо тоза мекард. Ҳамин тавр кабӯтарак, паррандаи аҷиби Худо ӯро наҷот дод.

Дар Китоби Муқаддас навишта шудааст, ки „тамоми махлуқот якҷоя нола мекунад ва то ҳоло азоб мебинад“, ба одам ҳамдардӣ карда азоб мекашад, барои одам азоб мекашад, мехоҳад ба ӯ хизмат кунад ва ҳатто ӯро наҷот медиҳад. Ва тасодуфӣ нест, ки дар ҳикояи библиявӣ ба таври муфассал баён шудааст, ки Одам тамоми ҳайвонҳоро ном ниҳод. Одам бо ҳайвонҳо гап мезад ва онҳоро мефаҳмид, вале афсӯс, имрӯз одамон на фақат забони ҳайвонот, балки даҳсолаҳо дар як хона зиндагӣ карда, ҳамдигарро намефаҳманд.

Боре ман дидам, ки чӣ тавр бародари имондор Дмитрий, одами дорои маълумоти ҳаматарафа, нуздаҳ забонро медонад, дар даромадгоҳи хонаи ман бо гурба гап мезад. Ин гуфтугӯи равон буд ва чунин менамуд, ки гурба ӯро хуб мефаҳмид.

Домоди ман Телман бошад, замин ва растаниҳоро хеле дӯст медорад ва ман якчанд бор дидам, ки ӯ субҳи барвақт бо гулҳо гап мезад. Ва дар бораи замин нақл карданро ниҳоят дӯст медорад, гарчанде ки дар мактаб муаллим аст. Соли гузашта ӯ бо хурсандӣ ба ман гуфт: „Хайрият, ки ман забони ангурро ёфтам, вай на он қадар боулфат аст, ман бисёр зӯр задам, то ки онро бифаҳмам. Вале ана он дарахтоне ки дар сари ҷӯйбор ҳастанд, имсол бо ман салом намекунанд, хафа шудаанд. Ман онҳоро барои сутун шинондам, ва имсол буридан даркор аст, онҳо инро ҳис мекунанд, карахт шуда мондаанд. Пештар, вақте ки субҳи барвақт мебаромадам, тамоми шоху барги дарахтон хурсандона хиширрос мезаданд, ҳоло бошад, мебароям

ва онҳо мисли яхбаста хомӯш ҳастанд. Ҳатто ҳамаи лонаҳоро аз шохаҳояшон партофтанд — онҳо ҳамин тавр паррандагонро огоҳ мекунанд, ки онҳо имсол умедвор набошанд ва дар болои онҳо лона насозанд". Дарахтон метавонанд аз одамон хафа шаванд ва паррандагонро огоҳ кунанд. Дар олам байни офаридаҳои Худо чӣ тавр алоқаи калоне вуҷуд дорад!

Алоқаи умумии ҳама чизҳоро
Мо кушода, ба хулосае меоем:
Вақте ки гулро ламс мекунем,
Ситораи дурдастро ташвиш медиҳем!

*(Д. Томсон)*

Олами Худо зебо аст ва аз ҳама зебо ва муҳим дар он — муҳаббат аст: муҳаббати Худо ба одам ва муҳаббати одам ба Худо ва муҳаббати байни одамон. Вақте ки мо бо миссияи масеҳӣ аз қасабаи ислоҳкунандаи Можайск дидан кардем, ман аз китобдор пурсидам: „Кадом китобҳоро аз шумо мепурсанд?" Вай ҷавоб дод: „Одатан дар бораи муҳаббат". Одамони тамоми дунё ҳатто ҷашне барои худ сохтаанд — рӯзи муҳаббат, рӯзи Валентини муқаддас. Муҳаббат хусусияти асосии табиати Худо аст. Барои ҳамин дар дили одам шавқи рафънопазири муҳаббат зиндагӣ мекунад.

Барои шумо як воқеаро дар бораи муҳаббат нақл мекунам. Ман онро аз одами ба шумо аллакай шинос — Гюли Фёдоровна шунидам, ки вай лагерҳои сталиниро аз сар гузарондааст. Инак ҳикояти вай: „Дар лагер мо дар бораи зиндагии шахсӣ, дар бораи касбу кор ба ҳамдигар нақл мекардем ва дар бораи якдигар бисёр чизҳоро медонистем. Фақат як чизро намедонистем: барои чӣ дар ҳабс ҳастем. Ва дар байни мо Ира ном духтари ҷавоне буд, ки дар бораи

худ ягон чиз нақл намекард. Вай бист сол дар ҳабсхона нишаста баромад. Давраи сафедкунии хрущёвӣ омад ва баъди ду сол, тасодуфан, мо секаса ба ҳамдигар вохӯрдем: ман, Ира ва боз як ҷазододашудаи собиқ — Галя. Бо хурсандӣ ба қаҳвахона рафта, шишаи май гирифтем ва гузаштаро ба хотир меовардем. Ва баъд ба Ира гуфтем: «Хайр, ту акнун ба мо гуфта метавонӣ, ки туро барои чӣ айбдор карданд?» «Акнун метавонам — ҷавоб дод вай. — Ман донишкадаи забонҳои хориҷиро тамом кардам, ва маро дар сафоратхонаи Англия ба вазифаи тарҷумон ба кор таъин карданд. Боре лорди англисӣ ба он ҷо омад, ва ба ман ошиқ шуд ва мо издивоҷ кардем. Мо се моҳ зиндагӣ кардем, аммо ҳукумати шӯравӣ бе ягон сабаб дар муддати бисту чор соат ӯро ҳай кард. Ӯ фақат ҳаминро ба ман гуфта тавонист: „Эҳтиёт шав, дар ин ҷо ким-чӣ хел фалокате рӯй дода истодааст ва ман фикр мекунам, вақте ки ман аз ин ҷо меравам, туро ҳамон дам мебаранд. Суроғаи маро дар Англия чун «Эй Падари мо» аз ёд кун ва ҳатман дар бораи худ хабар деҳ“. Ман он гоҳ ба ин бовар ҳам намекардам, барои ман ин сафсатаи бемаънӣ менамуд, вале ин ба амал омад ва баъди се рӯзи рафтани ӯ маро гирифтанд ва боқимондаашро шумо медонед. Ана тамоми таърихи ман».

Ва мо ҳамроҳи Галя бо як овоз чунон фарёде задем: «Ту суроғаи ӯро дар ёд дорӣ?» «Баъд чӣ, агар дар ёд дорам?» — гуфт вай. «Бисту ду сол гузашт, охир ӯ лорд аст, духтарон, шояд зан гирифта маро фаромӯш кард, охир мо бо ҳамдигар хеле кам зиндагӣ кардем: фақат се моҳ. Ин нияти холӣ аст». Вале мо суроғаро аз вай гирифта, барои ҷасурӣ яккадаҳӣ май нӯшидем ва ҳамон дам ба почтаи марказӣ рафта, ба ӯ телеграмма фиристодем. Барои Ира телеграммаи ҷавобӣ омад: «Ман тамоми умр туро дӯст медоштам

ва мекофтам. Туро интизор ҳастам». Ӯ худаш барои вай парида наомад, шахси дигарро бо тайёраи шахсии худ фиристод, то ки вайро камтар ба вохӯрӣ тайёр кунанд.

Ира аз мо, дугонаҳо, хоҳиш кард, ки вақти омадани ин қосид ҳузур дошта бошем. Вай худро хеле ҳам нороҳат ҳис мекард: чанде пеш тахтакати зиндон, сатилҳои вазнин аз ҳоҷатхона, ва якбора ба Англия ва боз бо тайёраи шахсӣ. Мо ҳама нишаста интизор шудем. Шахси англис даромада ба мо салом кард ва мепурсад: «Хонум Петрова кист?» Мо қариб аз курсиҳо меафтидем, ин Иркаи мо — хонум аст? Мо бори аввал дар зиндагӣ чунин муомиларо дидем, пештар дар бораи он фақат мешунидем ва онро ҳам бештар аз китобҳо. Ӯ ба вай гуфт: «Ҳамаи ҳуҷҷатҳо барои парвоз тайёр ҳастанд, тайёра дар фурӯдгоҳ шуморо интизор аст, вале мебахшед, шумо гардероби худро нишон намедиҳед?» Ирина ҷевони кӯҳнашудаи ғиҷиросиро кушод, ки дар он ягона куртаи сурхи кӯҳна ва рӯймоли пашмини хокистарранг овезон буданд. Он гоҳ ӯ хоҳиш кард, ки вай бо ӯ ба мағоза равад ва илова намуд: «Шуморо дар хона аллакай ҳама чиз интизор аст, мо фақат барои як бор — барои роҳ мехарем». Ва мо ба мағозаи «Берёзка» — муассисаи пӯшида барои хориҷиён рафтем ва дар он ҷо Иркаро чунон пӯшонданд, ки як пӯстини вай даҳ ҳазор доллар меистод. Ва инак Ираи мо мисли малика ба зинапояи тайёраи шахсӣ мебарояд ва мо аз пасаш нигоҳ карда, фикр мекунем: «Оё ин хоб бошад?»

Баъд вай барои мо нома ва суратҳоро фиристод. Навиштааст, ки чӣ тавр ӯ ҳамроҳи модараш дар назди зинапояи тайёра вайро пешвоз гирифт. Вай ҳамон дам ӯро шинохт: «Ҳамон хел, фақат чаккаҳояш сафед шудаанд». Суханони аввали ӯ чунин буданд:

«Чӣ қадар туро меҷустам ва ту чӣ қадар вақт хомӯш будӣ! Ман ба сафоратхонаи шӯравӣ нома ва телеграммаҳои бисёр фиристодам, то ки ба ман ҷавоб диҳанд, ки зани ман дар куҷост. Ман медонистам, ки ту зинда ҳастӣ. Ва ҳатто вақте ки ту аллакай ду сол дар озодӣ будӣ, ман ҷустуҷӯро давом додам ва аллакай баъди сафедкунӣ аз сафоратхона ҷавоб гирифтам, гӯё ки ту аз касалии домана вафот кардаӣ ва дар ким-куҷое дафн карда шудаӣ, вале ман бо дил ҳис мекардам, ки ту зинда ҳастӣ. Барои ҳамин ман зан нагирифтам ва тамоми ин бисту ду сол туро интизор будам».

Ва Ира инро менависад, ки дар хонаи калони мисли қаср зиндагӣ мекунад. Вале тахтакатҳои ҳабсхонаро ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунад, ки дар рӯи онҳо худро ҷафс карда мехобиданд ва аз тангӣ нафасашон мегирифт. Ба паҳлӯи дигар гаштан фақат бо фармон мумкин буд. Агар ҳамсоя мемурд, одамон хурсанд мешуданд, гарчанде як шаб ҳам бошад, то он вақте ки одами навро наоварданд, озодона нафас кашидан мумкин буд, вале бисёртар ба мурдагон ҳасрат мебурданд: «Барои ӯ хуб аст, озод шуд!» Ана чӣ гуна хушбахтӣ насиби Ираи мо шуд, — ҳикояти худро анҷом дод, Гюли Фёдоровна. — Вале, намедонам, агар бо вай ин фалокат рӯй намедод, оё вай ҳамаи он чизеро, ки ногаҳон ба вай дода шуд, маҳз ҳамин хел қадр мекард, ҳам шавҳари дар садоқат фавқулоддаи худро, ҳам Англияро, ҳам хонаро". Хуб аст, вақте ки чунин муҳаббат ва садоқат дучор мешаванд. Ин муҳаббат моро барои ҳамин мутаассир менамояд, ки ин воқеаи оддӣ нест, хусусан дар замонҳои мо. Ва ин ҳодисаро гӯш карда, ман дар бораи муҳаббати Худо ва садоқати Ӯ фикр кардам: „Туро намемонам ва тарк нахоҳам кард... Инак, Ман ҳаррӯза то охирзамон бо шумо ҳастам".

Вақте ки ман ин сатрҳоро менавиштам, Гюли Фёдоровна вафот кард. Тақдири вазнине ба вай насиб гашта буд. Шавҳари аввалаш вайро партофт ва вақте ки вай ба каси дигар шавҳар кард, аввалааш барои интиқом ҳар дуяшро ба зиндон шинонд, тӯҳмат кардааст, гӯё ки вай ҷосуси ҷопонӣ аз ҷазираи Формоза аст. Дар зиндон вай кӯдакеро таваллуд кард, ки баъди ҳафт моҳ вафот кард. Шавҳари дуюм ҳам дар зиндон мурд. Ба сеюмаш, ки бева буд, дар пиронсолӣ шавҳар кард. Ин дӯсти ҷавонии вай буд. Баъди сафедкунӣ муфатише ки кори Гюлиро тафтиш мекард, аз рӯи таваҷҷӯҳи шахсияш нисбати вай маълумоти пинҳонии шавҳари аввалашро ба вай нишон дод ва таклиф кард, ки ӯро барои қаллобӣ ба зиндон андозад. Вале вай гуфт: „Даркор нест, ӯ оила дорад, ба кӯдакон раҳмам меояд. Ин фақат бадбиниро меафзояд. Масеҳ мегӯяд: «Якдигарро бибахшед»“.

Вай се бор кӯшиш мекард, ки худкушӣ кунад ва ҳар гоҳ наметавонист. Бори охирон, вақте ки вай аллакай дар ҳалқаи дор овезон буд, садое ба гӯшаш расид: „Кӯшиш накун, намешавад. Ҳоло модари ту зинда аст. Ман Худам барои ту меоям“. Вайро диданд ва наҷот доданд. Баъд вай тасодуфан ба чоҳи чуқуре афтод — сатил вайро кашид, ва боз зинда монд. Дар лагер бошад, барои халтаи картошка, ки онро „дуздони зиндон“ дуздиданд ва вай онҳоро фош накард (вагарна зиндониён сарашро мебуриданд), назоратчиён вайро чунон азоб доданд, ки ҳамчун мурда вайро ба анборхона партофтанд. Нисфи шаб вай ба худ омада, худ ва кундаҳои хунукро даст-даст мекард, ки дар болои онҳо афтода буд. Баъд фаҳмид, ки вай белибос аст ва дар рӯи тӯдаи мурдагон хобидааст. Хазида ба назди дар омад ва аз анбор берун баромад. Вақте ки посбон вайро лоғар ва бо мӯйҳои дароз дид, аз тарс фарёд зад: „Тортанак,

тортанак мехазад!“ Ҳамин тавр вай боз зинда монд. Дар зиндон бошад, барои он ки тасодуфан аз саф як қадам пеш рафт, ба синаи чапаш тир холӣ карданд. Дар синааш доғи захм монд, вале тир аз наздаш гузашта рафт. Боз чиҳоро аз сар нагузарондааст: ҳам азоб, ҳам гуруснагӣ ва ҳам калламушҳо дар карсери хунук, вале Худо вайро нигоҳ медошт. Қисмати пуразобе барои вай насиб гашта буд, ҳар кас қобил нест, ки инро тоқат кунад. Вале мегӯянд, ки бори уштур мувофиқи он аст. Вай дили бузурги нек дошт ва маҳз ин дар тамоми бадбахтиҳояш ба вай ёрӣ медод.

15-уми феврал, дар рӯзи Симеони Худоқабулкунанда, дар иди Сретение ман дар хонаи Гюли дар рӯзи таваллудаш будам. Сари миз наздикони шавҳари вай маро таклиф карданд, ки соҳибҷашнро табрик кунам. Ман гуфтам, ки калимаи славянии қадим „сретение“ чун „вохӯрӣ“ тарҷума мешавад. Ин ҷашн кадом вохӯриро тантана мекунад? Дар байни вохӯриҳои сершумори мо як вохӯрии муҳимтарин ҳаст — вохӯрӣ ба воситаи имон, аллакай дар ин ҷо, дар замин бо Худованд Исои Масеҳ. Ин вохӯрӣ тамоми вохӯриҳои дигари моро муайян мекунад ва шояд муҳимтарини онҳоро — вохӯрӣ бо Худо дар ҷовидонӣ. Ман он гоҳ фикр намекардам, ки барои вай ин суханони охирини ман мешаванд. Рӯзи дигар вай вафот кард. Чӣ тавр рост гуфтааст Сулаймон: „Номи нек беҳтар аз равғани қимат аст, ва рӯзи марг — беҳтар аз рӯзи таваллуд“. Вай маргро мехост ва инак аз азоб халос шуд. Хуб мешуд, агар ин воқеаҳо аз зиндагии вай, ки ман онҳоро навиштам, чун хотираи нек дар бораи вай боқӣ монанд. Вай ҳаматарафа боистеъдод буд. Айседора Дункан — раққосаи машҳури амеркоӣ ва зани шоир Есенин — вайро дар синни хурдсолӣ ба тетри худ ба рақс

даъват кард. Гюли Фёдоровна бо бисёр артистони машҳур ошноӣ дошт, вале вақте ки аз зиндон баргашт, ҳама аз тарси гум кардани обрӯю эътибори худ, аз вай дурӣ меҷустанд, зеро вай „душмани халқ“ буд. Танҳо Любов Орлова вайро даъват карда ба вай ҷо дод. Вале акнун барои вай хуб аст, вай дар ҷоест, ки „на бемориҳо ҳастанд, на гиря ва на нола“.

Тақдири Гюли Фёдоровна ба таърихи Русия хос аст, ки пурибадбахтӣ ва азобҳо аст. Бисёриҳо мисли вай ҷазоҳо, ҷанг, зиндонҳо, гуруснагиро аз сар гузаронданд ва албатта дар муқоиса бо ҳамаи ин бадбахтиҳои ҳозираи мо ночиз менамоянд. Ба ҷои он ки имрӯз гунаҳкорони бадбахтиҳои худро бикобем: ҳукумати бад, душманони шарир аз Ғарб, яҳудиён, масонҳо, чеченҳо — дар бораи гуноҳҳои худ ва гуноҳҳои мардуми худ фикр кунем. Мо бояд чунин омурзиш талаб кунем, чуноне ки порсоёни бузург мекарданд, ки аз номи мардуми худ дуо мекарданд: „Мо бо падарони худ гуноҳ кардем, қонунро вайрон кардем, ноҳақӣ кардем“. Мо фақат он вақт умедвор будан метавонем, ки зиндагӣ дар мамлакати мо беҳтар мешавад. „Аммо чӣ гуна онҳо Онеро бихонанд, ки ба Ӯ имон наовардаанд? — мепурсад ҳаввории Павлус. — Чӣ гуна онҳо имон оваранд ба Он, ки дар бораи Ӯ чизе нашунидаанд? Чӣ гуна онҳо бидуни воизон чизе бишнаванд?...“

Имрӯз мо дар вокзал будем. Дар он ҷо одамон чӣ тавр Инҷилро гӯш мекарданд! Ҳафтаҳои охир ман инро хусусан мушоҳида мекунам ва фикр мекунам, ки ин рӯирост бо ҷанги Чеченистон алоқаманд аст. Ман мушоҳидаҳои худро дорам, кадом вақт одамон Инҷилро беҳтар қабул мекарданд: дар вақти табаддулот, баъди он, баъди бӯҳрони 17-уми августи соли 1998 ва акнун дар вақти ҷанг дар Чеченистон. Ин тамоман аҷиб нест, вале факти ғалатӣ аст ва

танҳо дар бораи як чиз шаҳодат медиҳад: „То омадани табар кунда осуда аст“.

Бо миннатдорӣ ба Худо ман ба ёд меоварам, ки чӣ тавр соли 1991 дар назди Манеж ва қасри сафед чор ҳазор нусха Инҷилро ба аскарон тақсим кардем. Дар назди Манеж оромии ваҳшатзо ва мурдавор буд. Танкҳо меистоданд. Дар гирду атроф одамон буданд, вале ягон кас ба каси дигар гап намезад. Ман дар ёд дорам, ки он гоҳ ким-чӣ хел баландиро ёфта, Китоби Муқаддасро болои сар бардоштам ва сарбозонро илтимос мекардам: „Моро накушед, Худо инро намефармояд, Худо хунрезиро намехоҳад. Масеҳ барои он ҷон дод, то ки мо якдигарро дӯст дорем. Мо ҳама бародарон ва хоҳарон ҳастем ва мо як Падар дорем, ки Ӯ дар осмон аст!“

Дар ин оромии даҳшатнок барои ман ҳар лаҳза чунин менамуд, ки ҳоло тирро ба сарам холӣ мекунанд. Ман инро на барои он мегӯям, ки қаҳрамонии худро нишон диҳам, ки он ҳатто набуд, балки фақат барои он ки исбот кунам, ки Худо ҷасорати аҷиброро дар чунин мавридҳо ҳам медиҳад. Дар вақти табаддулот шахси рӯҳонӣ, ходими ҷамъияти библиявӣ, одами шоиста ва гиромӣ, ки ин иқдомро ба ман таклиф намуд, гуфт, ки ман бояд дар бораи Китоби Муқаддас гап назанам, балки фақат фармони Елцинро бихонам, ки дар он ҳамаи табаддулотчиён ғосибони ғайриқонунии ҳукумат эълон шуда буданд. Ба ин ҷавоб додам, ки ман барои Елцин мурдан намехоҳам, ман ба ин ҷо фақат барои Масеҳ омадаам. Ва ман дар он ҷо илҳоми аҷиберо гирифтам, ки барои Масеҳ ягон чиз даҳшатнок нест, ҳатто худи марг ҳам.

Вале дар назди Қасри Сафед ҳама дигар хел буд. Дар он ҷо демократон буданд, он ҷо рӯҳбаландӣ буд, дар он ҷо ҳама чун оилаи ягона муттаҳид шуда

муносибат мекарданд. Вале чӣ тавр он вақт одамон Инҷилро гӯш мекарданд ва онро мегирифтанд!

Худоро шукр, ки дар аввали солҳои 90-ум чашмони бисёриҳо боз шуданд ва одамон аз бадкирдориҳои падарон ва бобоёни худ ба даҳшат афтоданд. Вале афсӯс, ки одам мавҷудоти бесубот ва дурӯя аст. Чӣ тавре дар ҳикояти Инҷил, мардум аввал фарёд мезад: „Ҳушаъно!“ ва баъд: „Таслиб кун!“ Ва чунин бармеояд, ки мо дар як вақт ҳам ба Худо хизмат кардан мехоҳем ва ҳам дар зери байрақҳои сурх рафтанро.

Эй Русия! Нисбати ту рӯҳи
Интиқоми шамшерӣ бархост
Барои он ки хомӯш истодаӣ,
Дар назди салиби лаби роҳ —
На ҷуръат мекунӣ,
Ки чӯбдасти ҳайвонро бигирӣ,
На бори сабуки Масеҳро.

*(В. Иванов)*

Дар пеши ин масъалаи душвори чиро интихоб кардан на фақат Русия, балки ҳар халқ ва ҳар як одам меистад. „Ман зиндагӣ ва маргро ба ту пешниҳод кардам... Зиндагиро интихоб кун, то ки ту ва наслҳои ту зиндагӣ кунед“.

Миннатдорӣ ба Худо, ки ин тирамоҳ ва зимистон мо дар вокзали Ленинград садҳо Инҷилҳоро ба сарбозон тақсим карда додем ва ман боварӣ дорам, ки ин ҳатман самараи нек медиҳад. Боре нисфи толор дар вокзал бо даъватшудагони доғистонӣ пур шуда буд. Маҷбур шудам мавъизаи худро мувофиқ кунам ва ман ба онҳо дар бораи Аллоҳ, пайғамбарон, Муҳаммад ва дар бораи Исо нақл мекардам. Одамони Чеченистон ва Доғистон хашмгин ҳастанд: русҳо

ватани онҳоро торумор карданд ва Масеҳ дар фаҳмиши онҳо рус аст ва пас Ӯ барои онҳо чӣ даркор? „Кавкази ором имрӯз хашмгин аст. Қувваи бегона онро азоб медиҳад...“ (А.С. Пушкин).

Ва ин даъватшудагони доғистонӣ дар вақти мавъиза ба ман мегӯянд: „Занони мо рӯймол доранд“. Дар гардани ман уребча овезон буд ва ман ба онҳо гуфтам: „Бачаҳо, ҳозир ман рӯймолро ба сар меандозам“. Он гоҳ марди ҷавоне ба назди ман омада, пурсид: „Мумкин ман онро мисли худамон ба шумо бибандам?“ Ва уребчаро мисли мусулмонон баста, пешониямро пӯшонд. Бо нидоҳои: „Худӣ! Худӣ!“ — толор ғулғулаомез чапакзаниро сар кард ва баъди мавъиза бисёр доғистониён Инҷилро гирифтанд ва ман шунидам, ки як даъватшуда ба дигаре мегуфт: „Хуб нест, ки мо ин китобро бо дастони ифлос мегирем, охир он муқаддас аст, дастонро шустан даркор“.

Аз байни мусулмонон аз ҳама беҳтар тоҷикон мавъизаро гӯш мекунанд, барои онҳо онро ҳатто ба забони Қуръон тарҷума кардан даркор нест. Як ҳафта пеш баъди мавъиза марди тоҷике бо номи Шолӣ ба назди ман омад ва дар бораи ҷиҳод — ҷанги муқаддаси мусулмонон нақл кард, ки дар он се бародари ӯ ҳалок гардиданд. „Ман бо бародарони худ фахр мекунам, — гуфт ӯ, — чунки онҳо ба осмон рафтанд. Вале коре ки шумо дар ин ҷо карда истодаед, ҷиҳоди беҳтар аст. Зеро ки шумо пинҳон нашуда, „ҷанг“-и ошкоро мебаред. Вале дар он ҷиҳод туро аз қафо мепарронанд, ва ту намебинӣ — кӣ... Боре Аллоҳ дар рӯзи қиёмат мепурсад: „Оё ту китоби Қуръони маро медонӣ?“ Ва мисол, ман мегӯям: „Не ман имконият надоштам: ман забони арабиро намефаҳмидам ва мо 70 сол атеизми шӯравӣ доштем“. Вале Аллоҳ филмро дар бораи ҳаёти ман ба ман нишон

медиҳад ва баъд мепурсад: „Чӣ хел ту нафаҳмидӣ? Ман барои ту ба вокзали Ленинград муаллимро фиристодам“. Барои ман аҷиб буд, ки мусулмони ҳақиқӣ, чунин ба таври инҷилӣ фикр мекард. Вай гуфт, ки агар дар ҳама ҷо чунин ҷанги муқаддас бурда мешуд, чуноне ки мо дар вокзал мебарем, шояд бародарони ӯ зинда мебуданд. Ӯ барои мавъиза сипосгузорӣ кард ва Инҷилро гирифт.

Шояд се бародари куштаи ӯ ӯро ором намегузоштанд ва ӯ ҳамеша дар бораи ҷиҳод фикр мекард: ин чист? Афсӯс, на ҳамаи мусулмонон медонанд, ки маънои ҳақиқии калимаи „ҷиҳод“ „кӯшиш“ аст, ин муҳориба ба муқобили он аст, ки мусулмонон онро „дунё“ меноманд. Дунё, ки худ офаридаи Худо аст, худ аз худ бад нест вале, муомила байни одамон ва корҳои одамон дар замин гоҳо рӯйрост ба иродаи Худо мухолиф ҳастанд. „Дунё“ одамонро ҷазб мекунад ва онҳоро аз зиндагии порсоёна рӯ гардонда, сангдил, ҳарис ва боғурур мегардонад. Ва ҷиҳод ҳам мубориза ба муқобили ин иллатҳо мебошад. Одамон ҳар гоҳ нафрати худро бо бузургтарин, порсотарин ва олитаринниятҳо барои накӯкорӣ асоснок мекунанд. Дар ёд надорам, ки ин шеъри кӣ аст, вале ба он ягон чизро илова кардан даркор нест.

Ба номи баробарии одамон,  
ба номи ақидаҳои афсонавӣ,  
ба номи сулҳ ва озодӣ,  
ба номи бародарӣ ва муҳаббат  
халқҳо аслиҳа месозанд  
ва ҳамаро дар хун ғарқ мекунанд!

Ва тоҷики дигар — ҳунарманди халқии Иттиҳоди Шӯравӣ Ҷӯрабек Муродов, вақте ки ман дар тӯи

калони тоҷикӣ дар Ӯзбекистон ба ӯ Китоби Муқаддасро тақдим кардам, хурсандона онро ба раисони ин шаҳр, ки дар назди ӯ нишаста буданд, нишон дода гуфт: „Бародарони азизи тоҷик, агар мо ин китобро мехондем ва чуноне ки дар ин ҷо навишта шудааст, зиндагӣ мекардем, мо ҳеҷ гоҳ бо ҳамдигар ҷанг намекардем ва ба сарзамини мо осоиштагии дилхоҳ меомад“. Ва ба саволи: „Вале ин китоб дар бораи масеҳият гап мезанад?“ — ӯ ҷавоб дод: „Ин китоб дар бораи мову шумо гап мезанад. Тоҷикон — халқи қадими библиявӣ аст, ки дар озодкунии яҳудиён аз асирии Бобил иштирок кардааст, ва шоҳи форс Куруш, ки ӯро пайғамбари библиявӣ Ишаъё тасвир кардааст, ки барои сохтани маъбади Ерусалим тамоми шароитро муҳайё сохтааст, бобокалони мо аст. Ва вақте ки ман бо консерт дар Исроил будам, ман дар бораи ин дар толори калони кушод гап задам: «Гӯш кунед, яҳудиён, охир мо бо шумо бародар ҳастем ва шумо ҳоло дар назди мо қарздор ҳастед, чунки худи мо дувуним ҳазор сол пеш шуморо аз асирии Бобил халос кардем ва мо ба шумо барои сохтани маъбад ёрӣ додем!» Тамоми толор аз ҷо хест ва бо қарсакзании пурмавҷ ин суханонро писандид. Ва мир калидҳои рамзии шаҳрро ба ман тақдим кард“. Ин ҳунарманд аз тӯй рафта дар пеши чашми тамоми мухлисони сершумори худ Китоби Муқаддасро мӯҳташамона ба синаи худ гузошт. Бисёриҳо медонистанд, ки ӯ ин китобро аз куҷо гирифтааст ва барои ҳамин бо суханони „Китоб, китоб!“ ба назди ман мешитофтанд. Нисбат ба ҳамаи он чизе ки ман солҳои охир мекардам, ӯ дар муддати як соат дар он ҷо бештар кард. Вале ман фикр мекунам, ки бе ин меҳнати дуру дароз ва диққатталаби коштани сухани Худо ин воқеа ҳам намебуд, ки ман онро ҳамчун тӯҳфа аз Худованд қабул кардам. Ҷияни

ман ин ҳунармандро то сарҳади Тоҷикистон гусел карда, хурсандона баргашт, чунки ҳунарманди дӯстдоштааш Китоби Муқаддас ва холаи ӯро таъриф кард. Агарчи чанде пеш ҷиянам ба ман гуфта буд: „Хола, ту бо масеҳият ва Китоби Муқаддаси худ моро беобрӯ мекунӣ“.

Ман бисёр ҷиянҳо дорам, ва шукри Худо, бисёрии онҳо ба имони Масеҳ рӯ оварданд: ду нафарашон семинарияи диниро тамом карданд ва чор нафари дигар ва хоҳарам бо амакбачаам дар коллеҷи библиявӣ таҳсил мекунанд, ҷиянам Лайло ҳамроҳи ман зиндагӣ мекунад ва дар семинарияи динӣ дарс мегузаронад. Вале хусусан ман барои бародари калониам хурсандӣ мекунам, ки дар хонаи ӯ наздикони ман ва ҳамсояҳо, эрониҳо якҷоя дуо мекунанд ва Китоби Муқаддасро мехонанд. Ҳанӯз чанд вақт пеш ин бародар дар бораи Китоби Муқаддас ва Исои Масеҳ суханони носазое мегуфт: „Масеҳи ту кист? Ӯ чӯпони оддии пайғамбари бузурги мо Муҳаммад буд!“ Ва ман ба ӯ ҷавоб додам: „Ту рост мегӯӣ, Масеҳ ҳақиқатан чӯпон буд ва на фақат чӯпони Муҳаммад, балки ҳамаи мо ҳам. Подшоҳ Довуд Ӯро Шубони некдил меномид“. Агар наздикони шумо дар бораи Масеҳ шунидан нахоҳанд ва шуморо таъқиб кунанд, ноумед нашавед. Вақт мисли замини накӯ аст, ки тухмро мепарварад, то ки он ягон вақт қад кашад.

Шояд, фақат дар абадият бо тамоми пуррагӣ ошкор мегардад, ки чӣ тавр Каломи Худо ба қалбҳои одамон таъсири аҷибе бахшидааст. Ду моҳ пеш келини ман нақл кард, ки чӣ тавр вай китоби бачагонаи ба забони ӯзбекӣ „Масалҳои Исо“-ро ба хоҳари хурдии худ дод. Вай дар синфи шашум мехонд ва дар авули дурдаст зиндагӣ мекард. Вай ягон чизро барояш нақл накард, фақат китобчаро монд, ки дар

он Масалҳои Исои Масеҳ ба таври фасеҳ нақл карда шудаанд ва дар саҳифаи охир хулосае дар бораи ин масалҳо оварда шудааст, ки интихоб ва дар роҳи Масеҳ истоданро даъват мекунад. Ва баъд муаллимаи адабиёт, тарафдори ашаддии ислом, ба бачагон вазифа супурд, ки ягон асари бадеиро тайёр кунанд, то дар дарси берун аз синф бихонанд. Ва ин духтар масалҳои Масеҳро хонд. Ба саволи муаллима: „Чаро ту инро ба мо хондӣ?“ — духтар гуфт, ки ин масалҳо дар роҳи равшанӣ ва накӯкорӣ, дар роҳи Масеҳ истоданро даъват мекунанд, бинобар ин онҳоро интихоб кардааст. Духтарро аз мактаб пеш карданд ва баъд бо як азоб қабул карда, бо диққат тафтиш карданд, то фаҳманд, ки шояд вай „пайрави мазҳаби евангелистӣ шуда“, махсус барои мавъиза фиристода шуда бошад. Дар ин авули дурдаст на танҳо мавъизагар, балки ягон масеҳӣ ҳам набуд. Ва инак, тасодуфан китобчае ба даст меафтад, ки дар дили кӯдак мӯъҷиза меофарад, ва вай мехост ин мӯъҷизаро ба дигарон ҳам гуфта диҳад. Ин духтари аҷиб, ки ман вайро ягон бор надидаам, дар авули дурдасти кӯҳӣ зиндагӣ мекунад, дар бораи Наҷотдиҳанда гап мезанад ва намедонад, ки бо ҳамин супориши Масеҳро иҷро мекунад ва аллакай барои Ӯ азоб дид. Дар он ҷое ки мо одамонро бо мавъизаи зинда ба даст оварда наметавонем, китоб кори худро мекунад. Вай мисли тире ки аз камон сар дода шудааст, ба нишони худ мерасад.

Ман барои ин кор дар оилаи худ, дар ватани худ ва инчунин дар ин ҷо дар Москва, дар кучаву вокзалҳо, ба Худо миннатдор ҳастам ва барои он ки зиндагии ман ба касе даркор аст ва он айнан чунин аст. Ин хушбахтӣ ва меҳрубонии Худованд аст — дар токзори Худо кор кардан. Худоро шукр, ки ман дар Москва мондам ва ба Амрико нарафтам, ки

дӯстонам маро ба он ҷо даъват мекарданд. Дар давраи бозсозӣ афзоиши калони муҳоҷират буд. Ман дар ин вақт нав имон оварда будам ва як оилаи масеҳӣ — Дима ва Люся — маро ба хонаи худ даъват кард. Онҳо шаш кӯдаки хурдсол доштанд. Ман ҳамроҳи худ боз як одами беимонро овардам. Дар хонаи онҳо вазъияти хеле қашшоқона буд. Фақат катҳои оҳанин буданд, вале ҳама чиз роҳатафзо ва хурсандибахш буд. Баъдтар ман дидам, ки дар ин оила чӣ тавр хурсандӣ мекарданд, агар дар рӯи миз қанд мебуд, вале он рӯзе ки мо омадем, дар рӯи миз торти хурде меистод. Ва ман шунидам, ки чӣ тавр аз паси дар модар ба фарзандонаш мефаҳмонд, ки торт барои меҳмонон аст ва фақат баъди меҳмон чизе ки мемонад, ба онҳо медиҳад. Албатта, ин воқеа ба ман таъсири калон кард ва ман ин оиларо дӯст доштам ва бо онҳо дӯстӣ мекардам. Дар назди онҳо ман бо як хоҳари имондор, Галя, шинос шудам. Онҳо ҳама қарор доданд, ки муҳоҷират кунанд ва он вақт ин ҳанӯз ягон кори душвор набуд, хусусан барои имондорон, ки ҳазорҳо нафарон бо визаи исроилӣ ба Амрико мерафтанд.

Ман дар зери таъсири ҳамагон афтодам ва ҳуҷҷатҳоро барои муҳоҷират додам. Баъди се моҳ ба ман даъватнома барои ҷои истиқомати доимӣ дар ШМА ва даъватномаи дигар ба сафоратхонаи амрикоӣ омад. Ман он вақт қариб ҳар рӯз дар Арбат мавъиза мекардам ва вақте ки ҳуҷҷатҳоро барои муҳоҷират гирифтам, фикри аввали ман дар бораи Амрико чунин буд: „Дар он ҷо ман чӣ кор мекунам, охир он ҷо Арбат нест?“ Ман намедонистам, ки Амрико чист, ҳоло ягон бор дар Ғарб набудам, вале медонистам, ки чунин Арбат дар он ҷо ҳақиқатан нест. Ва барои зиндагии моддӣ ба он ҷо рафтан — кори беҳуда аст. Агар Арбат намебуд, шояд ман

мерафтам, то ки ҷаҳони дигар ва зиндагии дигарро бинам. Вале он хушбахтиеро, ки ман дар Арбат аз сар гузарондам, бо ягон чиз баробар кардан мумкин набуд ва фақат барои ҳамин ман дар Русия мондам ва ҳатто ба сафоратхонаи амрикоӣ ҳам нарафтам.

Дӯстони ман аз Амрико ба ман нома менависанд ва телефон мекунанд. Чанде пеш Галя навишта буд: „Хуб шуд, ки ту ба Амрико нарафтӣ, ту дар ҷои худат бештар лозим ҳастӣ“. Ман намедонам, ки дар Амрико чӣ мешуд, вале чӣ қадар баракатро дар ин ҷо гирифтам — инро ман нағз медонам. Ман Москваро дӯст медорам, ки дар он ҷо солҳои беҳтарини зиндагии ман гузаштанд. Ва ман бисёр боварӣ доштан мехоҳам, ки дар Русия бедоршавии бузурге ба амал меояд.

Тамоми Русия танҳо азоб,
Нолаи шамол дар шохи дарахтон,
Лекин аз хун ва гиря
Интизории Малакути Ту, Масеҳ,
Пайдо мешавад!

*(С. Соловёв)*

Шумо маро мепурсед, ки барои чӣ ман ин китобро навиштам? Ҷавоби ман дар номи он аст: Масеҳ барои ман баҳори ҷовидонӣ аст. Ман дар фасли баҳор имон овардам. Ва дар иди Фисҳ ба калисои Илёси набӣ рафтам, ки панҷоҳ метр дуртар аз он зиндагӣ мекардам. Дар кӯча мардуми бисёр буд ва рӯҳоние ба балкони калисо баромада, бо нидои фисҳ ҳамаро табрик кард: „Масеҳ эҳё шуд!“ Ва қалби ман бо чунон хурсандие ҷавоб дод: „Ҳақиқатан зинда аст!“, ки аз шодӣ дили ман аз синаам қариб мепарид. „Рӯҳи ҳар як ҷашн — ҳузури касе аст, ки барояш ҷашн мегиранд“ (Филарет Московский). Ва ин ҳузур чунон эҳсосшаванда буд! Барои ман он гоҳ бори аввал

маънои ин табрикоти фисҳ ошкор шуд: дар дунё ба ғайр аз „Масеҳ зинда аст!“ ягон хушбахтии бузургтаре вуҷуд надорад. Эҳёкунандаи Масеҳ моро ҳам эҳё мекунад ва ман боварӣ дорам, вақте ки мемурам, Масеҳ маро дар хок намемонад, балки ҷовидонӣ ба назди худ мегирад. Ва ман ин вохӯриро интизор ҳастам.

Худи ҳамон баҳорон боз як воқеаи дигаре бо ман рӯй дод. Ман навакак ба Худованд рӯ овардам ва қалби ман дар вазъияти хурсандии фавқулодда ва муҳаббат буд. Ин аввали моҳи май буд. Боре шабона ман дуо мекардам. Он гоҳ шаби торики ором ва асрори зиндагӣ маро ба изтироб оварданд. Зиндагӣ чист?... Ашкҳоям ҷорӣ шуданд. Ман хостам дар ин шаб нопадид шуда ғайб занам. Чунон нопадид шавам, чӣ тавре ки қанд ё намак дар об ҳал мешаванд. Ва дар ин лаҳза дили ман аз умқи ҳастии худ фарёд зад: „Худовандо, агар Ту ҳастӣ, ман Туро дидан мехоҳам!“ Ман намедонам барои чӣ ман инро гуфтам. Фақат аниқ медонам, ки ман мӯъҷизаро талаб накардам, ки он вуҷуд доштани Худоро ба ман исбот кунад. Ин суханон худ аз худ аз дили ман баромаданд. Онҳо ҳатто на ба Худо, балки гӯё ба ин шаб муроҷиат шуда буданд. Ва якбора, ногаҳонӣ, ҷавобро шунидам: „Мебинӣ!“ Овоз на мардона ва на занона буд, он мисли фаҳмиш аз дил меомад. Ман як қад паридам ва ҳамон дам фаҳмидам, ки ин аллакай ногузир аст: ман чизеро мебинам. Ва азбаски ин бо Худо алоқаманд буд, ман фикр кардам, он даме ки ин ба амал меояд, ман якбора аз тарс мемурам. Ва ман фикран хоҳиш кардам: „Фақат натарсам“. Ва он шаб ягон чиз рӯй надод ва ман хоб рафтам.

Баъди чанд рӯз, қариб соати чори нисфирӯзӣ ман дар ҳуҷраи худ будам ва ба назди тиреза омада ба осмон нигоҳ кардам, то бинам, ки оё борон намешавад. Ҳаво абрнок буд. Ман бисёр шитоб

доштам. Ман сарамро аз тиреза бароварда ба осмон нигоҳ кардам. Дар осмон то синааш Масеҳ буд. Чашмони калони аҷиб ба ман нигоҳ мекарданд. Тарҳи рӯйи хеле равшан дошт. Чор ҳалқаи мӯй, дутоӣ ба ҳар тарафи китфҳои Ӯ овезон буданд. Ман ба Ӯ чунон нигоҳ мекардам, ки гӯё рӯзе се бор Ӯро медида бошам. Оромии тамом дар дили ман ҳукмфармо буд, гарчанде ки ман тааҷҷуб мекардам: „Бинед-а! Дар осмон Масеҳ аст?! Ҳайратангез! Фақат афсӯс ки Ӯ ким-чӣ хел бевақт ба ман зоҳир шуд, зеро ман бояд корҳоям биравам“. Ман боз камтар ба Ӯ нигоҳ кардам ва Ӯро монда, давида рафтам. Ӯ чунон чеҳраи оромона дошт, гӯё чӣ қадаре ки ман ба Ӯ ниго  мекардам, Ӯ ҳамон қадар дар он ҷо мемонд. Вале корҳои беҳудаи ман зарууртар буданд. Ман Ӯро дар осмон монда, саросемавор барои ким-кадом кори саҳл рафтам ва ҳатто то бегоҳии бевақт дар бораи ҳодисаи рухдода ёд накардам. Вале шояд Худо ҳамаи инро қасдан барпо кард, зеро ман хоҳиш карда будам: „Фақат натарсам“. Ва бегоҳӣ дар хона, вақте ки ман барои таоми шом нишастам, он садоро боз дар дил шунидам: „Дидӣ?!“ Он гоҳ ҳама ба хотирам омад: шаб ва гиря, дуо ва гуфтугӯ. Ва фақат он вақт фаҳмидам, ки ман чӣ кор кардаам. Чӣ тавр рост гуфтааст як факеҳ, ки агар одамон ҳар рӯз дар осмон фариштаро соати 12 медиданд, чанд вақт тааҷҷуб мекарданд ва баъд ба осмон фақат барои он нигоҳ мекарданд, то ки соатҳои худро „аз рӯи фаришта“ тафтиш кунанд.

Ин ҳодиса дар Арбат ба ман хеле ёрӣ медод, гарчанде ман дар бораи он ба беимонон ҳеҷ гоҳ нақл накардам. Ва ҳатто ба имондорон ҳам инро фақат дар мавридҳои алоҳида нақл мекардам. Дар Арбат гоҳе чунин файласуфони „аҷиб“ дучор мешуданд, ки бо баҳсу мунозираҳои худ одамон ва имони нозуки

маро ба изтироб меоварданд. Ва он гоҳ Масеҳи зинда дар осмон ба ёдам меомад. Дар як лаҳза ҳама дигар мешуд, гӯё ки маро иваз мекарданд: қувваи ҷонбахше дар ман пайдо мешуд ва ман бо чунин эътимоднокӣ нақл карданро сар мекардам, ки ҳама аз „оқилон“ хоҳиш мекарданд, ки ё хомӯш бошанд ё ин ки бираванд.

Ман боварии комил дорам, ки имондорон ҳар рӯз дар вазъиятҳои оддитарин мӯъҷизаҳоро мебинанд. Ва мӯъҷизаи аз ҳама бузург муҳаббат аст, ки дар дили мо ҷо мегирад. Муҳаббат ва фақат муҳаббат қобил аст бадиро, ки дар замин ҳукмрон аст, мағлуб кунад. Танҳо он метавонад зиндагии моро хушбахт гардонад ва онро бо маъно пур кунад. Чунин ривояте ҳаст: вақте ки ҳаввори Юҳанно хеле пир шуд ва зиндагии заминии ӯ ба охир мерасид, яке аз шогирдонаш бо саволе ба ӯ муроҷиат кард: „Юҳанно, барои чӣ ту ҳама вақт дар бораи муҳаббат гап мезанӣ: дар бораи муҳаббати Худо ба мо ва муҳаббати мо ба ҳамдигар?“ Ва он гоҳ Юҳанно, ки аз ҷавонӣ Масеҳро дӯст медошт ва дар синаи Ӯ мехобид, ҷавоб дод: „Чунки ягон чизи дигар нест — фақат муҳаббат“.

Ҳар як одам дар замин аз муҳаббат барои муҳаббат офарида шудааст, чунки вай сурат ва шабоҳати Худо аст. Ҳар як одам — ганҷ, „бойигарии нотамом“ аст ва дар бораи ҳар яке китоби алоҳидаро навиштан мумкин аст. Вале агар ин муяссар шавад ҳам, хотираи одам зудгузар аст. „Хотираи абадиро ба амал овар“ — мехонем мо дар назди тобут. Ва Худо ба мо ҷавоб медиҳад: „Бо муҳаббати абадӣ Ман туро дӯст доштам“. Ва ман ҳам мехостам дар саҳифаҳои ин китоб дар бораи муҳаббати Худо ба мо нақл кунам.

Масеҳ мақсади ягонаи зиндагии ман аст. Зиндашавӣ ва баҳори ҳамешагии ман дар Ӯст.



Бибиям бо фарзандонаш. Аз чап якум — модари 20-солаи ман.

Оилаи мо





Ман бо бибиям Прасковия



Модари ман Хатина Степановна



Гюли Фёдоровна баъди 16 соли лагерҳои сталинӣ



Ман дар меҳмонии рассом Гюли Фёдоровна ва шавҳари 97-солааш




Мавъиза дар Арбат




Хабар оиди Масеҳ дар назди мақбараи Ленин







Калисои „Хушхабар“ дар Москва



Ҷамоати имондорон дар Ӯзбекистон



Ҳамду санои Худованд Исои Масеҳ